БАЙЗОЕВ АЗИМ

# ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР: РАҲЁФТИ МАҶМӮӢ БА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР ЗАМИНАИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМ



Kitob quyidagi ko'rsatilgan muddatda topshirilishi shart

| Oldingi foydalanishlar miqdori | |
|---|---|
| | |


БАЙЗОЕВ АЗИМ

# ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР:

# РАҲЁФТИ МАҶМӮӢ БА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР ЗАМИНАИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМ

ҲАДЯ
ИНСТИТУТИ "ҶАМЪИЯТИ КУШОДА"
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН
DONATION
OPEN SOCIETY INSTITUTE -
ASSISTANCE FOUNDATION - TAJIKISTAN
ДАР
ИНСТИТУТ "ОТКРЫТОЕ ОБЩЕСТВО"
ФОНД СОДЕЙСТВИЯ - ТАДЖИКИСТАН

Душанбе
«Донишварон»
2017

ББК 84 тадж 7-5
Б-38
ISBN 978-99975-53-15-7

**Байзоев Азим. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешкадам.** – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.

Дар монография масоили марбут ба татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, пеш аз ҳама, Япония таҳлил ёфтааст. Дар он на танҳо мушкилоти ҷалби бачагони имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти умумӣ, балки ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти онҳо – аз оила ва кӯдакистонҳо то бо меҳнати шоиста таъмин намудани онҳо баррасӣ шудаанд. Дар баробари проблемаҳои таҳсилоти фарогир баъзе масъалаҳои марбут ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ низ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд.

Ба мутахассисон ва оммаи васеи хонандагон тавсия мешавад.

**Байзоев Азим. Инклюзивное образование: комплексный подход к решению проблем на основе передового опыта.** – Душанбе: Донишварон, 2017 г. – 150 с.

**Bayzoev Azim. Inclusive Education: Combined Approach to Problem Solution Based on the Best Practices.** – Dushanbe: Donishvaron, 2017. – 150 p.

**Муҳаррир:**
**Амонӣ С.** – ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муқарризони матни русӣ:**
**Кара Анжела** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири лабораторияи Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Ҷумҳурии Молдова;
**Софийи Натали** - мудири Маркази илмию методии таҳсилоти фарогири Донишгоҳи Киев ба номи Борис Гринчек.

**Муқарризони матни тоҷикӣ:**
**Кодиров Ш.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори ТҶ «Иқтисод ва маориф»;
**Абдурашитов Н.** – мудири шуъбаи педагогика, психология ва таҳсилоти фарогири Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Бо қарори Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.**

**Китоб бо мусоидати Шуъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон ба табъ расидааст. Мавқеи ИҶК-БМ бо нуқтаи назари муаллиф метавонад мувофиқ набошад.**

© Байзоев Азим, 2017

## МУНДАРИҶА

ИХТИСОРАҲО .....4
ИТМИНОН, УМЕД, МУҲАББАТ .....5
ПЕШГУФТОР БА НАШРИ ТОҶИКӢ .....7
АРЗИ СИПОС .....9
РОҶЕЪ БА ОМИЛИ ИНСОНИИ РУШД (БА ҶОЙИ САРСУХАН) .....11
МУХТАСАР РОҶЕЪ БА МОҲИЯТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР .....15
СИЁСАТ ВА ИДОРА: ТАҶРИБАИ ЯПОНИЯ ВА МАСОИЛИ ИДОРА ВА ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ТОҶИКИСТОН .....24
НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАНОСУБИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ .....32
ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ҲАМЧУН ҶАРАЁНИ ДАРОЗМУДДАТ .....40
ТАМСИЛА (МОДЕЛ)-И НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР: ТАЛАБОТИ АСНОДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАТБИҚИ ОН .....42
ДАСТГИРИИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД: АЗ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ТО БОКОРТАЪМИНКУНӢ .....53
ТАҲЛИЛИ РОҲҲОИ ГИРИФТАНИ МАЛАКАҲОИ КАСБӢ ВА БО КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД .....62
ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО ВА БОЗОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОН БАРОИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР .....70
ИМКОНПАЗИРИИ ИМКОННОПАЗИР, Ё ҲАМА ЧИЗ РОҲИ ҲАЛ ДОРАД .....80
ШИНОХТИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД, Ё ХУД НОБИНОЁН ҲАМ ФУТБОЛБОЗӢ МЕКУНАНД .....84
ФАРҲАНГ, ДИН, ҶОМЕА .....89
НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ТОҶИКИСТОН ВА МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО .....99
НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР МУСОИДАТ БА РУШДИ ИНКЛЮЗИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН .....111
ПРОБЛЕМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ (ЧӢ ҚАДАР ДОРЕМ ВА ЧӢ ТАРЗ САРФ МЕКУНЕМ?) .....118
ҲАДАФ РАВШАН АСТ. ЧӢ ТАРЗ ОНРО БА ДАСТ ОРЕМ? .....137
СОЛИ НАВИ 2030 МУБОРАК, ДӮСТОНИ АЗИЗ! (БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН) .....142
ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА .....145



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 1946

## ИХТИСОРАҲО

JICA ............ Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ
БТ ............... барномаи таълим
ВМИ ............ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВММША ...... Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ
ВМФВМТ ..... Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технологияи Япония
ВТМҲИ ........ Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Япония
ВТҲИ ........... Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ
ДДОТ ........... Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
ИҶК-БМ ....... Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон
КИМ ............ кӯдак(он)и имконияташон маҳдуд
ММТ ............ Маркази миллии тестӣ
МПТП .......... Машваратгоҳи психологӣ-тиббӣ-педагогӣ
МТ ............... методи таълим
МТМТ .......... Мактаб барои талаботи махсуси таҳсилотӣ
МТУ ............. муассисаи таҳсилоти умумӣ
НБ ............... норасоии биноӣ
НИТ ............. нақшаи инфиродии таълим
НРА ............. норасоии рушди ақлонӣ
НРҶ ............. норасоии рушди ҷисмонӣ
НС ............... норасоии саломатӣ
НШ .............. норасоии шунавоӣ
ТМТ ............. талаботи махсуси таҳсилотӣ
ТФ ............... таҳсилоти фарогир
ТҶ ............... ташкилот(ҳо)и ҷамъиятӣ
ХО ............... Хазинаи Оғохон
ҶТ ............... Ҷумҳурии Тоҷикистон
ШИМ ............ шахс(он)и имконияташон маҳдуд
ЮНИСЕФ .... Хазинаи кӯдакони СММ (Тоҷикистон)



## ИТМИНОН, УМЕД, МУҲАББАТ

Ҳамоно пас аз мутолиаи китоби «Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ): таҷрибаи пешқадам ва мушкилоти татбиқи он дар шароити Тоҷикистон» (матни русӣ – А.Б.), ки ба хонандаи гиромӣ, шахсе, ки барояш тақдири ҳазорон кӯдакони мо бо имкониятҳои маҳдуд бетафовут нест, пешкаш мешавад, мафҳумҳои «Итминон», «Умед», «Муҳаббат» ба хотирам омад.

Таваҷҷуҳи хонандагонро ба аҳаммияти масоили мавриди назар бори дигар таъкид кардан шарт нест – ин масъала худ аз худ равшан аст. Гузашта аз ин, дар кишвари мо заминаи мусоиди ҳуқуқӣ оид ба таъмини шахсони имконияташон маҳдуд бо зиндагии шоиста фароҳам оварда шудааст. Дар баробари мақомоти расмии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии дохилӣ дар пешбурди раванди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ низ фаъолона ширкат мекунанд. Адабиёти таълимӣ ва методии дахлдор таҳия шудааст, дастурҳо ва мақолаҳо ба нашр расидаанд, чорабиниҳои зиёд гузаронида мешаванд, дар радио ва телевизион барномаҳои махсус ба ин масъала бахшида мешаванд. Ҳамаи ин боиси хушнудист.

Вале қобили зикр аст, ки китоби мазкур дорои хусусиятҳои хоси худ аст, ки онро ҷолибтару шавқовартар мекунад.

Пеш аз ҳама, муаллиф барои аввалин бор саъю кӯшиш кардааст, ки масоил ва мушкилоти таҳсилӣ ва ҳаётии шахсони имконияташон маҳдудро дар маҷмӯъ ва ҳамбастагӣ таҳқиқу таҳлил кунад. Сониян, дар ҳар лаҳзаи мувофиқ ӯ аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта, махсусан, Япония ёдовар мешавад, ки натиҷаи сафари омӯзишӣ ва иштирок дар Барномаи байналмилалии ӯст. Ниҳоят, раҳёфти муаллиф ба ҳалли мушкилоти мавҷуда дар кишвари мо на ба истифодаи одӣ, нусхабардории таҷрибаи кишварҳои дигар, балки ба таҳлили муқоисавии он бо дарназардошти шароити ҳақиқӣ, имкониятҳо ва ҳувийяти миллӣ асос ёфтааст.

Услуби нигориши муаллиф хеле ҷолиб аст. Ӯ дар баррасии маводи мавриди назар аз услуби илмӣ-оммавӣ истифода намуда, гоҳе ба руҷӯи лирикӣ имкон медиҳад. Услуби илмии нигориши факту далелҳо бо мисолҳои одиву сода аз ҳаёти ҳаррӯза омехта гардидааст. Ин услуб, ба андешаи мо, китобро ҷолибтар гардонида, ба васеътар

намудани доираи хоанандагон ва истифодабарандагон мусонда намудааст.

Дар баробари хулосаҳои ҷолибу муҳим ва пешниҳодҳо мушаххас, ки ба ҳалли проблемаҳои мавҷуда равона шудаанд, муаллиф ба баъзе мулоҳизаҳои субъектӣ низ роҳ медиҳад, ки розӣ шудан бо онҳо мушкил аст. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, маҳз чунин тарзи нигориш таваҷҷуҳи мутахассисон, масъулон, падару модарон, худи шахсони имконияташон маҳдуд ва ҳамаи онҳоеро, ки бо ин масъала кор мекунанд, ба худ ҷалб намуда, онҳоро ба мулоҳизаронӣ ва табодули назар оид ба масъалаҳои мавриди назар даъват менамояд.

Бояд эътироф кард, ки ҳамаи мулоҳизаҳои ӯ, новобаста ба он ки аз ҷониби хонанда чӣ гуна истиқбол мешавад (дуруст/нодуруст, қобили қабул/ғайри қобили қабул, хуб/на он қадар бамаврид ва ғ.), саршор аз ҳисси Итминон, Умед ва Муҳаббат ба оянда аст.

*Каримова Ирина Холовна,*
*академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*



## ПЕШГУФТОР БА НАШРИ ТОҶИКӢ

Соли 2016 китоби мо таҳти унвони «Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана» бо забони русӣ ба табъ расид [16], ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи маориф, омӯзгорон, падару модарон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар риштаи таҳсилоти фарогир фаъолият мекунанд, хеле хуш пазируфта шуд. Бояд гуфт, ки ман онро махсус ба забони русӣ таҳия карда будам. Дар чандин конференсияву семинарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни таҳсилоти фарогир доир гардида буданд, ҳамкорони мо аз хориҷи кишвар бар он ақида буданд, ки дар Тоҷикистон гӯё дар ин самт таҳқиқот хеле кам гузаронида мешавад. Табиист, ки онҳо аз таҳқиқотҳои ҷолиби солҳои охир, ки дар кишвари мо анҷом гирифта, натиҷаҳои он ба шакли мақолаву китобҳои алоҳида ба забони тоҷикӣ ба табъ расидаанд, иттилоъ надоштанд. Бинобар ин ман тасмим гирифтам, ки онро ба забони русӣ ба табъ расонам, то ки дастраси ҳамкорони мо берун аз кишвар низ бошад. Ва, ба гумонам, хато накардам. Гувоҳи он ин аст, ки баъзе муҳаққиқони хориҷӣ низ ба он баҳои баланд доданд. Аз ҷумла, Софий Наталия, мудири Маркази илмиву методии таҳсилоти фарогири Донишгоҳи Киев ба номи Борис Гринчек чунин ибрози ақида намудааст: *Китоби Байзоев А. М. «Таҳсилоти фарогир: таҷрибаи пешқадам ва мушкилоти татбиқи он дар шароити Тоҷикистон» метавонад на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои дигар, махсусан, дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ низ боз як манбаи хеле муҳим ва муфид дар рушди таҳсилоти фарогир бошад, зеро он тамоюлҳои умумии ислоҳоти низоми маорифро дар заминаи таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, аз ҷумла, ба таҳсилот инъикос мекунад».*

Ё худ, Кара Анжела, яке аз муқарризони варианти русии китоб, доктори илмҳои педагогӣ, мудири лабораторияи Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Кишинев (Молдова) низ бар он андеша аст, ки китоб барои масъулон ва менеҷерони соҳаи таҳсилоти фарогир дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии қобили назар аст.

Аммо дар дохили кишвар ҳамзамон бо ибрози қаноатмандӣ аз чопи китоб ва аҳаммияти матолиби он баъзе аз ҳамкорону мутахассисон пешниҳодҳои муфиде ба миён гузоштанд. Пеш аз ҳама, аксари онҳое, ки бо варианти русии китоб ошно гардиданд, чунин андеша доштанд, ки таҳия ва чопи он ба забони тоҷикӣ айни муддаост.

[illegible] ба масъалаҳои [illegible] фароҳам созад. [illegible] кишвари [illegible] маҳаллӣ [illegible] маҳдуд, [illegible] имкониятҳои [illegible] байналмилалӣ ва [illegible] масоил аст. [illegible] низом ё [illegible] ШИМ, рушди таҳсилии [illegible] касбӣ низ аз [illegible] ёбад.

Маҳз ин андешаҳо моро водор сохт, ки ба нашри тоҷикии ин китоб бипардозем. Лозим ба ёдоварист, ки унвони китоб низ каме тағйир дода шуд, зеро он фақат тарҷумаи нашри русии китоб набуда, бо дарназардошти мулоҳизаҳои боло ба нашри тоҷикии он тағйироту иловаҳо ворид шудаанд. Нашри тоҷикии китоб бо мусоидати Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон сурат гирифтааст. Бинобар ин, бо истифода аз фурсат, мо ба Раёсати ин созмон ва ҳамоҳангсозони барномаҳои таҳсилоти он арзи сипос менамоем.

Умедворем, ки чопи ин китоб ниёзҳои масъулон ва мутахассисони соҳа, омӯзгорон, падару модарон ва ҳаводорони ҷалби ҳамаи кӯдаконро ба таҳсили босифат, новобаста ба истеъдоду имкониятҳои инфиродӣ, то андозае бароварда месозад ва дар роҳи ҳалли мушкилоти мавҷуда саҳми сазовор мегузорад. Бори дигар таъкид кардан бамаврид аст, ки фикру андешаҳо дар атрофи мавзӯъҳои мавриди назар дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлилу таҳқиқи худи мо ташаккул ёфтаанд ва мо ҳаргиз даъвои ниҳоӣ ва қобили қабул будани ҳамаи онҳоро надорем. Ҳадафи мо даъвати мутахассисону масъулон ва аҳли ҷомеа ба таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи масоили таҳсилоти фарогир ва доир намудани табодули назар аст, то ки қадамҳои мо дар ин самт оқилонаву устувор ва амалишаванда бошанд.

Дар айни замон, ҳар як фикру андеша ва пешниҳодоти хонандагони гиромӣ дар мавриди боз ҳам беҳтар намудани мазмуну муҳтавои матолиби мавриди назар хуш пазируфта хоҳад шуд.

*Байзоев Азим*





Аз 22-юми август то 29-уми сентябри соли 2015 ба ман муяссар гардид, ки дар Барномаи байналмилалии омӯзишӣ оид ба таҳсилоти фарогир (Promotion of Inclusive Education/Special Needs Education), ки аз ҷониби Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) дар доираи Барномаи давлатии «Бунёди якҷояи дониш» (Knowledge Co-Creation Program) пешниҳод мешавад, ширкат намоям. Ин ва дигар навъи хизматҳои омӯзишӣ аз ҷониби ҳукумати Япония аксаран ба кишварҳои рӯ ба инкишоф тибқи карордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ расонида мешавад. Омӯзише, ки аз қисматҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буд, дар Маркази омӯзишии JICA дар шаҳри Йокогама доир гардид. Дар он намояндагони ҳашт кишвар аз Осиё ва Африқо ширкат варзиданд.

Сафари ман ба шарофати кӯшишҳои Ҳукумати ҶТ ва Вазорати маориф ва илми ҶТ, ҳамчунин бо мусоидати Намояндагии JICA дар Тоҷикистон имконпазир гардид, ки барои ин аз мақомоти муътабари номбурда хеле сипосгузорам.

Дар Япония бо мо роҳбарон ва ҳамоҳангсозони Барнома хеле самимӣ ва пурмаҳсул кор карданд: онҳо ҳамаи чорабиниҳои дар Барнома пешбинишударо дар сатҳи баланди касбӣ ташкил намуданд. Дар ҳама ҷо – мактабҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои ҷамъиятӣ моро ҳама: аз хонандаи одӣ, омӯзгор ва падару модар то профессор, ректор, роҳбарони мунитсипалитетҳо (шаҳру ноҳияҳо) ва префектураҳо (музофотҳо, вилоятҳо) бо меҳрубониву меҳмоннавозии хос истиқбол мекарданд. Дар китоб аксҳо ва слайдҳо аз презентатсияҳои профессорон, мутахассисон ва ҳамоҳангсозон бо иҷозати расми онҳо дар тарҷума истифода шудаанд. Ба ҳамаи онҳо сипосгузорам. Ҳамчунин мехоҳам ба ҳамкорони нави худ – иштирокчиёни Барнома аз Вйетнам, Муғулистон, Афғонистон, Мозамбик, Мянмар, Свазеленд, Тонго ва Тувалу самимона арзи сипос намоям. Мубоҳисаву мулоқотҳо, табодули назар аз таҷрибаи якдигар ба мо имкон дод, ки ҳамдигарро беҳтар шиносем ва дар меҳвари як ҳадафи башардӯстона – фароҳам сохтани муҳити мусоид ба кӯдакони имконияташон маҳдуд (КИМ) муттаҳид шавем.

Пас аз бозгашт аз Япония мо ба семинаре, ки аз ҷониби Намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон бо иштироки аъзои гурӯҳҳои кории ВМИ ҶТ, созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии

маҳаллӣ баргузор гардид, даъват шудем. Дар он ҷо таҷрибаи Японияро оид ба таҳсилоти фарогир пешкаши иштирокчиёни семинар намудем. Баъдан ҳамин гуна семинарҳо дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои мутахассисон ва дар раёсати маорифи ш. Душанбе барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баргузор гардиданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо бо дастгирии Намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Зимни кор ба ҳайси роҳбари яке аз гурӯҳҳои корӣ, ки аз ҷониби ВМИ ҶТ таъсис дода шуда буданд, ба Гурҷистон сафари омӯзишӣ анҷом додам. Ин сафар бо дастгирии Намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон ташкил шуда, ба ҳайати гурӯҳ намояндагони Ҳукумат ва Парламенти Тоҷикистон, ВМИ ҶТ, ВМҲИ ҶТ ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ шомил буданд. Фаъолият дар лоиҳаи «Индекси фарогирӣ (инклюзия): рушди таълим ва иштирок дар мактаб» (ИҶК – БМ) ба сифати мушовири миллӣ ба ман имкон дод, ки дар чанд семинару тренингҳо иштирок намуда, бо фаъолияти баъзе аз муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии инклюзивӣ дар ш. Душанбе ва вилояти Хатлон аз наздик шинос шавам. Дар доираи татбиқи ин лоиҳа китоби муҳаққиқони англис таҳти унвони «Индекси фарогирӣ (инклюзия): рушди таълим ва иштирок дар мактаб» ба забони тоҷикӣ таҳия ва чоп гардид [53]. Ҳамзамон аз ҷониби мо Роҳнамои истифодаи ин китоб низ таҳия гардида, дастраси омӯзгорон, падару модарон ва мутахассисон гардид [17].

Ҳарчанд ки таҳияи китоби «Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам» бештар дар асоси таҷрибаи Япония таълиф гардидааст, дар он таҷрибаҳои кишварҳои дигар ва ҳамчунин маводи зиёде, ки аз чорабиниҳои фавқуззикр ба даст омадаанд, истифода шудаанд. Бинобар ин ба ҳамаи созмондиҳандагон ва иштирокчиёни ин чорабиниҳо низ арзи сипос мекунам.

Ман қасдан номи касеро дар ин ҷо ба таври мушаххас наовардам, зеро намехоҳам, ки касеро аз мадди назар тасодуфан дур кунам, аммо як чиз аниқ аст: бо эътимод ва эътирофи комил метавон гуфт, ки дар таҳияи ин китоб саҳми арзандаи ҳар яке аз онҳо ҳаст. Ва ҳамаи онҳоро дар ёд дорам, эҳтиром мекунам ва ба ҳамкориҳои судманди оянда бо онҳо умед дорам.



## РОҶЕЪ БА ОМИЛИ ИНСОНИИ РУШД (БА ҶОЙИ САРСУХАН)

Аз 1 то 3-юми сентябри соли 2015 дар шаҳри Токио Форуми сеюми кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба тавонбахшӣ дар сатҳи маҳалла (Community Based Rehabilitation) баргузор гардид, ки шунавандагони Барномаи таҳсилоти фарогир низ даъват шуда буданд. Субҳи рӯзи 2-юми сентябр мо бо автобус ба самти Токио равона шудем. Дар роҳ иштирокчии дуюми Барнома аз Тоҷикистон – Сарвиноз Икромова ногаҳон смартфони худро ба даст гирифту сабти видеоии онро равшан кард ва ба ҳамаи мо бо як савол муроҷиат кард: «Шумо аз Япония ба ватани худ чӣ чизеро мехоҳед бо худ баред?» Ҷавобҳо хеле гуногун буданд: гурӯҳе бар он андеша буданд, ки тарзи роҳсозӣ дар Япония онҳоро тасхир кардааст (зимнан, дар тӯли қариб 40 рӯзе, ки дар он ҷо будем, ягон ҳодисаи роҳбандиро дучор наомадем ва ҳатто боре ҳам сигнали автомашинаеро нашудем!), гурӯҳи дигар аз биноҳои баландошёна ба ваҷд омада буданд (он ҳам дар шароити заминларзаву тӯфонҳои шадид, ки ба Япония хос аст). Қисме аз иштирочиёни Барнома аз самимияту меҳнатдӯстии мардуми Япония бо лаҳни хос ҳарф заданд, иддаеро низоми гуногунҷабҳа, аммо муназзаму самараноки таҳсилоти Япония ба худ ҷалб карда буд – алқисса, андешаҳову мулоҳизаҳо оид ба Япония ва ҷомеаи он хеле гуногун буданд ва ҳар яке мехост, ки заррае аз онро бо худ ба ватанаш барад. Вақте ки навбати ҷавоб додани ман ба ин савол расид, беихтиёр гуфтам: «Ман мехоҳам тарзи японии тафаккурро бо худ барам!» Ҳама бо тааҷҷуб ба ман нигаристанд ва дар навбати худ, гуфтаҳои худро чунин тавзеҳ додам: «Мо метавонем роҳсозии Японияро нусхабардорӣ кунем, аммо агар фарҳанги нигоҳдории онро надошта бошем, онҳо зуд хароб хоҳанд шуд, мо метавонем ба тақлид аз япониҳо биноҳои боҳашамати бисёрошёна бисозем, аммо агар онҳоро хуб идора карда натавонем, мушкилоти зиёде ба бор хоҳанд овард, мо метавонем низоми таҳсилоти худро тибқи тамсила (модел)-и японӣ тағйир диҳем, вале он самарае нахоҳад дод, зеро ҷомеаи мо дигар аст, сиёсати мо дигар аст. Аммо агар мисли онҳо фикр карданро ёд гирем, метавонем ба ҳадафҳои наҷиби худ ноил гардем, ки бо дарназардошти шароити ҳақиқии кишварамон муайян гардида, ҷавобгӯйи орзуву омоли худи мо бошанд.»

Ин андеша маро ҳеҷ гоҳ тарк намекард, баръакс, дар ҳар як дарс, дар ҳар як сафари омӯзишӣ ба мактабҳо, донишкадаҳову донишгоҳҳо ва шаҳру деҳоти Япония он бештару бештар дар заминаи таҳлили таҷрибаи Япония ва шароити ҳақиқии Тоҷикистон қавитар мегардид. Ҳанӯз дар ҳамон ҷо таҳти таъсири таассуроти амиқ ғояи иншои китобе дар ин бора ба сарам омад, ки онро ба нақшаи фаъолиятҳои минбаъдаи худ, ки таҳия ва презентатсияи он тибқи ҳадафҳои Барнома пешниҳод гардида буд, ворид намудам.

Ҳамин тариқ, ин китоб арзи вуҷуд намуд. Вале он танҳо оид ба таҷрибаи Япония нест ва фақат ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир низ бахшида нашудааст. Гузашта аз ин, ҷузъитарин фикре дар сари ман нест, ки чизеро аз Япония ё аз кишварҳои дигар нусхабардорӣ кунем. Албатта, таҳлилу омӯзиши таҷрибаи пешқадам муҳим ва муфид аст. Аммо кӯшиши нусхабардорӣ кардани он, таҷрибаи дигаронро дар кишвари худ айнан татбиқ намудан на ҳамеша дуруст ва ҳатто баъзан хатарнок аст, зеро барои татбиқи таҷрибаи ягон кишвари пешрафта ба мо захираҳое лозим мешаванд, ки дар он кишвар мавҷуданд, шахсоне лозиманд, ки ба тарзи дигар андеша меронанд, ниҳоят ҳамон навъи тафаккуре лозим аст, дар асоси он таҷрибаи мавриди назар татбиқ мешавад. Ба итминони комили мо, бисёр саъю кӯшишҳои мо дар гузаронидани ислоҳот, аз ҷумла, дар соҳаи маориф (масалан, татбиқи маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои олии касбӣ[1]), пеш аз ҳама, ба он сабаб то ҳол натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд, ки мо мехоҳем низомро тағйир диҳем, аммо барои тағйир додани тафаккури худ, муносибати худ кам фикр мекунем, шароити ҳақиқии кишвари худ, захираҳои инсонӣ ва кадрӣ, имкониятҳои молиявӣ ва моддии худро ба назар намегирем.

---

[1] Роҷеъ ба проблемаҳои татбиқи маблағгузории сарикасӣ ва низоми кредитии таҳсилот муфассалтар нигаред: Қодиров Ш., Байзоев А., Амонов Н. Таҳлили маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ирфон. –148 с.; Байзоев А. Мушкилоти татбиқи низоми кредитии таҳсил//Таҳқиқоти педагогӣ: Мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир (Маводи конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии ПРМ), 2014. – с. 161-164.



Аз ин рӯ дар ин китоб кӯшише ба харҷ дода шудааст, ки вазъиятро бо дарназардошти ҳамаи омилҳои таъсиррасони номбурда тавре дигаргун созем, ки кӯшиши «беҳтар кардан» ба мо на аз берун, на аз ҷониби созмонҳои байналмилалии маблағгузор ё мушовирони байналмилалӣ, балки аз ҷониби худи мо сурат гирад. Танҳо дар ҳамин маврид саъю кӯшиш ва иқдомоти мо ҳақиқитар, оқилонатар, самарабахштар ва дар айни замон ҷавобгӯйи ниёзҳои ҷомеаи мо, талаботи конвенсия ва қонунҳои байналмилалӣ хоҳанд буд.

Ба сифати мутахассиси соҳаи маориф[2] фаъолияти худро аз ибтидои солҳои 2000-ум оғоз намудам. Дар тӯли солҳои 2000- 2002-юм дар лоиҳаи инфиродӣ худ таҳти унвони «Тавъами анъана ва навоварӣ ҳамчун роҳи муассиртарини ислоҳоти маориф» таҳқиқот анҷом додам. Дар доираи татбиқи ин лоиҳа соли 2002-юм ба Донишгоҳи Вашингтон, воқеъ дар шаҳри Сиэтли ИМА сафари омӯзишӣ анҷом додам. Қайдҳо аз натиҷаҳои ин лоиҳа дар ду шумораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо номи «Бо дидаи ибрат нигарем» ба табъ расида буданд. Ҳанӯз ҳамон вақтҳо аз ҷониби мо масъалаҳои норасоии низоми панҷхолаи баҳогузорӣ, тарзу усулҳои дохил шудан ба мактабҳои олӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи истеъдодҳои ҷавон дар сатҳи давлатӣ ба миён гузошта шуда буданд [15].

Баъдтар кору фаъолият дар чандин лоиҳаву барномаҳо ва иштирок дар як силсила конференсияву семинарҳои байналмилалӣ, сафарҳои омӯзишӣ ба кишварҳои Аврупо ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, таҳия ва нашри ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ доир ба масоили мухталифи маориф муяссар гардиданд. Аввалин бор ба масоили ҷалби кӯдакони аз таҳсил дурмонда ба мактаб соли 2005 оғоз кардам: яке аз аввалин таҳқиқоте, ки ба проблемаҳои аз таҳсил дур мондани бачагон бахшида шуда буд, бо дастгирии ИҶК–БМ аз ҷониби мутахассисони Маркази дастгирии ислоҳоти маориф "Пулс" таҳти унвони "Бачагони аз таҳсил дурмонда" соли 2005 сурат гирифт, ки ман ба сифати танзимгари лоиҳа ширкат намуда будам. Натиҷаҳои ин таҳқиқот ба забонҳои русӣ ва англисӣ ба табъ расид [12] ва соли 2008 ба маҷмӯаи таҳқиқоти

---

[2] Калимаи «маориф» дар ин ҷо на ба маънои маъмулии низоми таълиму тарбия, балки ба маънои қисми алоҳидаи илм истифода шудааст, ки масоили сиёсату идора, ислоҳот ва такмил, мазмун ва сифати таҳсилот ва дигар паҳлуҳои вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия, аз ҷумла, таҳсилоти фарогирро баррасӣ мекунад.

байналмилалӣ дар шакли мухтасар ворид гардид [9]. Ин таҳқиқот ба таҳлили проблемаҳои тарки мактаб аз ҷониби кӯдакони солим бахшида шуда бошад, ҳам, ҷузъи таркибии таҳсилоти фарогир ба ҳисоб меравад.

Соли 2006 муҳаққиқи соҳаи гендершиносӣ дар Донишгоҳи Канзаси ИМА будам. Фаъолият ба сифати роҳбари Барнома ва муаллими забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ дар курсҳои забономӯзии тобистонаи Донишгоҳи Аризона дар ш. Темпи, ИМА (2009-2013) ба ман имкон дод, ки мушоҳид ва иштирокчии бевоситаи ҷараёни таълим дар мактабҳои таҳсилоти миёна ва олии ИМА бошам.

Аммо маҳз сафар ба Япония таҳриккунандаи асосии таҳлили ҳамаҷонибаи низоми маорифи мо гардид. Ҳарчанд ки унвони китоб бо таҳсилоти фарогир маҳдуд гардидааст, дар он баъзе масоили дигари умумии соҳаи маориф низ баррасӣ шудаанд.

Он чи ки омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи Япония нисбат ба таҷрибаҳои кишварҳои дигари Аврупо ё ИМА барои ман муҳимтар аст, якчанд далел дорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироийи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон ба он равона шудааст, ки дар баробари бунёди заминаи рушди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таҳсилотии ба стандартҳои байналмилалӣ асосёфта, мо бояд расму оинҳо ва анъанаҳои мусбати фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоии худро, ки аз дастовардҳо ва мояи ифтихори мардуми тоҷик ба ҳисоб меравaнд, низ нигоҳ дошта бошем. Ба ибораи дигар, мо бояд тамоми чораҳоро бяндешем, то ки ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ба анъанаҳо, орзуву омол, фарҳанг ва дини мо халал ворид накунанд, яъне мо бояд ҳувийяти миллии худро ҳифз ва афзун намоем. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ борҳо моро ба ин даъват намудаанд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, ба андешаи мо, таҷрибаи Япония хеле ғолиб аст: ин кишвар беҳтарин дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳониро аз худ намуда, дар баробари ин ҳувийяти худ, расму анъанаҳои худ, фарҳанги худ, умуман, ҳар он чиро, ки ифтихори миллӣ маҳсуб мешавад, ҳифз намудааст. Мутаассифона, ин чизро мо дар мисоли кишварҳои дигари аврупоӣ мушоҳида намекунем.

Мо мехоҳем умедвор бошем, ки ба шарофати истифодаи оқилонаи захираҳо ва ташаккулу рушди муносибати касбӣ ба проблемаҳои ҷойдошта, тавонем қуллаҳои нави рушди маорифро фатҳ намоем.



## МУХТАСАР РОҶЕЪ БА МОҲИЯТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

Ғояҳои фарогирӣ (ҷалби ҳамаи одамон ба ҳаёти арзишманд ва ҷомеа новобаста ба қобилиятҳои инфиродии онҳо) дар ашъори пурмазмуни бузургони адабиёти классикӣ амиқ инъикос ёфтаанд. Ёдовар шудани чунин сатрҳои устоди сухан – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кофист:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Ё худ, Саъдии ширинсухан фармудааст:

*Банӣ одам аъзои як пайкаранд,*
*Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.*
*Чу узверо ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Аммо истилоҳи «таҳсилоти фарогир» (ТФ) ба мо аз ҷаҳони мутамаддини муосир тайи солҳои охир таҳвил дода шуд. Инсофан бояд иқрор шуд, ки дар кишварҳои пешрафта, дар ҳақиқат, дар ин ҷода солҳои охир корҳои зиёде анҷом гирифтанд. Мо ин ғояҳоро тарғибу ташвиқ мекардем, аммо натавонистем пештар аз дигарон онҳоро дар амал роҳандозӣ кунем. Ва дар тӯли қарнҳои зиёд ин ғоя ба сифати орзуи ширин боқӣ монд... Ҳоло фурсати он нест, ки бо хаёлпарастӣ машғул шуда, ба саволҳои «Чаро ин тавр шуд?», «Кӣ гунаҳгор?» ва амсоли онҳо ҷавоб ҷӯем. Акнун навбати амал расидааст, вагарна вақти пурқимат ва аз он муҳимтар – ҳаёти ҳазорон инсонҳо боз аз даст хоҳад рафт.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор иқдомоте анҷом гирифтанд, ки ба ислоҳот ва такмили низоми таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир равона шудаанд. Ёдовар шудан кофист, ки соли 2011 Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 қабул шуда буд [44]. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», ки дар таҳрири нав соли 2013 ба тасвиб расид, аввалин бор истилоҳи «таҳсилоти фарогир» ворид карда шуд [45]. Бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ИҶК – БМ лоиҳаҳои зиёде доир ба

ҷанбаҳои мухталифи таҳсилоти фарогир таҳия ва татбиқ гардиданд, конференсияҳои байналмилалӣ гузаронида шуданд, дастурҳои методӣ таҳия гардида, ба табъ расиданд [35; 36; 46; 52]. Ҳамаи ин боиси хурсандист. Аммо ин ҳама барои ба даст овардани ҳадафҳои наҷиби таҳсилоти фарогир ҳанӯз кофӣ нест. Таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии мо қадамҳои аввалини худро мегузорад ва хеле муҳим аст, ки ин қадамҳо мустаҳкаму дуруст бошанд. Мулоҳизаву андешаҳои мо низ маҳз ба ҳамин масъала равона шудаанд.

Пеш аз ҳама, худи мафҳуми «таҳсилоти фарогир»-ро шарҳ додан лозим аст. Ин мафҳумро ҳам ба маънои васеъ ва ҳам ба маънои хос истифода мекунанд. Тавсифи умумии мафҳуми ТФ ба ҳама маълум аст: ТФ ҷараёни рушди таҳсилоти ҳамагонӣ аст, ки дастрасии таҳсилотро барои ҳама аз нуқтаи назари мутобиқ сохтани он ба эҳтиёҷоти гуногуни ҳамаи кӯдакон фароҳам месозад. Он дастрасии ҳамаи кӯдакони талаботи махсусдоштаро ба таҳсилоти умумӣ таъмин месозад. Гуногунфаҳмии ТФ ба маъноҳои васеъ ва хос ба муайян намудани мафҳуми «кӯдакони талаботи махсусдошта» вобаста аст. Аз ин ҷо дар маънои васеи худ ТФ ҷалби ҳамаи гурӯҳҳои кӯдакони талаботи махсусдошта, аз ҷумла, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, табақаҳои осебпазири ҷомеа, бачагони ба истилоҳ душвортарбия, мушкилоти саломатӣ дошта ва ҳатто бачагони болаёқатро ба таҳсилоти ҳамагонӣ дар назар дорад. Ба маънии хос тахти истилоҳи ТФ ҷалби «кӯдакони талаботи махсуси саломатӣ дошта» ба таҳсилот фаҳмида мешавад, ки бояд ҳамроҳи ҳамсолони худ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил намоянд. Ба ибораи дигар, агар барои кӯдакони гурӯҳҳои дигар сухан дар бораи таъмини дастрасии таҳсилот, аз ҷумла таҳсил дар муассисаҳои мутафовит аз мактабҳои маъмулӣ (литсейу гимназияҳо, мактабҳои боравия, мактабҳо барои кӯдакони болаёқат ва ғайра) равад, барои кӯдакони талаботи махсуси саломатӣ дошта мафҳуми «таҳсилоти фарогир» тавъами дастрасӣ ва ҷомеашавиро ба назар мегирад. Яъне, таъмини ҷалби ин навъи кӯдакон ба муассисаҳои таълимии умумӣ ба ҷойи таҳсили онҳо дар мактаб-интернатҳо фаҳмида мешавад. Маҳз ҳамин маънои хоси ТФ дар замони муосир дар маркази таҳқиқу баррасӣ ва татбиқ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад [20, 43]. Дар муносибат бо ин гуна шахсон аз истилоҳи «кӯдакони имконияташон маҳдуд» (КИМ) ё ба таври васеътар «шахсони имокнияташон маҳдуд» (ШИМ) истифода мешавад.



Бояд дар хотир дошт, ки муносибати давлат ва ҷомеа бо гурӯҳи шахсони талаботи махсуси саломатӣ дошта танҳо бо пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ маҳдуд намешавад. Ин гуна кӯдакон аз замони таваллуд то марҳилаи бокортаъминкунӣ ба муносибати махсус эҳтиёҷ доранд.

Таҳсилоти фарогир аз байн бурдани монеаҳоеро дар назар дорад, ки барои ҳар як кӯдак ба таври алоҳида барои таъмини зиндагии шоистаи ӯ метавонад вуҷуд дошта бошад. Аз ҷониби дигар, чунин монеаҳо метавонанд ҳам дар худи кӯдак вуҷуд дошта бошанд, ҳам дар ҷомеа. Инро дар мисоли расми зерин шарҳ додан мумкин аст:

**МАҲДУДИЯТ ЧИСТ?**




**МАҲДУДИЯТ ДАР КУҶОСТ?**
*(аз презентатсияи Кенджи Куно (Kenji Kuno, PhD), Маркази байналмилалии JICA, ш. Йокогама).*

Маҳдудият дар мисоли додашуда аз он иборат аст, ки кӯдаки аробачасавор наметавонад мустақилона вориди мағоза шавад ва харид кунад. Дар ин маврид аксари мутахассисон маҳдудият (монеа)-ро на дар худи кӯдак, балки дар ҷомеа мебинанд, ки вобаста ба навъи маҳдудияти кӯдак шароити мусоид фароҳам насохтааст. Аммо ҳақиқати ҳол он аст, ки маҳдудиятро бояд дар ҳама ҷо дид: дар сохтори бино, ки дар баробари зинаҳои маъмулӣ ҷойи ҳаракат бо



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM № 1946

аробачаҳо (болобароии мусаттаҳ, ҳамвор)-ро ба назар нагирифтаанд; дар сохтори худи мағоза, ки дари воридии он на дар ҷойи ҳамвор, балки пас аз зинаҳо қарор дорад; дар номукаммалии сохти аробача, ки тавассути муҷаҳҳаз сохтан бо механизмҳои иловагӣ тавонад бо зинаҳо боло барояд; ниҳоят, дар худи кӯдак, ки бе шарму ибо аз дигарон кумаку ёрӣ пурсиданро ёд гирад ва ҳамчунин дар оянда аз навъҳои мукаммалтари аробачаҳо истифода карда тавонад. Бо дарназардошти навъҳои маҳдудиятҳои ҷойдошта барои рафъи онҳо чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Ғайр аз ин, ТФ фақат фароҳам сохтани имкониятҳои баробари дастрасиро (ба таҳсилот, ба кор, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ғ.) дар назар надорад, балки раҳёфти одилонаро тақозо мекунад, то ки ҳар як кӯдак ҳамон ҳаҷми хизматрасониҳоро дар ихтиёр дошта бошад, ки барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ басанда бошад (ба сурат нигаред):

**БАРОБАРӢ ВА АДОЛАТ**



**ИН – БАРОБАРӢ** **ИН– АДОЛАТ**

*(Аз презентатсияи Ҷун Кавагучи (Jun Kawaguchi), дотсенти Донишгоҳи Осака)*

Бачагоне, ки дар расми тарафи чап тасвир ёфтаанд, имкониятҳои баробар доранд, аммо ин ҳанӯз барои дастрасии тамошои мусобиқаи варзишӣ барои ҳамаи онҳо кофӣ нест. Раҳёфте, ки дар расми дигар нишон дода шудааст, ба ҳама имконият медиҳад, ки аз тамошои мусобиқа як хел ҳаловат баранд.



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM №

Муносибат ба ШИМ дар тӯли қарнҳо яксон набудааст. Муносибати анъанавӣ, ки баъзе аломатҳои он то ба имрӯз маҳфуз мондааст, аз ҳама дурушттар ва ноодилона буда, ба бадбинии инсон асос ёфтааст. Дар чунин тарзи муносибат одамон таваллуд шудани КИМ-ро аз «ғазаби Худо» медонистанд, аз кӯдак ва падару модари ӯ худро канор мегирифтанд, онҳоро аз ҷомеа ҷудо мекарданд. Баъдтар, ба шарофати пешрафти илми тиб ва пайдо шудани имконияти табобати чунин кӯдакон муносибати тиббӣ ҷойгузини муносибати анъанавӣ шуд. Вале муносибати тиббӣ дар кӯдакон фақат беморӣ ва норасоиҳои физиологиро «мебинад», ки аз рӯйи имконият онҳоро бояд табобат кард.



Аммо дар замони муосир муносибати иҷтимоӣ рӯйи кор омадааст, ки ҳадафи он тағйир додани муносибати муҳити иҷтимоӣ ба хотири иҷтимоишавии ин гуна кӯдакон, тайёр намудани онҳо ба ҳаёти комилу шоиста дар ҷомеа аст. Ғояи асосии муносибати иҷтимоӣ дар интиқоли мушкилот аз кӯдаки имконияташ маҳдуд ба худи ҷомеа (муҳит) аст. Яъне, мушкилоте, ки дар кӯдак мавҷуд аст, ин мушкилоти худи ӯ набуда, балки номукаммалии ҷомеа аст, ки худро ба кӯдак мутобиқ насохтааст. Тамсила (модел)-ҳои тиббӣ ва иҷтимоиро ба таври мушоҳида дар ҷадвали зерин муқоиса кардан мумкин аст:

| ТАМСИЛАИ ТИББӢ | ТАМСИЛАИ ИҶТИМОӢ |
|---|---|
| Кӯдак номукаммал аст. | Ҳар як кӯдак арзишманд аст ва бояд ҳамон тавре ки ҳаст, қабул шавад. |
| Ташхиси тиббӣ (диагноз) | Ҷиҳатҳои қавӣ ва талаботе, ки аз ҷониби худи кӯдак ва атрофиёни ӯ муайян мешаванд. |
| «Тамға» задан | Муайян кардани монеаҳо ва ҳалли мушкилот. |
| Норасоӣ (беморӣ) дар маркази диққат қарор мегирад. | Гузаронидани чорабиниҳо (чораҷӯйиҳо), ки барои ба даст овардани натиҷа равона шудаанд. |
| Арзёбии талабот, тафтиш, табобати беморӣ | Дастрасии хизматрасониҳои стандартӣ бо истифода аз захираҳои иловагӣ |
| Ҷудокунӣ ва пешниҳоди хизматҳои алоҳидаи махсус | Омода кардан ва таълими падару модарон ва мутахассисон |
| Мавқуф гузоштани талаботи муқаррарӣ | Ташаккули муносибатҳои нав байни одамон |
| Дар сурати имконпазирӣ – барқарор намудани вазъи ба андозае муътадил, дар акси ҳол – ҷудо кардани маъюбон аз дигарон | Мавҷудияти тафовутҳо ба таври мусбат пазируфта мешаванд. Ҷалби ҳар кӯдак ба ҳаёти муътадил таъмин мегардад. |
| **Натиҷа: Ҷомеа бетағйир мемонад.** | **Натиҷа: Ҷомеа инкишоф меёбад.** |

Вобаста ба тамсилаҳои тиббӣ ва иҷтимоии муносибат ба маъюбият ду тарзи муносибатро дар таҳсилоти КИМ мушоҳида кардан мумкин аст: муносибати тиббӣ ба таҳсилоти КИМ (проблема дар худи кӯдак аст) ва муносибати иҷтимоӣ ба таҳсилоти КИМ (проблема дар низоми таҳсилот аст). Ин ду тарзи муносибатро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:





Ҳамин тариқ, муносибати иҷтимоӣ ба КИМ дар назар дорад, ки ҳангоми мутобиқ сохтани ҷомеа ва муҳит, аз ҷумла, созгор намудани шароити таҳсил (анҷом додани корҳои иловагии сохтмонӣ ва муҳити муътадили муносибати байни одамон, ба роҳ мондани таълим аз рӯйи нақшаҳои инфиродӣ ва ғайра), барои ҳар КИМ имконияти таълиму тарбияи ӯ ҳамроҳи ҳамсолонаш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фароҳам меояд. Ғояҳо ва принсипҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун таҷрибаи байналмилалии татбиқи ҳуқуқҳои КИМ ба таҳсил бори аввал дар Эъломияи Саламанка «Дар бораи принсипҳо, сиёсат ва фаъолияти амалии бачагони талаботи махсусдошта дар соҳаи маориф» (1994) муфассал дарҷ ёфтаанд. Бештар аз 300 иштирокчӣ, ки намояндагони 92 кишвар ва 25 созмони байналмилалӣ буданд, дар Эъломияи Саламанка «зарурат ва таъхирнопазирии таъмини таҳсилотро барои бачагон, ҷавонон ва калонсолони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ дар доираи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» эътироф намуда, изҳор намуданд, ки «ногузирии ислоҳоти ҷиддии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ» ба миён омадааст[3]:

Мо чунин меҳисобем ва ботантана эълон мекунем, ки:

- ҳар як кӯдак ба таҳсил ҳуқуқи асосӣ дорад ва бояд имкони гирифтан ва нигоҳ доштани сатҳи дониши қобили қабул дошта бошад;
- ҳар як кӯдак дорои хусусиятҳо, манфиатҳо, қобилиятҳо ва талаботи таҳсилии нодиру нотакрор мебошад;
- низоми таҳсилотро бояд тавре бунёд намоем ва барномаҳои таълимро ҳамон тавре таҳия ва татбиқ кунем, ки ҳамаи ин гуногуниҳои хусусиятҳо ва талабот ба назар гирифта шаванд;
- шахсоне, ки дорои талаботи махсус ба таҳсилот мебошанд, бояд барои таҳсил дар мактабҳои муқаррарӣ дастрасӣ дошта бошанд ва ин мактабҳо бо дарназардошти методҳои педагогӣ барои онҳо шароити мусоид фароҳам оранд, ки барои қонеъ гардонидани ин талабот мусоидат намоянд;
- мактабҳои муқаррарии мутобиқ ба таҳсилоти фарогир самаранoктарин василаи мубориза бо тасаввуротҳои табъизомез, бунёди фазои мусоид дар ҷомеа, эҷоди ҷомеаи инклюзивӣ ва таъмини таълим барои ҳамагон аст. Гузашта аз ин, онҳо таҳсилоти ҳақиқиро барои аксарияти кулли бачагон фароҳам месозанд, самаранокии таълимро баланд мебардоранд ва дар ниҳояти кор манфиатоварии низоми таҳсилотро таъмин мекунанд.

*Эъломияи Саламанка «Дар бораи принсипҳо, сиёсат ва фаъолияти амалии кӯдакони талаботи махсусдошта дар соҳаи маориф», ки дар Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба таҳсилоти шахсони дорои талаботи махсус: дастрасӣ ва сифат» қабул шудааст.*

*Саламанка, Испания, 7–10-уми июни соли 1994*



*Иштирокчиёни Барнома*

[3] Барои маълумоти муфассалтар руҷӯъ кунед ба китоби «Таҳсилоти фарогир». –Душанбе, 2013. – с. 46-66.

## СИЁСАТ ВА ИДОРА: ТАҶРИБАИ ЯПОНИЯ ВА МАСОИЛИ ИДОРА ВА ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ТОҶИКИСТОН

Аксари муваффақиятҳои нодиру чашмрас, ки Япония дар тӯли солҳои охир, аниқтараш, пас аз анҷоми Ҷанги ҷаҳонии дуюм ба даст овардааст, ба омили инсонӣ асос ёфтааст. Кишваре, ки дорои захираҳои фаровони табиӣ нест, кишваре, ки дар Ҷанги ҷаҳонии дуюм мағлуб гардида, фоҷиаи Хиросима ва Нагасакиро аз сар гузаронидааст, тавонист, ки дар тӯли ҳамагӣ 25 соли баъди ҷанг рушди босуръату бенизирро таъмин намуда, дар қатори пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон ҷой гирад. Ин рушди беназирро мутахассисон «муъҷизаи японӣ» ном кардаанд.

Дар маълумотномаҳо ин «муъҷиза» ба чунин тарз тавзеҳ ёфтааст: «Дар таърихи иқтисоди ҷаҳонӣ фактҳои гуногуни рушди босуръати давлатҳо ба мушоҳида мерасанд, ки дар байни онҳо муъҷизаи иқтисодии Япония ҷойи хосса дорад. Хусусияти асосии ин муъҷиза рушди беҳамтои некуаҳволии халқ ва давлат аст, ки аз соли 1950 то соли 1973 ҳамасола 10%-ро ташкил дод. Дар ин давра ин нишондиҳанда дар ҷаҳон аз ҳама баландтарин ба ҳисоб мерафт.» (*Роҷеъ ба муъҷизаи иқтисодии Япония. Мавод аз интернет*).

Мутахассисон омилҳои зеринро ҳамчун сабабҳои асосии рушди босуръати Япония қайд мекунанд:

- Сатҳи пасти андозбандӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ дар тамоми сатҳҳои фаъолият мусоидат мекунад.
- Татбиқи фаъолонаи технологияҳои нав ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисод ва истеҳсолот.
- Рушди фаъолияти иттифоқҳои касаба, ки ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолиро таъмин намуд.
- Ислоҳоти замини соли 1947, ки ба шарофати он деҳқонон заминҳои иҷоравии худро ба моликияти шахсӣ табдил доданд.
- Танзими маблағҳои пулӣ.
- Таъсиси сартосарии сохторҳо оид ба назорати сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда.



Ҳамаи ин иқдомот на танҳо боиси қадамҳои бузург дар рушди технологӣ гардид, балки муносибатҳои муфиду самараноки байни ҳукумат ва соҳибкоронро таъмин намуда, истеҳсолкунандаи миллиро дастгирӣ намуд ва барои коргарони кироя ҷойҳои босуботи кориро кафолат дод.

Агарчи дар ҳама ҷо аз муъҷизаи иқтисодӣ ҳарф мезананд, пай бурдан душвор нест, ки ин муъҷизаи японӣ, пеш аз ҳама, маҳз ба захираҳои инсонӣ, аз ҷумла, ақлу тафаккур, идораи оқилона, истифодаи самараноки захираҳо, бунёди ҷомеаи муттаҳид ва ғайра такя мекунад.

Дар ин замина низоми таҳсилот ҷойгоҳи махсус дорад, зеро маҳз таҳсилот на танҳо дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, балки барои омӯзонидани **тарзи дурусти зиндагӣ** барои ҳама нақши муҳим мебозад. Табиист, ки ба даст овардани чунин муваффақиятҳо бидуни доштани низоми муназзаму босифати таҳсилот имконнопазир аст. Япония, мисли дигар кишварҳои ҷаҳон, барои узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шудан саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад, аммо дар ин ҷода ба саросемагӣ роҳ намедиҳад, ба таври «автоматӣ» ворид шудан намехоҳад, балки бо андешаи амиқ ва ақли инсонӣ ҳаракат мекунад. Вобаста ба мавзӯи ТФ, ки мавриди баҳси мост, чунин ҷузъиётро қайд кардан мумкин аст, ки нишонгари нозукиву дақиқии навъи японии тафаккур аст:

*Дар соли 2006 КОНВЕНСИЯИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ДОРОИ МАЪЮБИЯТ[1] қабул гардид. Япония Конвенсияро моҳи сентябри соли 2007 имзо намуд ва... онро 20-уми январи соли 2014 ба тасвиб расонд (ратификатсия кард).*

Хонандаи одӣ ва ҳатто баъзе кормандони давлатӣ дар ин ҷумла ҳеҷ чизи ғайриодиро намебинанд: «Хайр, чӣ? Имзо карданд ва ба тасвиб расонданд. Дар ҳамаи кишварҳои дунё чунин аст.» Аммо ҳаргиз чунин содаву одӣ нест! Агар дақиқтар назар кунем, хоҳем дарёфт, ки фосилаи замонӣ аз рӯзи ба имзо расонидани Конвенсия то тасдиқи расмии он бештар аз 6,5 солро ташкил медиҳад! Ва ин ҳам барои

[1] Маҳз дар Конвенсияи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият муқарраротҳи асосии таҳсилоти фарогир ба сифати кафолати давлатӣ муайян гардидаанд. Доир ба ин мавзӯъ нигаред ба қисми "Тамсила (модел)-и низоми таҳсилоти фарогир."

кишваре, ки дорои иқтисоди пешрафта, захираҳои молиявии кофӣ ва низоми муназзаму босифати таҳсилот аст!

Ин фосилаи замонӣ барои япониҳо барои он лозим буд, ки заминаҳои қонунгузорӣ, низоми идораи таҳсилоти фарогир, методҳои татбиқи муқарраротн Конвенсия ва манбаъҳои маблағгузории онро бо талаботи Конвенсия пурра мутобиқ ва мувофиқ намоянд, то ки он фақат дар рӯйи коғаз намонда, дар амал татбиқ шавад ва самаранок фаъолият намояд.

Дар ин фосилаи замонӣ (6,5 сол) дар ин самт чунин корҳо ба анҷом расиданд:

- *Декабр, 2009: Раёсати ислоҳоти сиёсат дар соҳаи маъюбият таъсис ёфт;*
- *Август, 2011: Ба Қонун «Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» тағйироту иловаҳо ворид гардиданд;*
- *Июл, 2012: Ҳисоботи Шӯрои марказии таҳсилот (ВМФВИТ) таҳти унвони «Мусоидат ба таҳсилоти талаботи махсус барои рушди низоми таҳсилоти фарогир, ки бунёди ҷомеаи муттаҳидро таъмин мекунад» таҳия гардид;*
- *Июн, 2013: Қонун «Дар бораи аз байн бурдани табъизи шахсони имконияташон маҳдуд» ба тасвиб расид;*
- *Сентябр, 2013: Ба Қонун «Дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (мактабӣ)» тағйироту иловаҳо ворид гардид.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз узви Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият нест, аммо, ба итминони комили мо, ин масъалаи вақт аст – он рӯз дур нест, ки Тоҷикистон низ ин Конвенсияро ба имзо расонад.

Аммо мо таҷрибаи таҳия ва қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогирро барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 дорем. Албатта, ин ҳуҷҷати дохилӣ аст, кафолати иҷрои ҳатмии ҳамаи муқарраротн онро талаб намекунад ва иҷро нашудани баъзе аз муқаррарот ва ҳадафҳои он кишварро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳолати ногувор намегузорад. Аммо он моро ба андеша водор месозад: **Мо онро замоне қабул кардем, ки дар Қонуни ҳамонвақта «Дар бораи маориф» мафҳуми «таҳсилоти фарогир» ҳанӯз вуҷуд надошт.** Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», ки соли 2013 дар таҳрири нав қабул гардид, ин истилоҳ дар боби 1 моддаи 1, вақте ки сухан аз истилоҳот ва



мафҳумҳои асосӣ меравад, ба тариқи зайл муайян шудааст: **таҳсилоти фарогир** - *барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот* [45,3]. Беҳтарин шарҳ, аммо чизи аз ҳама муҳим аз мадди назар берун мондааст: таҳсилоти фарогир ба маънои идеалии худ (ин нукта дар Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият низ мушаххас шудааст) **дастрасии таҳсилотро ба кӯдакон, новобаста ба талаботи онҳо, дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дар маҳалли зист дар назар дорад.** Дар худи матни Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» тартиби татбиқи таҳсилоти фарогир муайян нагардидааст.

Масъалаҳои дуруст муайян намудани мафҳумҳои соҳаи маориф, пешбинии самтҳои асосии рушди он ва роҳҳои татбиқи таҳсилоти фарогир дар остонаи таҳия ва қабули Кодекси маориф, ки ҳоло дар марҳилаи баррасӣ қарор дорад, аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Тавре ки аз баррасии ин масъала дар Форуми таҳсилот, ки аз ҷониби ИҶК–БМ моҳи декабри соли 2016 баргузор гардид, бармеояд, аксар мутахассисон бар он ақидаанд, ки дар Кодекс ба таҳсилоти фарогир бахш (боб)-и алоҳида бахшида шавад. Дар матни ибтидоии Лоиҳа низ масоили марбут ба таҳсилоти фарогир дар бахши алоҳида тавзеҳ ёфтаанд. **Лозим ба ёдоварист, ки таҳсилоти фарогир қисми алоҳидаи низоми таҳсилот набуда, он ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот – томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таъаллуқ дорад. Аз ин рӯ, онро на ҳамчун бахши алоҳида, балки дар дохили таҳлили ҳамаи зинаҳои таҳсилот баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Муҳим он аст, ки зикри таҳсилоти фарогир ва ҷанбаҳои гуногуни татбиқи он бояд на ҳамчун фаъолияти якборагӣ ва фаврӣ, балки ҳамчун чораёни дуру дарози фаъолияти сохторҳои низоми таҳсилот ва сиёсату идораи соҳаи маориф таҳлил ёбад. Ҳамчунин масъалаҳои мутобиқати муқарраротн Кодекс ба қонунҳои дигари ҷумҳурӣ ва санадҳои дахлдори байналмилалӣ, аз ҷумла, Конвенсияи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият низ бояд мӯшикофона таҳлил ёфта, инъикос шаванд.**

Барои раҳёфти идораи оқилона дар Япония боз як мисол меорем. Ба унвони ду вазорат дар ин кишвар таваҷҷуҳ кунед:

- *Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технология;*
- *Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ.*

Агар вазифаҳои ин ду вазоратро бо Тоҷикистон муқоиса кунем, дар ҷумҳурии мо онҳо дар байни кумитаву вазоратҳои зерин тақсим шудаанд:

- *Вазорати маориф ва илм;*
- *Вазорати фарҳанг;*
- *Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;*
- *Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;*
- *Вазорати саноат ва технологияҳои нав;*
- *Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва туризм.*

Ҳамин тариқ, дар кишваре, ки 127,3 млн. нафар аҳолӣ дорад (2013), якчанд соҳаро ба як вазорат муттаҳид карда метавонанд, аммо дар мо барои ҳар як соҳа як вазорат ё кумитаи алоҳида фаъолият мекунад. Махсус қайд кардан мехоҳам, ки бо ин мулоҳизаҳо ҳаргиз даъвои даъват ба азнавсозии сохтори вазоратҳоро дар Тоҷикистон надорам. Ман мехоҳам пеши худ ва хонандагон саволҳое гузораму посух биҷӯям: «Чаро чунин аст?», «Сабабу мақсадҳои асосии муттаҳид сохтани якчанд вазифаву уҳдадориҳо дар як вазорат кадомҳоянд?», «Оё ин хуб аст ё бад?» ва ғайра.

Барои ҷавоб ёфтан ба ин саволҳо таваҷҷуҳи хонандаи гиромиро мехоҳам ба азнавсозии сохтории баъзе вазоратҳои мо ҷалб намоям. Замоне буд, ки Вазорати ҳифзи иҷтимоӣ фаъолият мекард. Баъдтар идораи соҳаи ҳифзи иҷтимоиро ба Вазорати меҳнат таҳвил доданд, ки дар натиҷа номи он ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ табдил ёфт. Ниҳоят, чанд сол пеш ин соҳа ба салоҳияти Вазорати тандурустӣ гузашт ва он низ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ табдили ном кард.

Барои идораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар замони шӯравӣ Кумитаи таҳсилоти касбӣ-техникӣ (Комитети маълумоти касбӣ-техникӣ) фаъолият мекард, ки баъдтар идораи он ба зиммаи Вазорати маорифи халқ вогузор гардид. Дере нагузашта, Кумитаи тайёр кардани кадрҳои коргарӣ таъсис дода шуд, вале пас аз чанде он ҳам бекор карда шуда, идораи ин соҳа ба Вазорати меҳнат таҳвил дода шуд. Соли 2006 идораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба зиммаи Вазорати маориф гузашт, вале соли 2014 онро боз ба ихтиёри Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ гузоштанд.



**Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ соҳаҳое ҳастанд, ки идораву рушд ва татбиқи онҳоро дар доираи як мақоми давлатӣ (вазорат) таъмин намудан имконнопазир аст. Бинобар ин баъзан аниқ муайян намудани «ҷой»-и ҳақиқии он (вобастагии соҳа ба ин ё он вазорати алоҳида) хеле мушкил аст. Ба андешаи мо, ин масъала зимни баррасӣ ва ҳалли проблемаҳои татбиқи ТФ аҳаммияти махсус дорад.**

Аз тарафи дигар, имрӯз соҳаи маориф ба як бахши алоҳидаи илм табдил ёфтааст, ки таҳсилоти фарогир ҷузъи онро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар ин самт пеш аз ҷорӣ намудани ин ё он таҷриба онро озмудан ва аз ҷиҳати илмиву методӣ ва захираҳои мавҷуда асоснок намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳоло дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шуъбаи «Педагогика, психология ва таҳсилоти фарогир» фаъолият мекунад, ки дар маҷмӯъ панҷ корманди штатӣ дорад. Табиист, ки бо ин неру ба уҳда гирифтани баррасии илмии ҳамаи мавзӯъҳои марбут ба ТФ аз имкон берун аст. Барои намуна, дар Украина, дар Академияи илмҳои педагогӣ Пажӯҳишгоҳи педагогикаи махсус фаъолият мекунад, ки бо таҳқиқи масъалаҳои марбут ба талаботи махсуси таҳсилотӣ, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир машғул аст. Ё худ, дар Донишгоҳи Киев ба номи Борис Гринчек Маркази илмиву методии таҳсилоти фарогир фаъолият мекунад. Бо ташаббуси Хазинаи умумиукраинии «Қадам ба қадам» ва дастгирии Вазорати маориф ва илми ин кишвар ҳанӯз соли 2001 озмойиши сартосарии илмӣ-педагогӣ таҳти унвони «Мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ҳамгиройии кӯдакони дорои махсусиятҳои рушди равониву ҷисмонӣ бо роҳи ташкили таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои 6 сол ба роҳ монда шуда буд. Натиҷаҳои он барои қабули қонуну қарорҳои минбаъда дар самти ТФ истифода шуданд[5].

Ҷараёни иҷтимоишавии ШИМ аксаран аз рӯзи таваллуд оғоз гардида, то замони бо кору фаъолият таъмин шудани онҳо ва ҳатто пас аз он низ идома меёбад. Ин ҷараён кафолатҳои ҳамаҷонибаи давлатро тақозо мекунад, ки тахти идораву назорати ин ё он вазорат ва ё ниҳоди

---

[5] Маълумот оид ба таҷрибаи Украина аз ҷониби Наталия Софий – мудири Маркази илмиву методии таҳсилоти фарогири Донишгоҳи Киев ба номи Борис Гринчек дастрас гардидааст (А.Б.).

алоҳидаи давлатӣ қарор гирифта наметавонад. Таълиму тарбияти КИМ, мисли ҳамаи бачагони дигар, на фақат бо рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккур, таъмини саводнокии онҳо, балки бо тандурустӣ, инкишофи ҷисмонӣ, гирифтани малакаҳои меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии моддӣ, бокортаъминкунӣ, умуман, бо иҷтимоишавии шойиста сахт алоқаманд аст. ТФ ҳамчунин фароҳам сохтани муҳити атрофи созгор, ташаккули фарҳанги муносибатҳои инсондӯстӣ ва инсонпарвариро дар ҷомеа тақозо мекунад.

Табиист, ки фақат Вазорати маориф ва илм қудрату тавоноии ҳалли ҳамаи ин масъалаҳоро дар танҳоӣ надорад. Кӯдакони имконияташон маҳдуд то замони воридшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ таҳти назорату дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва зерсохторҳои он қарор доранд. Сипас, ҳалли масъалаҳои марбут ба пешниҳоди таҳсилоти заруриро Вазорати маориф ва илм ба дӯш мегирад. Масъалаҳои ташаккул ва рушди фарҳанги инсондӯстӣ баробар ба вазоратҳои фарҳангу маориф ва илм тааллуқ доранд. Бо масъалаҳои таҳсилоти оянда ва бокортаъминкунии ШИМ ҳам Вазорати маориф ва илм ва ҳам Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ сари кор доранд. Ғайр аз ин бисёр масъалаҳои дигар, аз ҷумла, таҳия ва қабули асноди меъёриву ҳуқуқӣ, маблағгузорӣ, инкишофи варзиш барои ШИМ, ба роҳ мондани истеҳсоли таҷҳизоти махсус ва ё хариди онҳо аз хориҷи кишвар ва ғайра низ мавҷуданд.

Дар чунин вазъият, ба андешаи мо, роҳи беҳтару оқилонатари ҳалли ин проблемаҳо **таъсиси марказ ё раёсати махсус** оид ба идора ва татбиқи ТФ буда метавонад, ки салоҳияти танзими фаъолиятҳои вазорату ниҳодҳои номбурда, донорҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба уҳда дошта бошад. **Ин марказ набояд зерсохтор ё ниҳоди тобеи ин ё он вазорати алоҳида, балки мақоми байнисоҳавӣ бошад, тавсияву қарорҳои он бояд аз ҷониби ҳамаи вазорату идораҳо ва кумитаҳои дахлдор, ки тибқи соҳан фаъолияти худ иҷрокунанда мебошанд, қабул ва татбиқ гарданд. Танҳо ҳамон вақт қабул (имзо ва эътироф (ратификатсия)-и Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият ва Кодекси маориф метавонад ҳақиқӣ ва татбиқшаванда бошад.**

Дар бахшҳои оянда мо масъалаҳои таҳсилоти умумӣ, принсипҳо ва роҳҳои таъмини КИМ-ро бо таҳсилот, механизмҳои маблағгузорӣ, сиёсати кадрӣ, тайёр кардани омӯзгорон ва бозомӯзии онҳо, бокортаъминкунӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии ҷамъиятии ШИМ-ро



баррасӣ мекунем ва бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами Япония ва кишварҳои дигар саъй мекунем, ки роҳҳои нисбатан имконпазири ҳалли онҳоро дар кишвари худ пайдо намоем. Ҳарчанд ки ба нақши инсон дар шахси мутахассис барои ҳалли мушкилот ишораи бевосита намешавад, хонандаи закӣ пай хоҳад бурд, ки омили инсонӣ – муносибати оқилона ва касбӣ асоси ҳалли мушкилот дар ҳамаи ҷанбаҳои баррасишаванда аст.



*Дар Боғи шаҳрии шаҳри Йокогама*

## НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАНОСУБИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

Пеш аз он ки бевосита ба масъалаҳои марбут ба ТФ даст занем, мехоҳем шарҳи мухтасари низоми таҳсилоти умумиро дар Япония ба унвони яке аз тамсилаҳо ва намунаҳои пешқадам пешниҳод намоем.

Муассисаҳои томактабӣ дар Япония аз ду навъ иборат аст: кӯдакистон ва ширхоргоҳ (ясли). Дар баробари ин танзим, назорат ва идораи кӯдакистонҳо ба уҳдаи Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технология буда, ширхоргоҳҳо дар тобеияти Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ қарор доранд. Ба кӯдакистонҳо бачагонро аз синни сесолагӣ қабул мекунанд, самти асосии фаъолияти онҳо таълим ва тарбия аст. Дар ширхоргоҳҳо кӯдакон аз синни хеле барвақт низ қабул карда мешаванд, дар ин ҷо ғайр аз таълим нигоҳубини кӯдак низ ба назар гирифта мешавад. Фоизи фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ дар синни шашсолагӣ 98,9%-ро ташкил медиҳад.

Низоми таҳсилоти миёна ва олии Японияро маъмулан бо схемаи 6-3-3-4 ишора мекунанд, ки дар ин ҷо 6 соли аввал – таҳсилоти ибтидоӣ (Primary Education), се соли баъдӣ – таҳсилоти миёнаи поёнӣ (Lower Secondary Education) аст. Таҳсилоти нуҳсола ҳатмӣ мебошад. Сипас зинаи таҳсилоти миёнаи болоӣ (синфҳои 10-12, Upper Secondary Education) ва ниҳоят, таҳсилоти олӣ, ки маъмулан аз 4 сол иборат аст, қарор дорад.

Фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти ибтиодоӣ 100%-ро ташкил медиҳад, дар баробари ин гузариш аз зинаи ибтидоии таҳсил ба зинаи миёна ба таври автоматӣ, бе супоридани имтиҳоноти гузариш сурат мегирад.

Таҳсилоти миёнаи поёнӣ (таҳсилоти асосӣ) синфҳои 7-9-ро дар бар мегирад. Ин зина барои ҳама ҳатмист. Дар ин сатҳи таҳсилот сатҳи фарогирии хонандагон 98,9%-ро ташкил медиҳад. Имтиҳонҳои аз синф ба синфгузаронӣ низ то синфи 9 вуҷуд надоранд. Ҳамин тариқ, дар Япония таҳсили такрории хонанда дар ҳамон як синф вуҷуд надорад – хонандагон новобаста ба натиҷаҳои азхудкунии дониш, маҳорату малака аз салоҳиятҳо то синфи нуҳум бемонеа таҳсил мекунанд.

Вале ба зинаи оянда таҳсилот – синфҳои 10-12 (сатҳи болоии таҳсилоти миёна) бачагон тавассути имтиҳоноти дохилшавӣ



гузаронида мешаванд. Дар ин зина се навъи муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд: умумӣ, махсус (касбӣ-техникӣ) ва ҳамгиро (муштарак). Мактабҳои умумӣ барномаи пурраи таҳсилоти миёнаро пешниҳод мекунанд, бачагонро дар ин мактабҳо, асосан, барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ омода месозанд (аз рӯйи равия). Муассисаҳои таълимии махсус, мисли литсейҳои касбӣ-техникии мо, кадрҳои коргарии соҳаҳои гуногунро тайёр мекунанд, вале дар баробари таҳсилоти касбӣ таҳсилоти пурраи миёнаи умумиро пешниҳод намекунанд. Дар ин ҷо онҳое таҳсил мекунанд, ки ҳаёти ояндаи худро бо касбу ихтисосҳои коргарӣ пайвастаанд. Навъи сеюми мактабҳои зинаи миёнаи болоӣ (ҳамгиро, муштарак) ҳам барномаи таҳсилоти миёнаи пурра ва ҳам таҳсилоти касбӣ-техникиро пешниҳод мекунанд. Хатмкардагони ин навъи муассисаҳо метавонанд ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил шаванд, ё аз рӯйи касбу ихтисоси гирифтаашон кор пайдо карда, бевосита ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намоянд.

Низоми таҳсилоти Япония ва муҳимтарин хусусиятҳои онро дар ҷадвали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

| Зинаҳои таҳсилот | Фарогирӣ (%) | Шарҳу тавзеҳ |
|---|---|---|
| *томактабӣ* | 98,9% | Ду навъи МТТ мавҷуд аст: кӯдакистон (аз сесолагӣ, таълиму тарбия), ширхоргоҳ (аз замони таваллуд, нигаҳдорӣ ва таълим). |
| *ибтидоӣ (синфҳои 1-6)* | 100% | Гузариш аз як синф ба синфи дигар ба тарзи автоматӣ, новобаста ба сатҳи пешрафт сурат мегирад. |
| *миёнаи поёнӣ (асосӣ, синфҳои 7-9 )* | 98,9% | Имтиҳонҳои аз синф ба синфгузаронӣ вуҷуд надоранд, ба ҳар синфи болоӣ ба тарзи автоматӣ шомил мешаванд. |
| *миёнаи болоӣ (ғайриҳатмӣ)* | 98,3% | Тавассути имтиҳоноти дохилшавӣ. Се навъи мактабҳо фаъолият мекунанд: умумӣ, махсус (касбӣ-техникӣ) ва ҳамгиро (мштарак). 25%-и онҳо хусусиянд. |
| *олӣ* | 53,6% | Тавассути имтиҳоноти дохилшавӣ. Фоизи фарогирӣ (53,6%) нисбат ба шумораи умумии хатмкардагони синфи 12). 78%-и мактабҳои олӣ ғайридавлатиянд. |

Чӣ чизи ҷолибе аз ин таҳлил метавон дарёфт? Масъалаи муайян намудани шумораи синфҳо дар зинаи ибтидоии таҳсилот (дар Япония он шаш соли аввалро ташкил медиҳад, дар мо – чор сол) таҳлили амиқтареро тақозо мекунад ва дар ҳоли ҳозир ба ин савол ҷавоби ягона додан аз имкон берун аст. Вале дар ин низом бисёр чизҳои ҷолиби дигареро низ пай бурдан мумкин аст, ки таваҷҷуҳи моро ҷалб намуда, ба андеша водор месозад.

Пеш аз ҳама, дар зинаи асосии таҳсилот (синфҳои 1-9) бачагон аз як синф ба синфи дигар новобаста ба натиҷаҳои пешрафт (баҳоҳо) ва бе супоридани имтиҳон мегузаранд. Таҳсили такрории хонанда дар ҳамон як синф ба сабаби бад будани натиҷаҳои таҳсил вуҷуд надорад. Ин чунин маъно дорад, ки имконияти аз синф ба синф гузаштан ва хатми зинаи асосӣ (ҳатмӣ)-и таҳсилот ҳатто дар сурати мавҷуд будани баҳоҳои ғайриқаноатбахш аз ин ё он фан (фанҳо)-и алоҳида дар табели пешрафт ва ё шаҳодатномаи хатм мавҷуд аст. Моҳияти чунин тарзи муносибат хеле фаҳмо ва сода аст: **давлат пешниҳоди таҳсилоти ройгони ҳатмиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад, аммо мувazзаф ва уҳдадор нест, ки ҳама хонандагонро болаёқату аълохон кунад, чунки ин дар ягон гӯшаи ҷаҳон имконпазир нест.**

Биёед, лаҳзае ошкор ва ҳақиқатнигорона мулоҳиза кунем: дар ҷомеаи мо низ бачагоне ҳастанд, ки аз баъзе фанҳои мактабӣ наметавонанд баҳои қаноатбахш дошта бошанд. Дар чунин ҳолатҳо мо баъзе чораҳоро, аз қабили ташкил кардани имтиҳоноти иловагӣ ва ё дар синф такроран монандан ва ғайра меандешем. Аммо дар ниҳояти кор ба онҳо баҳои қаноатбахш мегузорем, ки ҳаргиз онро хонанда лоиқ нест. Ба андешаи мо, бояд иқрор шавем, ки агар хонанда аз ин ё он фан баҳои ғайриқаноатбахш дошта бошад, ин фоҷеа нест, балки як ҳодисаи маъмулӣ аст. Ин табиати худи инсон аст – агар ҳодисаҳои хеле нодирро сарфи назар кунем, инсонҳои ҳамаҷониба тавонову боистеъдод вуҷуд надоранд. **Моҳияти асосии ҳуҷҷатҳои таҳсилии мактабӣ, аз ҷумла, шаҳодатномаи хатм, бояд нишон додани қобилияту истеъдод ва дониши ҳақиқии хонанда бошад.** Ин ҳам ба худи хонанда, ҳам ба падару модари ӯ ва ҳам барои онҳое, ки масъулони интихоби касбу ихтисос дар мактаб мебошанд, имкон медиҳад, ки ояндаи ӯ оқилона ва воқеъбинона интихоб шавад. Масалан, агар хонанда аз фанни «химия» баҳои ғайриқаноатбахш дошта бошад, ин бадбахтӣ нест, ин фақат чунин маъно дорад, ки ӯ дар



оянда наметавонад пизишки хуб шавад. Аммо ӯ, ки аз забону адабиёт ва забони хориҷӣ баҳоҳои хубу аъло дорад, метавонад эътимоди комил дошта бошад, ки филолог, муаллими ин фанҳо ё тарҷумони хуб шавад. Бадии кор дар он аст, ки мо барои чанд нафар ба тарзи автоматӣ баҳои ғайриқаноатбахшро ба қаноатбахш табдил дода, ба бачагоне, ки дар ҳақиқат лоиқи баҳои қаноатбахш ҳастанд, таъсири бади равонӣ ворид месозем. Бо «аълохонҳо» низ, мутаассифона, ин падидаро мушоҳида кардан мумкин аст. Вақте мебинем, ки ин ё он хонанда аз аксари фанҳо баҳои аъло мегирад ва дар ҳақиқат донишу истеъдоди хуб дорад, ба ӯ аз баъзе фанҳои ба истилоҳ дуюмдараҷа (масалан, тарбияи ҷисмонӣ, технологияи меҳнат, суруд ва мусиқӣ ва ғ.) «гузашт» мекунем ва баҳои хуб ва ҳатто қаноатбахши ӯро аз ин фанҳо ба аъло табдил медиҳем. Ҳамин тариқ, мо аз баъзе бачагон «қаҳрамони сунъӣ» ва ё «медалдорҳо» месозем. Ман ҳаргиз муқобили шаҳодатномаҳои аъло (сурх) ва супоридани медалҳо нестам. Ман ҷонибдори онам, ки шаҳодатномаи сурх ё медал (ҳамон тавре ки дар олимпиадаҳо дода мешавад) дуруст шарҳ дода шавад: шаҳодатномаи сурх барои муваффақ гаштан ба комёбиҳои фавқулода аз фанҳои дақиқ (гуманитарӣ, табиӣ…)». Магар ин бадӣ дорад?

Махсус қайд кардан бамаврид аст, ки дар низоми таҳсилоти Япония мафҳуми «имтиҳоноти давлатии хатми мактаби миёна» вуҷуд надорад. Аммо аз синфи даҳум сар карда, имтиҳоноти дохилшавӣ амал мекунад. Яъне, пас аз хатми зинаи ҳатмии таҳсилот барои дохил шудан ба зинаҳои дигар, новобаста ба навъи мактабҳо, бачагон фақат пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ворид мешаванд.

Дар низоми кунунии мо пас аз хатми зинаҳои асосӣ ва миёнаи пурра бачагон имтиҳоноти давлатии хатм месупоранд. Метавон бо мушкилӣ розӣ шуд, ки имтиҳони хатми зинаи асосӣ (синфи 9) дар ҳақиқат зарур аст, чунки барои гузаштан ба зинаи дигари таҳсилот (идомаи таҳсил дар мактаб ё дохил шудан ба муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ) натиҷаҳои он ба назар гирифта мешавад. **Аммо натиҷаҳои имтиҳоноти ҳатмии давлатии хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ пас аз синфи 11 дар ҳеҷ куҷо ба назар гирифта намешавад! Ин чунин маъно дорад, ки мо қисми муайяни маблағҳо ва вақти худро беҳуда сарф мекунем, асаби худу бачагонро нороҳат мекунем.** Солҳои шӯравӣ ва чанд сол пештар натиҷаҳои умумии баҳоҳои шаҳодатномаи хатм ҳангоми дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ ба назар гирифта мешуданд ва холи миёнаи онҳо ба холи умумии

дохилшавӣ (озмун, мандат) зам карда мешуд. Аммо ҳоло мо, модоме ки низоми дохилшавиро ба мактабҳои олӣ тағйир додем, бояд низоми хатмро низ ба он мувофиқ созем. Мо ба ин масъала дар бахши таҳлили масъалаҳои маблағгузории соҳаи маориф боз бармегардем.

Боз як падидаи ҷолиб: 25%-и мактабҳои миёнаи болоӣ (синфҳои 10-12) ва 78%-и мактабҳои олии Япония ғайридавлатӣ (хусусӣ) мебошанд. Мактаби хусусӣ, ки он ҳам барномаҳои давлатии таҳсилотро пиёда месозад, фақат як шакли идора ва моликият нест, он ёрирасони ҳақиқӣ ва беминнати давлат дар татбиқи сиёсати соҳаи маориф аст. Он аз муҳимтарин омили сарфаи маблағҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф ва ё тарзи беҳтар намудани маблағгузории дигар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳамин ҳисоб, бе тағйир додани ҳаҷми умумии маблағгузории ҷорӣ аст. Таҳлили бештари ин масъала дар бахши «Проблемаҳои маблағгузории соҳаи маориф» анҷом гирифтааст.

Дар мавриди шароити таҳсил дар мактабҳои кишварҳои пешрафта, аз ҷумла, дар Япония низ чанд нуктаро зикр кардан мехоҳем. Ҳанӯз соли 2006, вақте ки ба сифати муҳаққиқ дар Донишгоҳи Канзаси ИМА (ш. Лоуренс) дар мавзӯи масоили гендерӣ дар забон ва адабиёт таҳқиқот анҷом медодам, маро чанд маротиба ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ даъват карда буданд ва имкон фароҳам оварда буданд, ки аз забони тоҷикӣ, таърих ва фарҳанги мардуми тоҷик дарсҳои кӯтоҳмуддати намунавӣ гузарам. Таассуроти худро аз таҷрибаи андӯхтаи худ дар мақолае бо номи «Як дарси таърих дар мактаби Амрико» дар маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа» [21, 25-28] дарҷ намуда будам.

Шароит дар мактабҳои Япония ба кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва ИМА хеле монанд аст. Аммо дар баробари ин, баъзе чизҳои ҷолибе низ ҳастанд, ки онро дар дигар кишварҳо мушоҳида накардаам. Ин, пеш аз ҳама, ба либоси мактабӣ таалluқ дорад. Намуди либоси мактабӣ (ранг, шакл)-ро, ҳамон тавре ки ба мо шарҳ доданд, дар сатҳи муниципалитет (шаҳр бо атрофаш) интихоб мекунанд. Яъне, либоси мактабӣ дар тамоми кишвар яксон набуда, аз рӯйи рангу намуд метавонад фарқи ҷузъӣ дошта бошад. Ҳар як хонандаи японӣ соҳиби се навъи либос аст: расмӣ, таҳсилӣ ва варзишӣ. Бачагон ба мактаб бо либоси расмӣ меоянд, бо он ҷамъомади умумии пагоҳирӯзиро мегузаронанд. Дар остонаи дари даромад аввал пойафзоли худро берун карда, шиппак мепӯшанд (зимнан, мо ҳам ҳангоми сафарҳои омӯзишӣ



ба мактабҳо ин корро анҷом медодем, яъне ин барои ҳама – ҳам кормандону хонандагони мактаб ва ҳам меҳмонон, новобаста ба мақому манзалати онҳо тааллуқ дорад). Роҳравҳои мактаб хеле тозаву озода буда, маъмулан фарши онҳо бо паласҳо пӯшида шудаанд. Сипас либоси расмиро ҳар кас ба ҷевони шахсии худаш мегузорад (мисли кӯдакистонҳо ва баъзе мактабҳои мо) ва либосеро мепӯшад, ки бо он ҳаракат кардан, ҳаму рост шудан, навиштан, нишастан ва роҳ рафтан қулай бошад. Либоси варзиширо зимни дарсҳои варзиш мепӯшанд. Аммо чизи ҷолиби дигар ин буд, ки (чуноне ки дар яке аз мактабҳо мушоҳида кардем) баъзан дарсҳои варзиш барои ҳамаи хонандагони мактаб ва ё гурӯҳи синфҳо якҷоя (дар майдони варзишии мактаб) гузаронида мешавад. Дар ин маврид ҳамроҳи муаллими тарбияи ҷисмонӣ роҳбарони синфҳо низ бо бачагони худ кор мекунанд. Хонандагон на ҳамон як навъи варзиш, балки тибқи барнома ва вобаста ба синну сол машқҳои гуногунро иҷро мекунанд. Баъзан байни синфҳо мусобиқаҳо низ ташкил мекунанд. Вақте ки бо саволи «Чаро ин гуна машғулиятҳо барои ҳамаи синфҳо якҷоя гузаронида мешаванд?» муроҷиат кардем, ба мо фаҳмонданд, ки ин як роҳи мусоидат ба иҷтимоишавии хонандагон дар дохили мактаб аст: хонандагон ҳаммактабони худро аз наздик мешиносанд, ба ҳамдигар унс мегиранд, дӯст мешаванд, аз ҳамдигар ёд мегиранд. Пас аз анҷоми машқҳои варзишӣ хонандагон аввал таҳти назорати омӯзгорон шустушӯй мекунанд ва танҳо пас аз он вориди синфхонаҳо мешаванд. Зимнан, пас аз хӯроки нисфирӯзӣ низ ҳамаи хонандагон аввал дасту рӯйи худро мешӯянд, дандонҳояшонро тоза мекунанд. Ҳангоми ба хона баргаштан аз нав либоси расмиро мепӯшанд.

Мизу курсиҳои синфхонаҳо (партаҳо) хеле қулай сохта шудаанд. Онҳо аксаран барои ҳар кас алоҳида сохта шудаанд, ҳар хонанда курсӣ ва мизи хурдакаи ба ҳам пайваст дорад. Дар паҳлуи миз овезакҳо барои сумкаҳо, пакетҳо ва дигар ашёи мактабӣ насб шудаанд. Ин мизу курсиҳои пайвастро бо осонӣ ҳаракат додан, вобаста ба навъи машғулият ва методи дарсдиҳӣ иваз кардан мумкин аст. Мизҳои дунафара ҳам истифода мешаванд. Ҳамаи онҳоро «ғундоштан» мумкин аст, ба пояҳои онҳо чархакҳо васл шудаанд.



Агар дар синфхона миқдори хонандагон бисёр бошад, аз миқдори бештари ин гуна мизҳо истифода мекунанд, агар шумораи хонандагон кам бошад, мизҳои зиёдатиро ғундошта, дар як кунҷи синфхона мегузоранд. Дар айни замон шаклҳои ҷобаҷогузории мизҳоро тағйир додан осон аст: дар қаторҳо, муқобили ҳам барои корҳои гурӯҳӣ, рӯ ба рӯйи ҳам дар тарафҳои алоҳида ва ғайра. Дар синфҳои ибтидоӣ шумораи хонандагон 40 ва ё бештар аз он буда метавонад ва ин назорати хонандагон ва ҷараёни дарсро аз ҷониби омӯзгор мушкил намесозад. Дар яке аз дарсҳои математика, синфи шашум, мо шоҳиди ҳодисаи ҷолибе шудем: дар қатори аввал ҳамроҳи як хонанда як устоди дигар низ кор мекард. Хонанда ба кӯдаки дорои норасоиҳои ҷисмониву равонӣ шабоҳате надошт. Вақте сабаби бо хонанда алоҳида кор кардани омӯзгори дигарро пурсидем, чунин посух доданд: «Ин шогирд хеле болаёқат аст. Ӯ машқҳои математикиро хеле зуд, ҳамоно пас аз супориши омӯзгор, ҳал мекард ва бисёр вақт ба дигарон халал мерсонд. Акнун омӯзгоре, ки дар паҳлуи ӯ нишастааст, боз якчанд мисолу масъалаи дигарро пешниҳод мекунад, то ки бо ҳалли он машғул шуда, донишш худро тақвият диҳад ва ба ҷараёни дарс халал нарасонад.» Зимнан, ин ҳам аз масъалаҳои фарогирӣ аст. Боз як мушоҳидаи аҷиб: ҳангоми ба саволи ин ё он хонанда ҷавоб додани омӯзгор ҳатмӣ нест, ки ҳама ҷавоби омӯзгорро гӯш кунанд, танҳо онҳое гӯш мекунанд, ки ин савол барояшон муҳим аст, дигарон бо кори худ машғул мешаванд. Бачагони японӣ дар рӯҳияи оромиву ботамкинӣ тарбия мёбанд, дар синф ва берун аз он, дар кӯчаву



хиёбонҳо шумо ҳаргиз бо суҳбати одамон бо овози баланду дурушт дучор намеоед. Дар охири дарс омӯзгор ба хонандагон варақаҳои махсус тақсим карда дод. Маълум шуд, ки он саволҳои тестӣ барои ҷамъбасти мавзӯъ будаанд. Вақте мо ибрози андеша кардем, ки дар хона кӯдак метавонад аз кумаки калонсолон, китобҳои дарсӣ ва ё интернет истифода кунад, рӯнавис кунад ва ғайра, ҷавоб доданд: «Ин чӣ бадӣ дорад? Вазифаи мо додани дониш, вазифаи онҳо аз худ кардани он аст. Чӣ тарз аз худ кардани ин дониш – бо истифода аз китоби дарсӣ, бо ёрии калонсолон ё ҳамсинфон ё манбаи дигар, умуман аҳаммият надорад. Муҳим натиҷа аст.» Ба ин андеша розӣ нашудан амри маҳол аст.

Дар мактабҳои мо як навъи муносибатро зиёд дучор омадан мумкин аст: агар хонанда аз математика баҳои аъло дошта бошаду дар омӯзиши фанни таърих душворӣ кашад, омӯзгор ӯро даъват ё маҷбур мекунад, ки аз ин фан (таърих) дарсҳои иловагии пулакӣ гирад (умуман, аксари дарсҳои иловагӣ дар ҷараёни таълим аз ҷониби омӯзгорон маҳз ба хонандагони ба истилоҳ «сустхон» пешниҳод мешаванд). Хонандаи бечора маҷбур мешавад, ки дигар ба математика аҳаммият надода, худро ба омӯзиши таърих, ки аслан ба он шавқу ҳавас надорад, машғул созад. Дар натиҷа аз имкон берун нест, ки аз ин фан баҳои худро ислоҳ кунад, вале салоҳияту истеъдодҳои математикӣ, ки табиатан дар ин кӯдак мавҷуд буданд, коҳиш мёбанд. Ӯ на математик мешаваду на таърихшинос!

Бояд ҳақиқатнигор бошем: чунин шароитро мо имкон надорем, ки ба якборагӣ дар ҳамаи мактабҳо муҳайё кунем. Танҳо дар литсейу гимназияҳо шароити ба ин монандро фароҳам сохтан мумкин аст. Бо дарназардошти аз ҳад зиёд банд будани синфхонаҳову омӯзгорон (таҳсил дар ду ва ҳатто се баст), наметавонем ҷадвали дарсиро ба тарзи дилхоҳ тағйир диҳем. Дар роҳравҳои мактаб низ барои ҳама ҷевонҳои либос гузошта наметавонем. Аммо истеҳсоли мизу курсиҳои мутаҳаррик (чархакдор) ва қату ростшавандаро дар худи кишвар ба роҳ мондан мумкин аст. Онҳо аз бисёр ҷиҳат ба омӯзгорону хонандагон барои дурусту самаранок ташкил кардани ҷараёни дарс кумак мерасонанд.

## ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ҲАМЧУН ЧАРАЁНИ ДАРОЗМУДДАТ

Ба таҳсил ҷалб намудани КИМ дар аксар кишварҳо, аз ҷумла, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 60–70-уми асри гузашта ривоҷ ёфт. Дар он солҳо КИМ вобаста ба навъи маҳдудиятҳои худ ба мактабҳои махсуси навъи интернат ҷалб мешуданд. Фақат миқдори ками хонандагоне, ки дорои нуқсонҳои сабуки саломатӣ ва ё ҷисмонӣ буданд, ҳамроҳи ҳамсолони худ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд. Ин таҷриба то имрӯз дар Тоҷикистон амал мекунад.

Вале татбиқи таҳсилоти фарогир тарзи дигари муносибатро бо ин гуна бачагон тақозо мекунад. Имрӯз чунин андеша бартарӣ дорад, ки таҳсил дар мактаб-интернатҳо ба иҷтимоишавии КИМ мусоидат намекунад. Аввалан, ҳар як кӯдак метавонад танҳо дар муҳити хонаводагӣ таълиму тарбияи хуб гирад. Сониян, вақте ки кӯдакон дар мактаб-интернатҳо таҳсил мекунад, фақат дар муҳити «одамони ба худашон монанд» зиндагӣ карданро ёд мегиранд ва вақте ки ин муассисаҳоро тарк мекунанд, зиндагӣ дар ҷомеаи маъмулӣ барояшон мушкил мешавад.

Асосгузорони ғояи таҳсилоти инклюзивӣ муътақиданд, ки **ҳамаи бачагон метавонанд ва бояд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамроҳи ҳамсолни худ таҳсил кунанд.** Истилоҳи «кӯдаки имконияташ маҳдуд» ҳаргиз маънои онро надорад, ки онҳо «проблемавӣ» (душвортаълиму душвортарбия) мебошанд. Тавре ки пештар қайд карда будем, пештар проблемаро дар худи КИМ медиданд. Вазифаи ҷомеаро дар он медиданд, ки ин мушкилии онҳоро то қадри имкон ҳал кунанд – табобат кунанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ дастгирӣ кунанд, бо таҳсилоти мувофиқ таъмин кунанд, малакаҳои меҳнатии мувофиқро ташаккул диҳанд. Ҳамин тариқ, муносибати ҷомеа бо ин гурӯҳи одамон, пеш аз ҳама, ба муносибати тиббӣ асос ёфта буд. Дар замони муосир мо ба ин масъла ба тарзи дигар менигарем, андешаи ғолиб он аст, ки проблема на дар худи кӯдак, балки дар ҷомеа аст. Агар мо шахсеро, ки бо забони имову ишора гап мезанад, нафаҳмем, ин айби ӯ нест, ӯро дигаргун сохтан лозим нест, балки шахсони атрофро бояд тағйир диҳем, ки ӯро фаҳманд. Агар шахс мустақилона роҳ гашта натавонад, гуноҳи ӯ нест, гуноҳи мост, ки барояш муҳити созгорро натавонистем муҳайё кунем, то ки бемонеа



ҳаракат карда тавонад. Ҳамин тариқ, муносибати иҷтимоӣ арзи вуҷуд намуд, ки ба тағйиру такмил додани ҷомеа ва муҳит, муҳайё сохтани шароити мусоид барои ҳар гурӯҳи КИМ асос ёфтааст. Бо ин андеша розӣ нашудан амри маҳол аст, дурустии онро метавонад касе эътироф накунад, ки барояш зиндагии ин гуна шахсон бетафовут аст.

Вале, аз ҷониби дигар, ба даст овардани ин ҳадаф низ кори осон нест. Маҳз мушкилии ба даст овардани ин ҳадафҳо ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро ба ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф ҷудо кардааст. Гурӯҳе бар он андешаанд, ки новобаста ба хоҳишу орзуи мо гурӯҳи кӯдаконе мавҷуданд, ки онҳоро бо ҳеҷ ваҷҳ дар сари як миз бо ҳамсолони маъмулиашон шинондан имкон надорад. Омӯзгорону мутахассисоне, ки солҳои дароз дар мактаб-интернатҳо фаъолият кардаанд, бовар доранд, ки ин муассисаҳои таълимӣ барои таълиму тарбияи КИМ аз ҳама бештар мувофиқанд. Аммо онҳое, ки ба моҳияти таҳсилоти фарогир сарфаҳм рафтаанд, онҳое, ки курсҳои махсуси омӯзишӣ ва тренингҳоро паси сар кардаанд, махсусан, падару модароне, ки кӯдаки имконияташ маҳдуд доранд, мавқеи комилан дигарро ишғол мекунанд. Онҳо итминони комил доранд, ки дар ин масъала истисно вуҷуд дошта наметавонад, ба шарте ки ҳамаи шароити мусоид дар муассисаи таҳсилоти умумӣ фароҳам оварда шавад. Дар таҷрибаи кории ман ба сифати роҳбари яке аз гурӯҳҳои корӣ (гурӯҳи бачагони дорои маҳдудиятҳои рушди ақлонӣ ва равонӣ) ҳолатҳое рӯй дода буд, ки маҷбур будам тарафҳоро ба ором шудан даъват кунам, ҳатто баъзан эҳтироми ҳамдигар, фаҳмидани мавқеи якдигар, ба далелу андешаҳои ҷониби дигар гӯш доданро талаб кунам.

Ба андешаи мо, сабаби асосии рӯй додани ин гуна баҳсу мунозираҳои шадид он аст, ки баъзан мо як чизи муҳимро ба назар намегирем: **таҳсилоти фарогир ва татбиқи он кори якрӯзаю яксола нест, балки ин ҷараёни дуру дарози такмили низоми маориф аст ва татбиқи пурраи он вақт, сабру тоқат, саъю кӯшиши хастагинопазир ва, муҳимтар аз ҳама. маблағи хеле зиёдро тақозо мекунад.** Ба иборaи дигар, то ба даст овардани ҳадафҳои наҷиби таҳсилоти фарогир мо ба давраи муайяни гузариш ниёз дорем. Муҳимтарин ҳадафҳо дар ин маврид бояд чунин бошанд: 1) қадамҳои мо ба сӯйи комёбӣ ба мақсад бояд оқилона, дуруст ва устувор бошанд; 2) то ҳадди имкон ин «давраи гузариш»-ро кӯтоҳтар кунем, то ки он ба давраи гузариши дуру дароз табдил наёфта, чандир бошад, зеро мо бо ҳаёти инсонҳо сари кор дорем.

## ТАМСИЛА (МОДЕЛ)-И НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР: ТАЛАБОТИ АСНОДИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАТБИҚИ ОН

Таҳлили таҷрибаҳои кишварҳои дигар гувоҳи онанд, ки роҳҳои татбиқи ТФ ягона, қолабӣ ва барои ҳама яксон буда наметавонад. Ҳар кишвар, дар баробари эътирофи ғояҳо ва принсипҳои асосии ТФ, вобаста ба имконот ва дидгоҳи худ метавонад муассиртарин роҳро интихоб кунад.

Асоси бунёди низоми таҳсилоти фарогирро дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон муқаррароти Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият ташкил медиҳад[6], ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 13-уми декабри соли 2006 ба тасвиб расида буд. Моддаи 24 ин Конвенсия ба масъалаҳои таъмини ШИМ ба таҳсилоти босифат бахшида шудааст ва нуктаҳои зеринро дар бар мегирад[7]:

**Моддаи 24. Таҳсилот**

**1.** Кишварҳои аъзо ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдудро ба таҳсилот эътироф мекунанд. Бо мақсади татбиқи ин ҳуқуқ бидуни табъиз ва дар асоси баробарии имкониятҳо, кишварҳои аъзо таҳсилоти фарогирро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳсилоти муттасил таъмин менамоянд. Дар айни замон онҳо барои ба даст овардани ҳадафҳои зерин саъй мекунанд:

*a) таъмини рушди комили неруи инсонӣ, иззати нафс ва эҳтироми худ, ҳамчунин афзоиши ҳисси эҳтироми инсон, озодиҳои асосӣ ва гуногуншаклии инсонӣ;*

*b) рушди шахсият, истеъдодҳо ва эҷодиёти шахсони имконияташон маҳдуд, ҳамчунин қобилиятҳои пурраи ақлонӣ ва ҷисмонии онҳо;*

*c) фароҳам сохтани имкониятҳои ширкати самараноки шахсони имконияташон маҳдуд дар ҳаёти ҷомеаи озод.*

**2.** Зимни татбиқи ин ҳуқуқ кишварҳои аъзо барои шахсони имконияташон маҳдуд чунин ҳолатҳоро таъмин мекунанд:

*a) шахсони имконияташон маҳдуд набояд бо сабаби маъюбият аз низоми таҳсилоти умумӣ ва кӯдакони имконияташон маҳдуд аз таҳсилоти ибтидоӣ ва ё миёнаи ройгон ва ҳатмӣ хориҷ шаванд;*

*b) шахсони имконияташон маҳдуд бояд дар баробари дигарон ба таҳсилоти фарогир, босифат ва ройгони ибтидоӣ ва миёна дар маҳалли зисти худ дастрасӣ дошта бошанд;*

*c) мутобиқшавии оқилона, ки хусусиятҳои инфиродии онҳоро ба назар мегирад, таъмин гардад;*

*d) шахсони имконияташон маҳдуд дар дохили низоми таҳсилоти умумӣ барои сабуктар намудани таҳсили самаранокашон аз ҳадди зарурии дастгирӣ бархурдор бошанд;*

*e) дар муҳите, ки барои азхудкунии донишҳо ва рушди иҷтимоӣ то ҳадди аксар мусоидат менамояд, зарур аст, ки бо мақсади фарогирии пурра барои ташкили кумакҳои инфиродӣ чораҳо андешида шаванд.*

**3.** Кишварҳои аъзо ба шахсони имконияташон маҳдуд барои аз худ кардани малакаҳои ҳаётӣ ва иҷтимоӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд, то ки иштироки пурра ва баробари онҳоро дар ҷараёни таҳсил ва ба сифати узви ҷомеаи маҳаллӣ сабуктар намоянд. Кишварҳои аъзо дар ин самт чораҳои зарурии зеринро меандешанд:

*a) барои омӯхтани алифбои Брайл ва шрифтҳои алтернативӣ мусоидат менамоянд, то ки методҳо, тарзу усулҳо ва шаклҳои алтернативии муоширатро дар онҳо вусъат диҳанд, малакаҳои самтёбӣ ва серҳаракатиро тақвият диҳанд ва дастгирии онҳоро аз ҷониби ҳамсолон ва парасторон таъмин намоянд;*

*b) ба омӯзиши забони имову ишора ва ҳавасмандии махсусияти забонии ношунавоён мусоидат мекунанд;*

*c) муҳит ва шароитеро таъмин менамоянд, то ки таълими шахсон, аз ҷумла, онҳое, ки дорои норасоиҳои бинoӣ, шунавоӣ ва ё биноиву шунавоӣ мебошанд, тавассути забону методҳо ва тарзу усулҳои муоширати мувофиқтарин ба ҳар яки онҳо дар фазои созгортарини азхудкунии донишҳо ва рушди иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад.*

---

[6] Бояд қайд кард, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ аз истеъмоли истилоҳу калимаҳое, ки ба иззати нафси шахсони имкониятҳояшон маҳдуд мерасад, сарфи назар мекунанд. Ба чунин истилоҳот, аз ҷумла, калимаи «маъюб» дохил мешавад. Вале дар варианти русӣ номи ин Конвенсия ба тариқи зайл омадааст: «Конвенция о правах инвалидов». Дар варианти англисӣ он нисбатан нармтар омадааст: Convention on the Rights of Persons with Disabilities. Онро ба забони тоҷикӣ “Конвенсияи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият” тарҷума кардан беҳтар аст.

[7] Тарҷумаи ин бахши Конвенсия аз ҷониби муаллифи китоб сурат гирифтааст ва ҳукми тарҷумаи расмиро надорад.

**4.** Ба хотири мусоидат намудан ба татбиқи ин ҳуқуқ, кишварҳои аъзо барои ба кор гирифтани омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони имконияташон маҳдуд, ки забони имову ишора ва ё алифбои Брайлро медонанд, ҳамчунин барои тайёр кардани мутахасисон ва кормандон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чораҳои зарурӣ меандешанд. Чунин тарзи омӯзиш маърифатнокиро дар масъалаи маъюбият ва истифодаи методҳои мувофиқи сурьатбахш ва алтернативӣ, тарзу усулҳо ва шаклҳои муошират, методика ва маводи таълимиро барои таъмини дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд дар бар мегирад.

**5.** Кишварҳои аъзо муҳиту шароитеро таъмин мекунанд, то ки шахсони имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти олии умумӣ, таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти калонсолон, ва таҳсилоти муттасил бидуни табъиз ва баробар бо дигарон дастрасӣ дошта бошанд. Бо ин мақсад кишварҳои аъзо мувофиқати оқилонаи шароити таҳсилро барои шахсони имконияташон маҳдуд таъмин мекунанд.

Тавре ки мебинем, Конвенсия аз кишварҳои аъзои он кафолати хеле масъулиятноки давлатиро дар муносибат бо ШИМ тақозо мекунад. Табиист, ки барои узви ин Конвенсия шудан ва татбиқи муқаррароти онро таъмин кардан ҳар як кишвар бояд амалӣ намудани чораҳои зарурии дахлдор ва мушаххасро ба нақша гирад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шарҳи муқаррароти ин Конвенсия ва роҳҳои амалӣ сохтани таҳсилоти фарогир дар байни кишварҳо ягонагии том вуҷуд надорад. Барои намуна аз таҷрибаи Япония ёдовар мешавем.

Дар Япония низ, мисли кишвари мо, шаклҳои гуногуни таҳсил барои КИМ фаъолият мекунад *(маълумот аз презентатсияи Саяка Сузуки ва Юта Юнеда (Sayaka Suzuki, Yuta Yuneda KRI International Corporation)*:

### 1) Мактаби талаботи махсуси таҳсилотӣ

Дар мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ (МТМТ) хонандагон тибқи барномаи махсус (инфиродӣ) дар оғӯши шумораи зиёди омӯзгорон, мутахассисон ва объектҳову таҷҳизоти гуногун, ки ҷавобгӯйи талаботи онҳо мебошанд, таҳсил мекунанд. Шумораи хонандагон ба ҳар як омӯзгор тибқи стандарт 6 нафарро ташкил медиҳад, амалан ба ҳар се хонанда як омӯзгор рост меояд.



### 2) Таҳсилоти хонагӣ ҳамзамон бо табобат дар бемористон

Ин навъи таҳсил ба баъзе аз кӯдаконе, ки гирифтори норасоиҳои вазнин ва ё якчанд норасоиҳо буда, ба нигоҳубин ва табобати доимӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ниёз доранд, пешниҳод мешавад. Омӯзгори мактаб, ки дар айни замон мутахассиси соҳаи таҳсилоти талаботи махсус аст, барои таълими хонанда ба хонаи ӯ ё ба бемористон меравад. Маъмулан дар як ҳафта се маротиба омӯзгор бо хонанда кор мекунад. Муддати машғулиятҳои таълимӣ одатан ду соатро ташкил медиҳад.

### 3) Синфхонаҳо барои таҳсилоти талаботи махсус

Синфхонаҳои махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд бо тамоми шароитҳои зарурӣ ҳам дар мактабҳои маъмулии ибтидоӣ ва ҳам дар мактабҳои зинаи поёнии таҳсилоти миёна (синфҳои 6-9) таъсис дода шудаанд. Дар доираи татбиқи принсипи «фаъолият ва таҳсили якҷоя» хонандагони имконияташон маҳдуд давра ба давра дар дарсҳои синфҳои маъмулӣ иштирок мекунанд, ҳамроҳ бо дигарон дар чорабиниҳои мактабӣ ширкат меварзанд. Шумораи хонандагон ба ҳар як омӯзгор аз рӯйи стандарт 8 нафар аст, аммо амалан ба ҳар омӯзгор се хонанда рост меояд.

### 4) Синфҳо/марказҳои захиравӣ

Синфҳо/марказҳои захиравӣ дар мактабҳои маъмулии ибтидоӣ ва мактабҳои зинаи поёнии таҳсилоти миёна (синфҳои 6-9) фаъолият мекунанд. Кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҳар ҳафта якчанд маротиба ба он ҷо рафта, таҳсил ва малакаҳои махсус мегиранд. Синфҳои захиравии як мактаб барои бачагони мактабҳои дигар низ дастрас аст: бачагони эҳтиёҷманд аз мактабҳои дигар тибқи ҷадвал дар рӯзи муайян ба ин ҷо меоянд ва омӯзгорон бо онҳо машғулиятҳо мегузаронанд.

### 5) Синфҳои маъмулӣ

КИМ ва падару модарон пас аз гирифтани маслиҳати Комиссияи арзёбӣ ҳуқуқ доранд, ки дар куҷо таҳсил кардани онҳоро худашон интихоб кунанд. Дар ҳолатҳои имконпазир онҳо метавонанд синфҳои маъмулиро интихоб кунанд, ки дар онҳо шароити мувофиқ барои таҳсили ин гурӯҳи бачагон фароҳам оварда шудааст.

Бо ин маълумоти мухтасар шинос шуда, шояд баъзе мутахассисон чунин андеша кунанд: «Хайр, чӣ? Дар мо ҳам чунин аст!». Оре, дар мо ҳам чунин шаклҳои таҳсил пешниҳод мешаванд. Аммо ин монандӣ ва шабоҳат фақат дар шакли зоҳирӣ аст, на дар моҳияти он. Ҳақиқат он аст, ки «мактаби талаботи махсуси таҳсилотӣ» (МТМТ) ин мактаб-интернат нест. Аниқтараш, собиқ мактаб-интернат аст, ки ҳам аз рӯйи шакли таҳсил ва ҳам аз ҷиҳати моҳият ва функсияҳои худ комилан тағйир дода шудааст. Муҳимтарин фарқи ин навъи мактабҳо аз мактаб-интернатҳои мо чунин аст: Аввалан, бачагон (ғайр аз ҳолатҳои нодири истисноӣ, вақте ки аз ҷойҳои дур меоянд) шабона дар он намеистанд. Сониян, ба ҳар як омӯзгор се хонанда рост меояд. Сеюм, он аз дигар мактабҳо ҷудо нест: ҳам бачагон ва ҳам омӯзгорони ин навъи мактабҳо зуд-зуд ба мактабҳои дигари маъмулӣ меравaнд ва ё аз дигар мактабҳо ба ин ҷо кӯдакону омӯзгорон меоянд. МТМТ маркази қавии захиравӣ барои пешбурди таҳсилоти фарогир аст. Он бо дигар мактабҳои махсус ва ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ (муассисаҳои таълимии томактабӣ, ибтидоӣ, зинаи поёнии миёна, зинаи болоии миёна) робитаи қавӣ ва ҳамаҷониба дорад, ба рушди минбаъдаи кӯдакон – ба даст овардани малакаҳои шуғлу кор ва ё дохилшавӣ ба коллеҷу донишгоҳҳо мусоидат мекунад. МТМТ ҳамчунин хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии КИМ-ро таъмин мекунад. Фаъолияти МТМТ-ро дар нақша чунин тасвир кардан мумкин аст *(аз презентатсияи PhD Юмико Сайто (Ymiko Saito), Пажӯҳишгоҳи миллии таҳсилоти талаботи махсус (National Institute of Special Needs Education)*:






**Функсияҳои мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ ба сифати марказҳои захиравӣ:**

- *таъмини дастгирии омӯзгорони мактабҳои маъмулӣ;*
- *таъмини иттилоотии мактабҳои маъмулӣ;*
- *таъмини муқаррарот ва дастгирии КИМ дар мактабҳои маъмулӣ;*
- *таъмини такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони мактабҳои маъмулӣ;*
- *таъмини таҷҳизот ва иншоот барои КИМ, ки дар мактабҳои маъмулӣ таҳсил мекунанд;*
- *танзими фаъолиятҳо миёни ташкилотҳои дахлдор (таъмини иҷтимоӣ, кумаки тиббӣ, кор ва ғ.).*

Ҳамин тариқ, барои низоми таҳсилоти фарогир дар Япония **ба КИМ пешниҳод намудани хизматрасониҳои таҳсилотӣ вобаста ба имкониятҳои онҳо ва таъмини иҷтимоишавии онҳо муҳим аст. Масъалаи он ки ин хизматрасониҳо дар куҷо ва бо кадом шарту шароит пешниҳод мешавад ва иҷтимоишавии онҳо бо кадом тарз амалӣ мегардад, аз рӯйи имкониятҳои инфиродӣ ва дигар омилҳое, ки ба рушди кӯдак ва ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда таъсири мусбат мерасонанд, муайян мешавад.**

Чизи муҳимме, ки Япония ноил гардид, он аст, ки ҳама навъҳои муассисаҳои таълимӣ бе истисно ба як воҳиди том муттаҳид карда шуданд, ки дар робитаи мутақобила қарор доранд. Синфҳои маъмулӣ, синфҳои захиравӣ ва марказҳои захиравӣ ҳалқаи асосии таҳсилоти фарогирро ташкил мекунанд, ки байни онҳо фаъолият ва таҳсили якҷоя ба роҳ монда шудааст. Масалан, марказҳои захиравии як мактаб барои омӯзгорон ва хонанадагони мактабҳои дигар низ дастрас мебошанд, онҳо дар рӯзу соатҳои тибқи ҷадвал муайяншуда ба ин ҷо омада, машғулиятҳои таълимӣ ва амалӣ мегузаронанд, аз таҷҳизоту воситаҳои таълимии марказ истифода мекунанд. Мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ аз мактабҳои маъмулӣ танҳо аз рӯйи ҳисоботи оморӣ ҷудо мешаванд, аммо аз рӯйи вазифа ва фаъолият қисми таркибии як низоми таҳсилот буда, дар раванди рушди таҳсилоти фарогир нақши назаррас мебозанд. Байни онҳо ва дигар мактабҳои маъмулӣ низ фаъолият ва таҳсили якҷоя ба роҳ монда шудааст.

Ба таври умум, тамсилаи таҳсилоти фарогирро дар Япония ба шакли нақшаи зерин тасвир кардан мумкин аст *(аз презентатсии PhD Юмико Сайто (Ymiko Saito):*




Аз ин таҷриба чӣ чизи ҷолиберо барои худ гирифтан мумкин аст?

Тавре ки дар боло қайд карда будем, ҳоло дар ҷомеаи мо як гурӯҳи мутахассисон бар он андешаанд, ки аз низоми таҳсили КИМ дар мактаб-интернатҳо пурра даст кашем. Дигарон розиянд, ки ин навъи муассисаҳои таълимиро то замоне, ки дигар ба онҳо зарурат намонад, боқӣ гузоштан мумкин аст. Дар баробари ин, тибқи андешаи гурӯҳи сеюм мактаб-интернатҳо ҳеҷ бадие надоранд, ҳатто дар баъзе мавридҳо (мавҷудияти имкониятҳо ва шароити мусоид, мутахассисони касбӣ, назорати тиббӣ, касбомӯзӣ ва ғайра) барои КИМ аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ беҳтаранд.

Инсофан бояд гуфт, ки мактаб-интернатҳо ба ғояҳои ТФ созгор набошанд ҳам, дар гузашта ва имрӯз низ барои соҳиби донишу касб ва иҷтимоӣ шудани КИМ нақши муайян доранд. Барои намуна аз фаъолияти мактаб-интернати махсуси таҳсилоти асосии №3-и ш. Душанбе (барои кӯдакони норасоии рушди ақлонӣ) ёдовар шудан бамаврид аст. Дар ин муассиса ҳоло 106 нафар хонанда (аз ҷумла, 37 нафар духтар) таълим мегиранд, ки ба онҳо 25 нафар омӯзгору



мураббӣ таълиму тарбия медиҳанд. Яъне, ба ҳисоби миёна ба ҳар омӯзгор/мураббӣ 4,24 хонанда рост меояд. Худи ҳамин далели самаранокӣ будани чараёни таълиму тарбия аст. Дар баробари синфхонаҳо, толори варзиш, хобгоҳҳо ва дигар биноҳои ёрирасон дар муассиса кабинетҳои муҷаҳҳази дӯзандагӣ, компютерӣ ва рӯзгордорӣ фаъолият мекунанд. Дар давоми соли таҳсил 5 маротиба мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ гузаронида мешаванд. Дар тӯли солҳои 2011–2014 дар мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ хонандагони муассиса дар маҷмӯъ 4 медали тило, 6 медали нуқра ва 2 медали биринҷӣ ба даст овардаанд[8]. Ин гуфтаҳо гувоҳи онанд, ки ба ҷойи даст кашидан аз хизматрасониҳои таълимии ин гуна муассисаҳо дар давраи гузариш ба таҳсилоти фарогир заминаҳои моддӣ, техникӣ ва касбии онро тақвият бахшида, онҳоро ҳамчун марказҳои омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст.



*Дар яке аз синфҳои мактаб-интернати махсуси таҳсилоти асосии №3-и ш. Душанбе*

Пеш аз он ки дар ин масъала ба як қарори ниҳоӣ биёем, бояд ҳамаи тарафҳои мусбату манфиро мӯшикофона таҳлилу баррасӣ намоем. Мо кӯшиш мекунем, ки ин масъаларо бо роҳи муайян намудани тарафҳои қавӣ ва заифи ҳар яке аз муассисаҳои таълимӣ дар

[8] Маълумотномаи расмиро оид ба фаъолияти ин муассиса директори мактаб Қадамова Гулчеҳра пешниҳод намудааст (А.Б.).

робита ба имконияти таҳсили КИМ дар онҳо баррасӣ кунем. Ба сифати меъёрҳо ҳамаи нишондиҳандаҳоеро интихоб мекунем, ки барои КИМ заруранд. Дар айни замон муассисаҳои таълимиро ба се гурӯҳ – мактабҳои маъмулӣ, мактабҳои дорои синфхона /марказҳои захиравӣ ва мактаб-интернатҳо (ниг. ба ҷадвали зерин) ҷудо намудем[9].

### Таҳлили намунавии коршоямии муассисаҳои таълимӣ дар робита бо ҷалби КИМ дар Тоҷикистон

| № | Нишондиҳандаҳо | Мактабҳои маъмулӣ | Мактабҳо бо синфҳои захиравӣ | Мактаб-интернатҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дастрасӣ дар маҳалли зист | + | -/+ | - |
| 2 | Мавҷуд будани шароит барои таҳсил | - | + | + |
| 3 | Зиндагии доимӣ бо оила | + | + | - |
| 4 | Шароит барои гирифтани малакаҳои корӣ ва касбу ҳунар | - | - | -/+ |
| 5 | Мавҷуд будани мутахассисон ва кормандони ёрирасон | - | -/+ | + |
| 6 | Имконияти қабули хонандагон аз минтақаҳои дигар | - | - | + |
| 7 | Мавҷуд будани педагогҳои махсус | - | -/+ | + |
| 8 | Расонидани ёрии зарурии тиббӣ | - | -/+ | + |
| 9 | Мавҷуд будани инфрасохтори мувофиқ | - | -/+ | + |
| 10 | Шароити муносиби таъмини маблағгузорӣ | - | - | -/+ |
| 11 | Таносуби мувофиқи омӯзгорон ва хонандагон | - | - | + |
| 12 | Иҷтимоишавии бачагон | + | + | - |
| 13 | Мавҷуд будани васоил/моводи иловагии таълим | - | -/+ | + |
| 14 | Муносибати хуби байни хонандагон | -/+ | -/+ | -/+ |
| 15[10] | Муносибати падару модарон | -/+ | -/+ | -/+ |

Дар ин ҷадвал аломати (+) маънои пурра ё ғолибан мавҷуд будани шароитро аз рӯйи нишондиҳандаи додашуда ифода мекунад, аломати (-) ҳолатеро тасвир мекунад, ки дар муассисаи таълимӣ чунин шароит умуман вуҷуд надорад ва ё хеле нокифоя аст, аломати (-/+) чунин маъно дорад, ки шароит ба нишондиҳанда тақрибан 50% ҷавобгӯ аст.

Аз ин таҳлили бисёр сода, аммо ба назари мо, хеле муҳим хулоса кардан мумкин аст, ки мактабҳои таҳсилоти умумии мо дар шароити имрӯза барои қабули бачагони дорои норасоиҳои вазнини саломатӣ ва рушди равонӣ омода нестанд. Агар мактабҳои инклюзивиро, ки аксаран бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ таъсис ёфта истодаанд[11] аз назар гузаронем, бо вуҷуди муҳайё намудани баъзе аз шароитҳои мувофиқ, бояд эътироф кунем, ки онҳо низ имконияти ҷалби ҳамаи гурӯҳҳои КИМ-ро бе истисно надоранд. Дар навбати худ, мактаб-интернатҳо низ наметавонанд ба ҳамаи ниёзҳои КИМ аз нуқтаи назари таҳсилоти инклюзивӣ ҷавобгӯ бошанд.

Дар шакли идеалӣ, таҳсилоти пурраи фарогир замоне ба даст меояд, ки агар дар муқобили ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аломати (+) гузоштан мумкин бошад. Барои ин танҳо мавҷуд будани майлу хоҳиш кам аст, барои ин мо ба захираҳо, пеш аз ҳама, захираҳои

[9] Ин ҷо мо аксаран кӯдаконеро дар назар дорем, ки дорои норасоиҳои вазнини саломатӣ ва рушди равонӣ буда, бароящон таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ тайёрӣ ва мутобиқсозии пешакиро тақозо мекунад.

[10] Дар ҳолатҳои зарурӣ миқдори нишондиҳандаҳоро бо меъёрҳои дигар пурра кардан мумкин аст.

[11] Ба сифати мактабҳои инклюзивӣ муассисаҳои таълимие пазируфта шудаанд, ки дорои инфрасохтори муносиб ва марказҳо (синфҳо)-и захиравӣ мебошанд.

бузурги молиявӣ ниёз дорем. Маҳз камбуди захираҳои молиявӣ, ки бештар ба омилҳои объективӣ вобастаанд, на ба мавҷуд набудани майлу хоҳиш ва саъю кӯшиши масъулони соҳа, аз мо тақозо мекунад, ки оқилонатарин роҳи ҳалли проблемаро интихоб кунем.

Аз ин рӯ, давраи гузариш қабул ва татбиқи барномаҳои мушаххаси давлатиро тақозо мекунад. Дар ин маврид аз таҷрибаи Қазоқистон ёдовар шудан мумкин аст. Тибқи «Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2016-2019» рушди ТФ аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва дар назар дошта шудааст, ки дар соли 2020 ҳиссаи муассисаҳои томактабӣ, ки дар онҳо шароити таълиму тарбияи КИМ фароҳам оварда шудааст, 30%-и шумораи умумии чунин муассисаҳоро ташкил хоҳад дод. Ин нишондиҳанда барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 70%, барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 40% ва барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 100% муайян гардидааст [23]. Дар баробари ин, ҷалби КИМ ба МТУ дар ду шакл ба роҳ монда мешавад: 1) таъсиси синфҳои таълими ҳамгиро, ки иҷтимоишавии пурраи КИМ-ро дар назар дорад ва дар ҳар як синф то 3 КИМ таҳсил мекунад ва 2) таъсиси гурӯҳҳои махсусиислоҳӣ, ки вобаста ба навъи норасоиҳои рушд ташкил карда мешаванд ва иҷтимоишавии хонандагонро қисман бо роҳи ҷалби онҳо дар фаъолиятҳо ва чорабиниҳои умумимактабӣ ва байнимактабӣ амалӣ месозанд. Хонандагони ин гурӯҳҳо дар сурати таъмини рушди мусбат ва азхудкунии барномаи таълим бо тавсияи МПТП ба синфҳои маъмулӣ интиқол дода мешаванд [50][12].

Ба андешаи мо чунин тарзи муносибат ба татбиқи ТФ барои Тоҷикистон низ созгор аст, зеро дар шароити кунунӣ ба вуҷуд овардани тамоми шароитҳои зарурӣ барои ҷалби ҳама гуна КИМ ба МТУ, махсусан аз нуқтаи назари таъмини маблағгузорӣ, аз имкон берун аст.

[12] Маълумот оид ба таҷрибаи Қазоқистон аз ҷониби А. Искакова – номзади илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи миллии омӯзгории Қазоқистон ба номи Абай ва Г. Закаева – магистри таҳсилот, директори ташкилоти ҷамъиятии «Мактаб барои ҳама» пешниҳод шудааст (А.Б.).



## ДАСТГИРИИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД: АЗ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ТО БОКОРТАЪМИНКУНӢ

Конвенсияҳои байналмилалӣ ва қонунгузории дахлдори дохилии кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон [41; 52], таъмини ҳаёти шоёистаро барои ШИМ дар назар доранд. Яъне, гирифтани таҳсилот ин танҳо як паҳлуи масъала аст. Дар баробари ин тамоми имкониятҳоро фароҳам сохтан лозим аст, ки ШИМ тибқи қобилиятҳо ва имкониятҳои инфиродии худ соҳиби касбу кор ва ихтисос шуда, бо кори доимӣ таъмин шаванд. Дар ин масъала низ таҷрибаи Япония қобили таваҷҷуҳ аст.

### То мактаб

Пас аз ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият дар Япония, пеш аз ҳама, ба Консепсияи дастгирии КИМ тағйироту иловаҳо ворид карданд. Пештар барои дастгирии КИМ аз ҳама муҳим расонидани кумаки тиббӣ ва пешниҳоди таҳсилот ба ҳисоб мерафт: ин ду омил барои рушди кӯдак зарурӣ эътироф мешуд. Муқаррароти Консепсияи собиқ **раҳёфт (муносибат)-и инфиродиро ба ҳар кӯдак** дар назар дошт – ба ҳар кӯдак вобаста ба навъи норасоии саломатӣ ва рушди равонӣ ёрии тиббӣ ва сатҳу ҳаҷми муносиби таҳсилот пешниҳод мешуд. Консепсияи нав ба дастгирии КИМ дар рушд равона шудааст. Он **раҳёфти маҷмӯиро** дар назар дорад. Инро дар нақшаи зерин нишон додан мумкин аст *(аз презентатсияи Макото Коно, дотсенти Донишгоҳи Кёрин (Mr. Makoto Kono, Associate Professor, Kyorin University).*



Тавре ки мушоҳида мешавад, тибқи ин раҳёфт фақат табобат ва таҳсилот барои рушди кӯдак кофӣ нест. Раҳёфти маҷмӯӣ иштироки ҳамаро дар ҷараёни рушди кӯдак ба назар мегирад: худи кӯдак, оила ва ҷомеа.

Дар таҳрири нави Консепсия дастгирии кӯдак чунин самтҳоро дар бар мегирад: хизматрасонии тиббӣ барои табобати пурра ё пешгирии хуруҷи минбаъдаи бемори бо дарназардошти коршоямии узвҳои бадан; пешниҳоди таҳсилот барои таъмини иштироки кӯдак дар ҷараёни таҳсил ва гирифтани сатҳи муносиб вобаста ба имконияту қобилиятҳои инфиродии ӯ. Ғайр аз ин, омилҳои муҳити атроф (оила, мактаб, ҷомеа) ва инфиродии худи кӯдак ба назар гирифта шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ кумакҳои иловагии мувофиқ расонида мешавад.

Муҳимтарин чиз дар ин ҷараён он аст, ки ҳамаи саъйу кӯшишҳо ба таъмини **фаъолияти кӯдак** равона мешаванд. Дар нақша онро чунин нишон додан мумкин аст *(аз презентатсияи Макото Коно, дотсенти Донишгоҳи Кёрин (Mr. Makoto Kono, Associate-Professor, Kyorin University)*:

➤ **Консепсияи дастгирии рушд**






Агар ин тарзи муносибатро бо шароити Тоҷикистон муқоиса кунем, чунин нуктаҳои муҳимро қайд кардан мумкин аст:

Аз замони шӯравӣ ба мо таҷрибаи хуби нигоҳубин ва дастгирии кӯдак аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ (дармонгоҳҳо) ба мерос мондааст. Ин нигоҳубин аз замони ҳомиладории модар шурӯъ мешавад: тибқи маъмул модарони оянда ба ин ё он дармонгоҳ сабти ном мешаванд. Сипас, пас аз таваллуди кӯдак, кӯдакро низ сабти ном мекунанд ва рушди ӯро давра ба давра кормандони дармонгоҳ назорат мекунанд. Ин яке аз беҳтарин дастовардҳост. Инсофан бояд қайд кард, ки на ҳамаи кишварҳо аз ин чиз бархурдоранд.

Аммо вақте ки сухан дар бораи КИМ меравад, баъзе норасоиҳои ин низом ошкор мегардад. Аз ҷумла, дар сурати ошкор намудани норасоиҳо дар рушд ва ё саломатии кӯдак, ӯро ба мутахассис равона мекунанд, ки вазифаи ӯ танҳо табобат кардани кӯдак аст. Муассисаи таълимии томактабӣ ин гуна кӯдаконро на ҳамеша бо ҳавасмандӣ қабул мекунад, то ки дастгирии таҳсилотии кӯдак низ таъмин гардад, аҳли оила (падару модарон, калонсолон) дар аксар мавридҳо тарзу усулҳои тавонбахшӣ ва дастгирии таҳсилоти барвақтии кӯдакро намедонанд. Дастурҳои мувофиқи методӣ ва маводи таълимӣ низ доир ба ин масъалаҳо камёб ё дастнорасанд. Оила ба иҷтимоишавии кӯдак низ омода нест: падару модарон аз нишон додани кӯдаки худ шарм медоранд ва онҳоро ба берун (кӯча) намебароранд, ҳамсоягон барои пазируфтани чунин кӯдакон тайёр нестанд, ҳатто баъзан ба кӯдакони худ таъкид мекунанд, ки бо онҳо наздик нашаванд ва бозӣ накунанд. Дар ин ҷода мо бояд бисёр корҳоро анҷом диҳем.

Аз замони шӯравӣ нигоҳубин ва назорати КИМ дар синни томактабӣ ва мактабӣ ба машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (МПТП) вогузор гардидааст. Дар Тоҷикистон ҳоло шаш МПТП дар шаҳрҳои Душанбе (2), Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Хоруғ фаъолият мекунад. Ин муассисаҳои давлатӣ характери ташхисӣ-ислоҳкунӣ доранд ва фаъолияти онҳо ба дастгирии КИМ аз рӯзи таваллуд то синни 18-солагӣ равона шудааст. МПТП ба гурӯҳҳои зерини кӯдакон кумак мерасонад:

- Бачагоне, ки дорои як ё якчанд гурӯҳи маҳдудиятҳои рушд мебошанд.
- Бачагоне, ки дар хусуси бо эҳтимоли калон ба монеа дучор омадани рушд тавсифномаи тиббӣ доранд.

- Бачагоне, ки дар шароити хавф (риск)-и иҷтимоӣ зиндагӣ мекунанд.
- Бачагоне, ки ба гурӯҳи хавф (риск)-и биологӣ мансубанд.

**Ҳадафу вазифаҳои асосии МПТП аз инҳо иборатанд:**

- Ташхиси психологӣ-тиббӣ-педагогии бачагон бо мақсади муайян намудани талаботҳои махсуси онҳо ба рушд;
- Расонидани кумакҳои машваратӣ ба падару модарон, омӯзгорон, кормандони соҳаи иҷтимоӣ ва дигар шахсоне, ки бо кӯдакон кор мекунанд;
- Муайян кардани роҳҳо, тарзу усулҳо ва шароити муносиби табобат, таълим ва тарбия;
- Ҳамгиройии КИМ ба ҷомеа;
- Мусоидат кардан барои то ҳадди ақал кам кардани ҷалби КИМ ба муассисаҳои махсуси таълимии навъи пӯшида (мактаб-интернатҳо), афзойиши неруи онҳо барои таъмини зиндагии мустақилона дар ҷомеа бо роҳи ба низоми таҳсилоти умумӣ ҷалб намудани онҳо;
- Сари вақт ошкор кардани навъҳои норасоӣ дар рушди кӯдак ва расонидани кумаки зарурӣ ба ӯ ва оилаи ӯ.

Дар МПТП кормандони тахассусӣ – дефектологҳо (олигофрено-педагогҳо, сурдопедагогҳо, тифлопедагогҳо, логопедҳо), равон-шиносон, пизишкон (мутахассисони системаи асаб, невро-патологҳо, сурдологҳо, офтамологҳо), мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ, ҳамчунин кормандони тиббии зинаи хурд ва миёна кор мекунанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ дигар мутахассисони тиббӣ ва педагогҳо низ ҷалб мешаванд.

Бояд илова кард, ки МПТП дар назди дармонгоҳҳо фаъолият мекунанд ва муассисаҳои давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамаи ин нишонаи муназзам будани ғамхории давлат дар муносибат бо КИМ аст. Дар ин ҷо ҳадафҳое низ ба назар гирифта шудаанд, ки ба ғояҳои таҳсилоти фарогир созгоранд. Аммо масъала дар ҷойи дигар аст: МПТП то кадом андоза қобилияту имконияти расонидани чунин кумакҳои заруриро доранд? Фаъолияти онҳоро аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир чӣ тавр метавон беҳтар кард? Неруи ин муассисаҳоро чӣ тавр самараноктар метавон истифода кард?

Дар ҳоли ҳозир МПТП аз нуқтаи назари идорӣ ва сохторӣ тобеи ВТҲИ мебошанд (пештар онҳо зерсохтори Вазорати маориф буданд).



Мантиқан, агар мо дар ҳақиқат хоҳем, ки ба ҳадафҳои таҳсилоти фарогир комёб шавем, ки дар навбати худ се ҷузъи тақсимнопазири дастгирии рушд – табобат, таҳсилот ва иҷтимоишавиро дар бар мегиранд, бояд эътироф кунем, ки МПТП аз рӯйи соҳа ва мақсадҳои фаъолият бояд муассисаи байнисоҳавӣ бошад, на зертобеи ин ё он вазорати алоҳида. Ин андешаро худи кормандони МПТП, ки бо онҳо дар ҷараёни таҳияи дастури методӣ оид ба таҳсилоти фарогир ҳамкорӣ доштам, низ ҷонибдорӣ мекунанд.

Дар ин маврид худи моҳияти МПТП низ тағйир меёбад – он на танҳо ба самти тиббӣ, балки сирф ба таҳсилоти фарогир нигаронида мешавад, ки дастгири тиббӣ як ҷузъи он аст. Ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки машваратгоҳ мустақилона, дар бинои алоҳида бошад. Дар шароити мо дар назди дармонгоҳҳо фаъолият намудани МПТП ба мақсад мувофиқ аст. Вале неруи онҳоро бояд тарзе инкишоф дод, ки дар баробари кормандон, пизишкон ва омӯзгорони оянда низ дар он таълим гиранд, таҷриба омӯзанд, барои ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ин тарзи муносибат бо МПТП ҳамчунин барои ба роҳ монданн ҳамкориҳои муфид байни кормандони тиббӣ ва омӯзгорон, аз як тараф ва падару модарону ҷомеа, аз тарафи дигар, кумаки амалӣ мерасонад.

Зимнан, дар таҳсилоти фарогир шарт нест, ки ҳамаи курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳо гузаронида шаванд. Баръакс, ташкили чунин курсҳо дар назди мактаб-интернатҳо (дар марҳилаи аввал), мактабҳои инклюзивӣ (дар оянда) ва ҳамчунин дар МПТП ба маротиб самараноктар хоҳад буд. Табиист, ки маблағҳои ба ин мақсад ҷудошуда бояд ба ҷой ва муассисае, ки ин курсҳоро ташкил мекунад, интиқол ёбанд.

### Дар мактаб

Яке аз масъалаҳои муҳими дигар таҳияи барномаҳои таълимӣ барои бачагони маъмулӣ ва имконияташон маҳдуд аст. Дар ин маврид ҳам имрӯз дар байни мутахассисон ва масъулон дар Тоҷикистон фикри ягона вуҷуд надорад. Ҳоло андешае ба миён омадааст, ки барномаҳои таълимро умуман тағйир додан лозим нест, барои ҳар як КИМ аз рӯйи барномаҳои таълими умумӣ таҳия ва татбиқи нақшаҳои инфиродии

таълим кофист. Пеш аз он ки дар ин масъала низ ба қарори ниҳоӣ осм омӯхтани таҷрибаи Япония, ба андешаи мо, аз фоида холӣ нест.

Дар Япония барномаи таълим барои бачагони маъмулӣ шомили панҷ бахш аст: фанҳои мактабӣ, тарбияи ахлоқӣ, забони хориҷӣ, машғулиятҳои маҷмӯӣ ва машғулиятҳои махсус. КИМ аз рӯи барномаҳои махсус таълим мегиранд. Барои ин онҳоро ба ду гурӯҳи калон тақсим мекунанд: 1) бачагони дорои норасоиҳои биноӣ, шунавоӣ, саломатӣ ва рушди ҷисмонӣ ва 2) бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди рушди ақлонӣ (зеҳнӣ). Барномаи таълим барои гурӯҳи якум аз барномаи умумӣ тақрибан фарқе надорад, фақат барои онҳо як бахши дигар – машғулиятҳо барои рушди мустакилият илова мешавад.

Вале барномаи таълим барои бачагони дорои норасоиҳои рушди ақлонӣ аз гурӯҳҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунад. Барои онҳо омӯзиши фанҳои мактабӣ кӯтоҳтар карда шуда, бахшҳои «забони хориҷӣ» ва «машғулиятҳои маҷмӯӣ» вуҷуд надоранд. Вале «машғулиятҳо барои рушди мустақилият» бештар мешаванд.

Дар нақша барномаҳои таълимро чунин тасвир кардан мумкин аст (*нақшаҳо аз ҷониби хонум Саяка Сузуки пешниҳод шудаанд*):

### 1. Нақшаи барномаи таълим барои синфҳои ибтидоии таҳсилоти умумӣ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Фанҳо:** Забони японӣ, илмҳои иҷтимоӣ, арифметика, табиатшиносӣ, омӯзиши муҳити зист, мусиқӣ, расмкашӣ ва кори дастӣ, хоҷагии хонагӣ, тарбияи ҷисмонӣ | Тарбияи ахлоқӣ | Забони хориҷӣ | Машғулиятҳои маҷмӯӣ (Integrated Studies) | Машғулиятҳои махсус |



### 2. Нақшаи барномаи махсуси таълим барои бачагони дорои маҳдудиятҳои биноӣ, шунавоӣ, ҷисмонӣ ва саломатӣ дар синфҳои ибтидоӣ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Фанҳо:** Забони японӣ, илмҳои иҷтимоӣ, арифметика, табиатшиносӣ, омӯзиши муҳити зист, мусиқӣ, расмкашӣ ва кори дастӣ, хоҷагии хонагӣ, тарбияи ҷисмонӣ | Тарбияи ахлоқӣ | Забони хориҷӣ | Машғулиятҳои маҷмӯӣ (Integrated Studies) | Машғулиятҳои махсус | Машғулиятҳо барои рушди мустақилият |

### 3. Нақшаи барномаи махсуси таълим барои кӯдакони дорои маҳдудиятҳои рушди ақлонӣ барои синфҳои ибтидоӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Фанҳо:** Омӯзиши муҳити атроф, забони японӣ, арифметика, мусиқӣ, расмкашӣ ва кори дастӣ, тарбияи ҷисмонӣ | Тарбияи ахлоқӣ | Машғулиятҳои махсус | Машғулиятҳо барои рушди мустақилият |

Барои гурӯҳи аввали КИМ (бачагони дорои маҳдудиятҳои биноӣ, шунавоӣ, саломатӣ ва рушди ҷисмонӣ) дар ҳолати зарурӣ китобҳои дарсӣ мутобиқ гардонида мешаванд (масалан, таҳияи китобҳои дарсӣ бо забони Брайл барои нобиноён, забони имову ишора барои ношунавоён ва ғайра), ҳангоми зарурат нақшаҳои инфиродии таълим таҳия мегарданд. Аммо барои гурӯҳи дуюм (бачагони дорои маҳдудиятҳои рушди ақлонӣ) вобаста ба имконияту қобилиятҳои инфиродӣ (шахсӣ) нақшаҳои инфиродии таълим таҳия мегарданд. Дар айни замон стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълими умумӣ тағйир дода намешаванд. Табиист, ки таҳияи нақшаҳои инфиродии таълим

метавонад кам кардани ҳаҷми сарбории барномаи таълимро дар назар дошта бошад, аммо ҳаҷми коҳиш ва ё ворид намудани тағйирот ба ҳар як кӯдаки имконияташ маҳдуд вобаста аст.

Дар мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ (МТМТ) дар ҳар як синф 6-7 нафар хонанда таҳсил мекунад, бо онҳо се мутахассис дар як вақт машғулият мегузаронанд. Яке аз онҳо тибқи барнома таълим медиҳад, дуюмӣ дар паҳлуи бачагон истода, ба ҳар кас дар мавриди зарурӣ кумак мерасонад (агар моҳияти вазифаи додашударо нафаҳмад, такроран онро мефаҳмонад, агар дуруст нанишаста бошад, ислоҳ мекунад, китфашро навозиш карда, барои иҷрои вазифа ҳавасманд мекунад ва ғайра). Сеюмӣ дар як кунҷ нишаста, ҳар як хонандаро мушоҳида ва назорат мекунад, ба дафтарчааш барои ҳар як хонанда тибқи ҳар як ҳаракат, ҳар як аксуламал, ҳар як ҳолати ғайримаъмулӣ қайдҳои махсус мекунад. Ҳамаи ин дар фаъолияти якҷояи оянда ба назар гирифта мешавад, хулосаву тавсияҳо дар маҷлисҳои умумӣ баррасӣ мешаванд, ба падару модарон тавсияҳои мушаххас дода мешавад.

Ҳамаи ин чизро мушоҳида карда, мо шояд бо худ биандешем, ки барои мо ин як орзуи ширину дастнорас аст. Аммо танҳо маъюсу ноумедон метавонанд чунин нобовар бошанд. Дуруст аст, ки барои ҷалби мутахассисони иловагӣ маблағи зиёде лозим аст, ки онро надорем. Аммо ба сифати ёвари омӯзгоре, ки бо КИМ кор мекунад, падару модарон, аҳли калонсоли хонавода, ихтиёриён, хонандагони синфҳои болой ва дигаронро низ ҷалб кардан мумкин аст. Ба сифати «мушоҳидон» донишҷӯёни таҷрибаомӯз аз донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва муҳаққиқони ҷавон фаъолият карда метавонанд. Ҳатмӣ нест, ки донишҷӯёни мо таҷрибаомӯзиро ҳама дар як вақт ва дар як муассиса гузаронанд. Барои донишҷӯ имкон додан лозим аст, ки таҷрибаомӯзиро дар вақти ба худаш қулай ва дар муассисае, ки бештар барои кор муфид аст, гузаронад. Муҳимтар аз он, мо бояд ба донишҷӯ бовар кунем, мустақилияти ӯро эътироф ва ҳавасманд созем, бо ӯ ҳамчун бо инсони комилу калонсол муносибат кунем. Аз ростӣ, ман аллакай норозигии муҳофилони ин ақидаро ҳис мекунам: «Ин мумкин нест! Иҷрои стандарту барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои таълим чӣ мешавад? Оё имкон дорад, ки донишҷӯ аз таҳсил дур монда, мустақилона бо таҷрибаомӯзӣ машғул шавад?» Ва ғайра ва ҳоказо. Ба онҳое, ки чунин андеша доранд, мехоҳам эҳтиромона посух гӯям: «Ҷанобон! Мо намехоҳем, ки кори худро мушкил созем, мо умуман



коҳиши дар бораи тақдири КИМ фикр карданро надорем. Ё шояд ҳанӯз ба моҳияти ин проблема ворид нашудаем.»

Ҷонибдорони таҳияи нақшаҳои инфиродии таълим (НИТ) барои КИМ рӯз то рӯз меафзоянд. Ҳамчунин дарки зарурати ба чунин шакли таълим гузаштан низ бештар мешавад. Аммо ҳоло ин ҷараён дар марҳилаи ибтидоии худ қарор дорад, мисли тифлест дар батни модар. Шумораи мутахассисон-таҳиягарони НИТ кофӣ нест, комиссияҳои коршоями таҳияи НИТ барои КИМ дар мактабҳо ҳанӯз вуҷуд надоранд. Аммо ин ҳама масъалаи вақт аст, зеро НИТ унсури асосии татбиқи таҳсилоти фарогир аст.

Дар мавриди муносибат бо кӯдаконе, ки дорои маҳдудиятҳои рушди ақлонӣ мебошанд, дар мактаб-интернатҳои мо онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1) бачагони дорои норасоиҳои сабуки рушди ақлонӣ ва 2) бачагони дорои норасоиҳои вазнини рушди ақлонӣ. Барои ҳар яке аз ин гурӯҳҳо барномаҳои махсуси таълимӣ таҳия шудаанд. Моҳияти ин барномаҳои таълим аз он иборат аст, ки аз як тараф, ҳаҷм ва мазмуни фанни мактабӣ коҳиш дода шуда, аз тарафи дигар, миқдори соатҳои таълимӣ барои фанҳои мактабӣ нисбат ба мактабҳои маъмулӣ зиёд карда мешавад. Масалан, ҳаҷм ва мазмуни фанни математика барои синфи якум дар ин мактабҳо дар давоми ду сол таълим дода мешавад. Вобаста ба ин китобҳои дарсӣ ва маводи методии таълим таҳия мешаванд (дар баъзе мавридҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии замони шӯравӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ истифода мешаванд). Ҳамин тариқ, барномаи таълими таҳсилоти асосӣ (синфҳои 1-9) дар мактаб-интернатҳои махсус барои бачагони дорои норасоиҳои рушди ақлонӣ амалан аз ҳаҷм ва мазмуни барномаи таълими зинаи ибтидоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4) иборат аст. Дар баробари ин, барои рушди фаъолияти мустақилона, самтёбӣ дар маҳал, ба даст овардани малакаҳои меҳнатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Инсофан бояд эътироф кард, ки барои амалӣ сохтани ин ҳадафҳо шароитҳои идеалӣ набошад ҳам, муҳити нисбатан созгор фароҳам оварда шудааст.

Масъалаи дигари муҳим барои КИМ гирифтани малакаҳои меҳнатӣ ва бо кор таъмин кардани онҳост. Бахши ояндаи китоб ба баррасии ин проблема бахшида мешавад.

## ТАҲЛИЛИ РОҲҲОИ ГИРИФТАНИ МАЛАКАҲОИ КАСБӢ ВА БО КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Барои аз наздик шинос шудан бо таҷрибаи касбомӯзӣ ва бо кор таъмин кардани ШИМ мо таваҷҷуҳи хонандаро ба фаъолияти яке аз мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ – Мактаби марказии Сагамиҳараи профектураи Канагава барои талаботи махсуси таҳсилотӣ (*Kanagawa Prefectural Sagamihara Central School for Special Needs Education*) ҷалб мекунем.



Дар ин мактаб ба хонандагон чор намуди малакаҳои меҳнатӣ пешниҳод мешавад: 1) иқтисоди хона, 2) пазандагӣ, 3) тайёр кардани қуттиҳои картонӣ ва 4) корҳои челонгарӣ. Иқтисоди хона (*Domestic Economics*) корҳои шустушӯйӣ, санитарӣ (рӯбучин, тоза кардан ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Бачагон бо роҳбарӣ ва зери назорати мутахссисони калонсол кор мекунанд. Барои ҳар кӯдак вобаста ба имконияtҳояш ҷойи махсуси корӣ мавҷуд аст. Бачагон на ангора (эскиз) ё намунаҳои маҳсулот месозанд, балки бо кори ҳақиқӣ машғул мешаванд. Масалан, тайёр кардани қуттиҳои картонӣ (барои пойафзол, пироҳан, шоколад, атриёт ва ғайра) тибқи қарордоди меҳнатӣ бо ширкатҳои истеҳсолкунанда ба роҳ монда мешавад.





Булкаҳо ва шириниҳои хамирӣ на танҳо барои хӯроки нисфирӯзӣ истифода мешаванд, балки ба фурӯш бароварда мешаванд. Хӯроки нисфирӯзиро низ худи бачагон бо кумаки калонсолон мепазанд. Тартибот ва тозагиро дар мактаб худи бачагон ба уҳда доранд, онҳо на танҳо либосҳои худро мешӯянд, балки барои шустану тоза кардани либос фармойиш қабул мекунанд. Корҳои челонгарӣ тайёр кардану таъмири қисмҳои эҳтиётии дастгоҳҳои гуногунро дар бар мегирад. Робитаи хуби мактаб бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои хизматрасонӣ (ширактҳои туристӣ, меҳмонхонаҳо) низ ба роҳ монда шудааст. Онҳо метавонанд хатмкардагони ин мактабро ба кор қабул кунанд. Ин низом чанд ҷиҳати мусбат дорад. Пеш аз ҳама, КИМ малакаҳом меҳнатӣ ва касбӣ ба даст меоранд. Сониян, мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ аз тариқи бастани шартномаҳои меҳнатӣ ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти худ даромади пулии муайян мегиранд. Агар ба назар гирем, ки маблағгузории ин навъи мактабҳо дар Япония нисбат ба мактабҳои маъмулӣ даҳ карат бештар аст, аҳаммияти ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолиро дар ин мактабҳо фаҳмидан мумкин аст (ба ин масъала дар бахши «Масъалаҳои маблағгузории соҳаи маориф» бармегардем).



Шакли дигари пешниҳоди хизмарасониҳо барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ барои КИМ шабакаи хеле густаришёфтаи марказҳои ҷамъиятӣ барои гирифтани малакаҳои касбӣ аст. Ин гуна марказҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо фаъолият мекунанд, онҳо на танҳо барои хонандагони мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ, балки барои он кӯдакони имконияташон маҳдуде, ки ин муассисаҳоро пештар хатм кардаанд ва мехоҳанд малакаҳои касбии нав пайдо кунанд, дастрас аст. Шаҳодатномаҳое, ки аз ҷониби ин марказҳо дода мешаванд, аз тарафи кордеҳон дар ҳама ҷо эътироф карда мешаванд.





Бачагони имконияташон маҳдуде, ки мехоҳанд таҳсили худро идома диҳанд, метавонанд ба мактабҳои касбӣ-техникии зинаи болоии миёна (синфҳои 10-12) дохил шуда, соҳиби касбу ихтсоси дӯстдоштаи худ гарданд.

Ниҳоят, миқдори муайяни КИМ метавонанд ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ба ихтисосҳое, ки ба истеъдоду қобилияташон мувофиқ аст, дохил шаванд.

Давлат барои бо кор таъмин кардани ШИМ низ чораҳои мушаххас меандешад. Заминаҳои ҳуқуқии бо кор таъминкунии ШИМ дар Япония низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аз ҷумла, дар ҳоли ҳозир корхонаву муассисаҳои Япония, новобаста ба шакли моликият, барои ба кор қабул кардани ШИМ уҳдадориҳои махсус доранд. Таносуби шумораи ШИМ нисбат ба шумораи умумии кормандон ба тариқи зер муайян шудааст:

- дар корхонаҳои хусусӣ – 2%;
- дар муассисаҳои давлатӣ – 2,3%;
- дар идораҳо ва шуъбаҳои маориф – 2,2%.

Яке аз ширкатҳое, ки дар он дар баробари коргарону кормандони маъмулӣ ШИМ низ фаъолият мекунанд, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Такашимая» (Takashimaya Company, Limited) дар ш. Йокогама аст. Танҳо дар як фурӯшгоҳи ин ширкат 29 шахси имконияташ маҳдуд фаъолият мекунанд, ки 2,67%-и шумораи умумии кормандонро ташкил медиҳад. ШИМ бо корҳои гуногун машғуланд.

Бояд қайд кард, ки амалӣ намудан ва назорати иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ дар мавриди ба кор қабул кардани ШИМ кори осон нест. Ҳолатҳое имкон доранд, ки корхона вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти худ наметавонад чунин одамонро ба кор қабул кунад ва ё меъёри муқарраргардидаро иҷро кунад.

Барои бартараф кардани ин ҳолатҳо ва нигоҳ доштани таносуби кормандони умумӣ ва ШИМ чораҳои зерини иловагӣ (ҷаримавӣ ва ҳавасмандкунӣ) андешида мешаванд:



➢ Ширкату корхонаҳое, ки ин таносубро таъмин карда наметавонанд, бояд ҳармоҳа андози иловагӣ супоранд. Андозаи андози иловагӣ барои норасоии ҳар як шахси имконияташ маҳдуд 50 000 йен (тақрибан 400 доллари амрикоӣ)-ро ташкил медиҳад.

➢ Аз тарафи дигар, ширкату корхонаҳое, ки шахсони имконияташон маҳдудро бештар аз меъёри муқарраршуда ба кор қабул мекунанд, ҳар моҳ аз давлат барои ҳар як корманди аз меъёр зиёдбудаи имконияташ маҳдуд аз 21 000 йен (175 $) то 27 000 йен (225 $) кумакпулӣ мегиранд.

➢ Ғайр аз ин, дар давоми се моҳи аввали ба кор қабул кардани ШИМ кумакпулии давлатии моҳона ба андозаи 40 000 йен (330 $) барои ҳар як корманди имконияташ маҳдуд муқаррар шудааст. Ин маблағ барои муҳайё кардани шароити мусоиди корӣ ва аз байн бурдани монеаҳои имконпазири мавҷуда (масалан, тайёр кардани ҷойи кории муносиб) истифода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаи бо кор таъмин намудани ШИМ эътибори қобили назар дода мешавад. Бо ташаббус ва саъйу кӯшишҳои зиёди ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон 29-уми декабри соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" қабул гардид. Дар моддаи 26-и Қонуни мазкур зикр гардидааст, ки корхонаву муассисаҳое, ки шумораи кормандонашон аз 20 нафар бештар аст, бояд 1%-и онҳо ШИМ бошанд. Кодекси андоз низ пешбинӣ намудааст, ки агар шумораи



ШИМ дар корхонаву муассиса аз 50% бештар бошад, аз пардохти андоз аз даромад ва чанд намуди дигари андоз озод карда мешавад.

Аммо, тавре ки дар маълумотномаи ТҶ "Имконият" қайд гардидааст, бо вуҷуди мавҷуд будани заминаҳои ҳуқуқии бо кор таъмин кардани ШИМ вазъ дар ин самт ба таври дилхоҳ нест. Аксари муассисаву корхонаҳо то ҳоло низ бо баҳонаҳои гуногун аз қабули ШИМ ба кор худдорӣ мекунанд.

Ҳоло аксарияти ШИМ дар худи ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон ва бахши хусусӣ бо фаъолияти корӣ машғуланд. Масалан, дар назди ТҶ "Имконият" хизматрасонии муҳосибӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҷавонони маъюби муҳосиб корҳои муҳосибавии ширкатҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродиро анҷом медиҳанд. Ё худ, соли 2016, дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон корхонаи "Дунёи нав" ифтитоҳ гардид, ки дар он зиёда аз 50 нафар духтарони дорои маъюбият бо дӯзандагӣ машғуланд. Ин қадамҳои аввалин хушҳолкунанда бошад ҳам, набояд фаромӯш кард, ки ғояи асосии инклюзия ҷалби ШИМ-ро дар корхонаву муассисаҳои гуногуни давлатӣ ва хусусӣ, ҳамроҳ бо дигар аъзои ҷомеа дар назар дорад.



*Дар корхонаи "Дунёи нав"*

Масъалаи дигар дастрасии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои ШИМ аст. Табиист, ки дар кишварҳои пешрафта ин масъала хеле хуб ба роҳ монда шудааст ва ҳоҷат ба таҳлили он нест.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоте, ки аз ҷониби Ҷамъияти маъюбони «Имконият» бо дастгирии ИЧК–БМ соли 2016 гузаронида шуд, соли 2015 барои иштирок дар озмун барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ 170 нафар ШИМ ҳуҷҷат супориданд, ки аз онҳо 146 нафар холҳои гузаришро соҳиб шуданд [54,10].

Дар шароити Тоҷикистон вобаста ба дастрасии ШИМ ба таҳсилоти касбӣ чанд масъалаи муҳим пеш меояд. Аввалан, таҳияи меъёрҳои арзёбии сатҳи дониш, малака ва қобилиятҳои ШИМ. Табиист, ки як қисми онҳо тибқи муқаррароти имтиҳонсупории ММТ дохил шуда наметавонанд. Дуруст аст, ки ММТ барои маъюбони гурӯҳҳои якуму дуюм 150 холи имтиёзнок муқаррар намудааст. Аммо муҳимтар он аст, ки барои ҳар гурӯҳи ШИМ меъёрҳои мувофиқи арзёбии сатҳи омодагӣ дар мутобиқат ба касбу ихтисос таҳия ва ҷорӣ гардад.

Сониян, дастрасии ШИМ ба таҳсилоти касбӣ муҳайё намудани шароити мувофиқро ҳам ҳангоми супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ва ҳам ҳангоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ тақозо мекунад.

Тибқи гузориши натиҷаи таҳқиқоте, ки дар боло зикр гардид, КИМ чунин монеаҳои мавҷударо ҳангоми супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ қайд кардаанд:

- Мувофиқ набудани тестҳо барои нобиноён ва ношунавоён;
- Дур будани марказҳои қабули имтиҳонот;
- Мувофиқ набудани роҳравҳо барои ҳаракат бо аробача ва барои нобиноён;
- Муносибати нохуби кормандон ва масъулон [54, 32].

Ба илова, онҳо пешниҳод кардаанд, ки ҳуҷҷатҳои ШИМ бояд бе навбат қабул карда шаванд, дар марказҳои имтиҳонгирӣ мутахассисоне бошанд, ки бо ШИМ кор карда метавонанд, вақти зиёдтар ҷудо карда шавад [54, 33].

Аммо паси сар кардани монеаҳои фавқуззикр танҳо як тарафи масъала аст. ШИМ пас аз дохил шудан ба мактаби олӣ бо мушкилоти дигар рӯ ба рӯ мешаванд, ки муҳимтарини онҳо аз ҷиҳати техникӣ мувофиқ набудани синфхонаҳо, мавҷуд набудани шароитҳои зарурии санитарӣ, мавҷуд набудани барномаи инфиродии таълим, нарасидани



мутахассисон ва омӯзгорони махсус, муносибати нохуби баъзе ҳамкурсон ва муаллимон аст.

Дар ҳақиқат, ҳар бор, вақте ки ба ҷойи кор, ба факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ меоям, бо ҷавони зебову ширинсухане, ки бо аробача ҳаракат мекунад (ӯ соли 2016 ба курси якум дохил шудааст), аҳволпурсӣ мекунам. Хушҳол мешавам, ки имкон дорад бо ҳамсолони худ таҳсил кунад. Дар бари ӯ ҳамеша ҳамкурсонашро мебинам, ки омодаи кумаку суҳбат ҳастанд, онҳоро дуои нек мекунам... Вале ҳар гоҳ мушоҳида мекунам, ки ҳар рӯз як нафар (ҳалолаш бод!) ӯро рӯйи дастони худ гирифта, аз ошёнаи якум то ошёнаи чорум боло мебарад ва шахси дигар аробачаи ӯро кашолакунон аз пасаш мебарояд, дилам реш мешавад...

## ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО ВА БОЗОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОН БАРОИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

Тавре ки таҳлили тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, дар ҳар кишвар ба ин масъала аз роҳу усулҳои мухталиф истифода мекунанд. Масалан, дар Япония омӯзгор барои кор дар синфи инклюзивӣ дар ҳолате роҳ дода мешавад, ки агар шаҳодатномаи мувофиқ (сертификат) дошта бошад. Яъне, омӯзгорони беҳтарин ва касбиро интихоб мекунанд. Дар Россия тайёр кардани кадрҳо аз рӯйи барномаи таҳияшуда амалӣ мешавад, омӯзгорон-иштирокчиёни барнома дар айни замон фаъолияти худро дар мактабҳои инклюзивӣ идома медиҳанд. Дар Тоҷикистон мутахассисон барои таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд то солҳои 1990-ум дар донишгоҳҳои марказии Иттиҳоди Шӯравӣ тайёр карда мешуданд. Аввалин бор дар кишвари мо соли таҳсили 1992/93 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (ДДОТ) гурӯҳи дефектология таъсис дода шуд, вале он муттасил фаъолият намекард. Пас аз қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 барои тайёр кардани кадрҳои оянда дар ДДОТ ихисосҳои нав – сурдопедагогика, логопедия ва олигофренопедагогика ифтитоҳ ёфтанд, аммо қабули довталабон ба ин ихтисосҳо бо мушкилӣ рӯ ба рӯ шудааст [46,128]. Бо дастгирии ИЧК – БМ аз ҷониби устодони ин донишгоҳ дастури таълимӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ тахти унвони «Асосҳои таҳсилоти фарогир» таҳия ва чоп шуд [48]. Аммо масъалаи бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳанӯз муназзам ба роҳ монда нашудааст. Баъзе аз омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки ба тариқи пилотӣ ба лоиҳаҳои гуногуни таҳсилоти фарогир ҷалб шуда буданд, дар семинару тренингҳои гуногуни такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ доир мегарданд, ширкат варзиданд. Бо вуҷуди он ки ҳанӯз соли 2013 бо ташаббуси ИҶК – БМ дар ҳамкорӣ бо ВМИ ҶТ дастури таълимию методии «Таҳсилоти фарогир» [52] бо забони тоҷикӣ барои шунавандагони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳо таҳия гардида, ба табъ расида буд, курсҳои мунтазами



такмили ихтисос гузаронида намешавад. Дар лоиҳаи Нақшаи фаъолият оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 ба масъалаи тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Гурӯҳи корӣ, ки дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, бо таҳияи модулҳо барои тайёр кардани тренерони курсҳои бозомӯзии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ машғул аст. Унсури асосӣ дар ин масъала таҳияи нақшаҳои инфиродии таълим барои КИМ аст. Метавон изҳори умед намуд, ки пас аз анҷоми чорабиниҳои омодагӣ, чараёни тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир муназзаму оқилона ба роҳ монда хоҳад шуд. Аз ин нуқтаи назар таҳлили муқоисавии паҳлуҳои гуногуни ин масъала дар Япония ва Россия аз аҳаммият холӣ нест.

Дар Россия омӯзгорони оянда барои ТФ дар бисёр мактабҳои олии федералӣ (марказӣ) ва минтақавӣ тайёр карда мешаванд. Барои намуна мо роҷеъ ба Донишгоҳи психологӣ-педагогии шаҳри Москва, ки дар ин самт фаъолият мекунад, маълумоти мухтасар медиҳем[13]. Самтҳои асосии фаъолияти ин муассисаро 1) таълими кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва 2) тайёр кардани кадрҳо барои ташкили дастгирии психологӣ-педагогии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ ташкил медиҳад.

Донишгоҳ аз зерсохторҳои зерин иборат аст:

- Пажӯҳишгоҳи масоили таҳсилоти интерактивӣ (фарогир).
- Маркази шаҳрии захиравӣ барои рушди таҳсилоти фарогир.
- Марказҳои маҳаллии захиравӣ барои рушди таҳсилоти фарогир.

Таълими донишҷӯён тавассути факултетҳои таълими фосилавӣ, технологияҳои иттилоотӣ, машварати психологӣ ва Коллеҷи иҷтимоӣ-педагогӣ ба роҳ монда шудааст. Тайёр кардани кадрҳо оид ба ташкили дастгирии психологӣ-педагогии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ аз ҷониби факултетҳои психологияи таҳсилот, психологияи иҷтимоӣ, машварати психологӣ, психологияи клиникӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад. Ғайр аз навъи асосии

[13] Маълумот оид ба таҷрибаи Россия аз презентатсияи Рубсов В.В. – ректори Донишгоҳи психологӣ-педагогии шаҳри Москва оварда шудааст.

фаъолият – тайёр кардани бакалаврҳо ва магистрҳо дар соҳаи «Педагогика ва психологияи таҳсилоти фарогир» дар доираи Стандарти федералии таҳсилот, Донишгоҳ курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони зинаи ибтидоии таҳсил, мутахассиони ёрирасон, танзимгарон ва методистон, ҳамчунин омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ пешниҳод мекунад. Самтҳо (мавзӯъҳо)-и асосии курсҳои бозомӯзӣ инҳоянд:

1. *Асосҳои ташкилӣ-идории таҳсилоти фарогир.*
2. *Дастгирии психологӣ-педагогии таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимии томактабӣ.*
3. *Ташкили ҷараёни таълим дар гурӯҳи инклюзивии муассисаҳои таълимии томактабӣ.*
4. *Дастгирии психологӣ-педагогии таҳсилоти фарогир дар мактаби ибтидоӣ.*
5. *Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои инклюзивии зинаи ибтидоии муассисаҳои таълимӣ.*
6. *Фароҳам овардани муҳити иҷтимоии инклюзивӣ тавассути ташкили фаъолияти эҷодӣ дар гурӯҳҳои ҳамгиро.*

Дар Япония низ тақрибан дар ҳамаи префектураҳо донишкадаҳо ё марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон барои ТФ фаъолият мекунанд. Барои намуна мо роҷеъ ба фаъолияти Донишгоҳи миллии Йокогама дар ин самт маълумоти мухтасар пешкаш мекунем. Дар назди Донишгоҳ мактаби талаботи махсуси таҳсилотӣ (МТМТ) ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии таҳсилоти фарогир фаъолият мекунанд.

Тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дар самтҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Дар баробари тайёрии маърифатӣ оид ба кор бо КИМ, омӯзгорони оянда дорои тахассусҳои махсус низ мешаванд. Инро дар ҷадвал чунин нишон додан мумкин аст:



| Вазифа | Уҳдадорӣ | Гурӯҳи бачагон | Ҷузъиёт |
|---|---|---|---|
| Омӯзгор | Масъул барои амалӣ кардани таълим аз рӯйи барномаи таълим | Бачагони дорои норасоиҳои биноӣ<br>Бачагони дорои норасоиҳои шунавоӣ<br>Бачагони дорои норасоиҳои ҷисмонӣ<br>Бачагони дорои норасоиҳои саломатӣ<br>Бачагони дорои норасоиҳои рушди ақлонӣ | Тайёрии маърифатӣ аз рӯйи фанҳои алоҳидаи мактабӣ<br><br>Тайёрии маърифатӣ аз рӯйи ҳамаи фанҳои мактабӣ, агар кӯдак дорои норасоиҳои ақлонӣ бошад. |
| Омӯзгори таълим-диҳандаи фанҳои амалӣ оид ба рушди мустақилият | Масъул барои фаъолияти хонанда дар азхудкунии донишҳо ва малакаҳои аз байн бурдани монеаҳо ва рушди мустақилият | Бачагони дорои норасоиҳои биноӣ | Алифбои Брайл, васоили иловагӣ барои биноии суст |
| | | Бачагони дорои норасоиҳои шунавоӣ | Забони имову ишора, васоили аудиоӣ,ислоҳи нутқ |
| | | Бачагони дорои норасоиҳои ҷисмонӣ | Дастгирии узвҳои бадан, ҳаракат, муошират |
| | | Бачагони дорои норасоиҳои нутқ ва забон | Артикулятсияи нутқ, назорати ҳаракати лабҳо, лакнат |
| Омӯзгори таълими фанҳои амалӣ оид ба рушди мустақилият | Масъул барои машғулиятҳое, ки ба гирифтани донишҳо ва малакаҳои | Бачагони дорои норасоиҳои биноӣ | Маҳсӣ анъанавӣ/фишор бо ангуштон, сӯзандармонӣ, , физиотерапия, мусиқӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | марбут ба ихтисос (касб)- и интихоб- кардаи хонанда (синфҳои 10-12) | Бачагони дорои норасоиҳои шунавой | Ҳунарҳои мардумӣ (сартарош, мӯзадӯз, дуредгар ва ғайра) |

Вобаста ба самти тайёрӣ ба хатмкунандагон дипломҳо (сертификатҳо)-и категорияҳои гуногун дода мешавад.

Курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва ҳамаи хоҳишмандоне, ки мехоҳанд сертификати тайёрӣ дошта бошанд, маъмулан, вобаста ба гурӯҳҳои бачагони дорои норасоӣ пешниҳод мешаванд. Миқдори кредитҳои пешниҳодӣ (ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ) аз 2 то 4 кредит аст:

| Категорияи фанҳо | Фан | Гурӯҳ | Ҳат-мӣ | Инти-хобӣ |
|---|---|---|---|---|
| Назарияи умумӣ (асосӣ) | Муқаддимаи таҳсилоти талаботи махсус | Асосӣ | 2 | |
| Омӯзиши психология, физиология ва патологияи гурӯҳҳои мушаххас | Психология, физиология ва патологияи бачагони дорои НРА | Норасоии рушди ақлонӣ (НРА) | 4 | |
| | Психология, физиология ва патологияи бачагони дорои НРҶ | Норасоии рушди ҷисмонӣ (НРҶ) | 2 | |
| | Психология, физиология ва патологияи бачагони дорои НС | Норасоии саломатӣ (НС) | 2 | |
| | Психология, физиология ва патологияи бачагони дорои НШ | Норасоии шунавой (НШ) | | 4 |
| Омӯзиши барномаҳои таълим (БТ) ва методҳои таълим (МТ) | БТ ва МТ барои бачагони дорои НРА | НРА | 4 | |
| | БТ ва МТ барои бачагони дорои НРҶ | НРҶ | 2 | |
| | БТ ва МТ барои бачагони дорои НС | НС | 2 | |
| | БТ ва МТ барои бачагони дорои НШ | НШ | | 4 |



Ҳамчунин омӯзиши курсҳои зерин низ пешниҳод мешаванд, ки барои онҳо гирифтани шаҳодатнома (сертификат) ҳатмӣ нест:

- *Машғулиятҳо барои рушди мустақилият.*
- *Курси махсус оид ба талаботи махсуси таҳсилотӣ (ТМТ).*
- *Машғулиятҳо барои арзёбии ТМТ.*
- *Машғулиятҳои амалӣ барои методҳои таълими ТМТ.*
- *Таълими бачагони дорои норасоиҳои биноӣ.*
- *Психологияи бачагони дорои норасоиҳои шунавоӣ.*
- *Назарияи умумии таълими бачагони дорои шаклҳои вазнини норасоиҳо.*
- *Тавсифи таълими бачагони дорои шаклҳои вазнини норасоиҳо.*

Таҳлили талабот ба салоҳиятнокӣ (қобилиятнокӣ)-и омӯзгороне, ки бо КИМ кор мекунанд, дар Россия ва Япония ҷолиби диққат аст. Онро дар ҷадвали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

**Россия**

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ:**
- Қобилияти истифодаи қонунҳои асосии рушди муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии муосир.
- Омодагӣ ба истифодаи муқаррароти асосӣ ва методҳои илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ва вазифаҳои касбӣ.
- Қобилияти ташаккули малакаҳои тарзи солими ҳаёт ва муҳити амни таҳсилотӣ барои таълимгирандагон ва ғ.

**Салоҳиятҳои умумии касбӣ:**
- Омодагӣ ба истифодаи методҳои сифатӣ ва миқдорӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва психологӣ.
- Қобилияти ташкили фаъолияти муштарак (якҷоя) ва таъсири мутақобилаи байнишахсии субъектҳои муҳити таҳсилотӣ.
- Истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар фаъолияти касбӣ.

**Салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи дастгирии психологӣ ва педагогии бачагони дорои маҳдудиятҳои саломатӣ дар таҳсилоти ислоҳӣ (коррексионӣ) ва фарогир:**
- Қобилияти ташкил кардани фаъолияти муштарак ва инфиродии бачагони дорои норасоиҳои гуногуни рушд вобаста ба қобилиятҳои синнусолӣ, сенсорӣ ва зеҳнӣ.
- Омодагӣ ба истифодаи методҳо ва технологияҳои тавсиявӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои ташхисӣ ва ислоҳӣ-рушдӣ мусоидат мекунанд.

**Магистри таҳсилоти фарогир бояд дорои салоҳиятҳои зерини иловагӣ бошад:**
- Қобилияти тарҳрезии муҳити таҳсилоти фарогир ва аз нуқтаи назари дидактикӣ пурра кардани он.
- Маҳорати ташкил ва танзими фаъолият, иштирок дар кори гурӯҳи байнифанниии мутахассисон, аз ҷумла, доир ба таҳия намудани барномаҳои инфиродии таълим барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ.
- Маҳорати пешбинӣ кардани чараёни тағйироти ҳолат ва рушди кӯдак вобаста ба чораҷӯйиҳои андешидашаванда.
- Қобилияти муайян намудани талаботи ҳар кӯдаки алоҳида дар барномаи таълим ва стратегияи дастгирӣ.



**Япония**

**Салоҳиятҳои педагогие, ки ба ҳар як гурӯҳи норасоиҳо мувофиқат мекунанд:**
- Таълими бачагони дорои норасоиҳои биноӣ, шунавоӣ, саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва ақлонӣ.
- Таълими бачагони дорои шаклҳои вазнини норасоӣ ва норасоиҳои муштарак (якчанд намуди норасоӣ).
- Таълими бачагоне, ки дорои норасоиҳо дар қобилияти таҳсил мебошанд, нокифоятии диққат доранд, бешфаъоли бенизом мебошанд ё аутизм доранд.

**Салоҳиятҳои педагогие, ки ба ҳар як талаботи таҳсилотии хонанда мувофиқат мекунанд:**
- Таҳия, татбиқ ва арзёбии нақшаҳои инфиродии дастгирӣ ва барномаҳои инфиродии таълим.

**Салоҳиятҳои педагогие, ки барои иҷрои нақшҳои пешбаранда дар чараёни дастгирии кӯдак аз ҷониби гурӯҳи корӣ заруранд:**
- Ташаккули низоми дастгирӣ дар мактаб.
- Қобилияти фаъолият ба сифати роҳбари гурӯҳи дастгирӣ.
- Қобилияти машваратдиҳӣ ва таҳияи тавсияҳо барои дастгирӣ.



*Дар назди Муҷассамаи хотиравии «Ҳамроҳи кӯдак бошем». Пажӯҳишгоҳи миллии таҳсилот барои талаботи махсус, августи соли 2015.*

Аз таҳлили болой ба кадом хулосаҳои умумӣ омадан мумкин аст?

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки бо вуҷуди ягонагӣ дар эътироф ва қабули ғояҳову ҳадафҳои таҳсилоти фарогир, ба масъалаи тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон/ихтиёрон дар кишварҳои гуногун аз роҳу воситаҳои мухталиф истифода мекунанд ва раҳёфтҳои мутафовит доранд. Ба ҷузъиёти ин масъала дахл накарда, муҳимтарин нуктаҳоро зикр кардан мумкин аст. Ба андешаи мо, муҳимтарин чиз он аст, ки **раҳёфт (муносибат)-е, ки дар Япония истифода мешавад, бештар ҷанбаи таҷрибавӣ-амалӣ дорад, дар сурате ки дар Россия дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳо, бозомӯзии омӯзгорон ва муайян намудани салоҳиятҳои онҳо ба масъалаҳои назариявии таҳсилоти фарогир бештар таваҷҷуҳ мекунанд.** Барои япониҳо муҳимтар аз ҳама он аст, ки мутахассис/омӯзгор бо бачагон то кадом андоза самаранок кор карда метавонад, дониши назариявии ӯ дуюмдараҷа ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон дар самти муайян, барои кор бо гурӯҳи мушаххаси кӯдакон тайёр карда мешаванд. Албатта, мо ҳаргиз муқобили он нестем, ки асосҳои назариявии таҳсилоти фарогир аз худ карда нашаванд. Вале бояд эътироф кард, ки дар таҳсилоти фарогир дар мадди назари мо кӯдак бо хусусиятҳо ва қобилиятҳои инфиродии махсуси худ меистад, ки муносибати инфиродиро тақозо мекунад. Ин, дар навбати худ, раҳёфти бештар ҷанбаи амалӣ доштаро талаб мекунад, донишҳои назариявии умумӣ ба гумон аст, ки ҳамеша гиреҳкушойи мушкили мо бошанд.

Бо дарназардошти мулоҳизаҳои боло, барои беҳтар ба роҳ мондани масъалаи тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, махсусан, дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо, нақшаҳо ва барномаҳо, баъзе омилҳоро ба назар гирифтан лозим аст, ки барои ҳалли самараноки он мусоидат хоҳанд кард:

1. Азбаски таъсиси мактабҳои инклюзивӣ ва бозомӯзии омӯзгорон вақти муайянро тақозо мекунад, беҳтар аст, ки дар марҳилаи ибтидоӣ дар мактабҳои инклюзивӣ, ки дорои марказҳои захиравӣ мебошанд ва омӯзгороне кор мекунанд, ки курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро гузаштаанд, аз дигар минтақаҳои шаҳр/ноҳия низ кӯдаконро қабул кунем. Дар ин маврид ба Оинномаи ин мактабҳо тағйироту иловаҳо ворид кардан лозим аст.



2. Барои гузаронидани курсҳои амалии тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон на танҳо аз мактабҳои инклюзивӣ, балки аз мактаб-интернатҳо низ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин онҳоро аз нуқтаи назари моддӣ-техникӣ ва кадрӣ пурқувват карда, ба муассисаҳои базавии рушди таҳсилоти фарогир табдил додан лозим аст. Ин таҷриба дар Япония ба таври васеъ истифода мешавад.

3. Барои баланд бардоштани сифати кори омӯзгорон ва ҳавасмандии онҳо барои кор бо КИМ дастгирии иловагии молиявӣ ва ё пешниҳоди имтиёзҳо, аз ҷумла, нисбат ба омӯзгорони дигар кам кардани сарбории таълимӣ бо нигоҳ доштани ҳаҷми музди меҳнат ва ғ. нақши муҳим мебозад.

4. Дар баробари тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон бояд ба тайёр кардани ёварони омӯзгор, ё ба истилоҳ, тютерҳо ва ихтиёриён низ таваҷҷуҳ кунем, ки КИМ-ро ҳам дар ҷараёни таълим ва ҳам дар чорабиниҳои беруназсинфӣ дастгирӣ мекунанд.

5. Татбиқи ТФ қабули қарорҳо ва барномаҳоро дар сатҳи баланди давлатӣ тақозо мекунад. Дар баробари ин, барои ҳама гуна навҷӯийҳо дар ин соҳа бояд манбаъҳои маблағгузории он низ муайян шаванд ва имконпазир бошанд. Барои намуна аз таҷрибаи Украина маълумот овардан мумкин аст. Моҳи августи соли 2011 бо қарори Кабинети вазирони Украина «Тартиби ташкили таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ба тасвиб расид [48], ки дар он дар қатори муҳимтарин муқаррароти дарки мафҳуми инклюзия ҷорӣ намудани вазифаи «ёвари омӯзгор», ки дастгирии иловагии омӯзгори синфи инклюзивиро таъмин мекунад, зикр гардидааст. Аммо масъалаи таъмини маблағгузории вазифавии ёварони омӯзгор ба дӯши буҷетҳои маҳаллӣ вогузор гардидааст. Табиист, ки на ҳамаи маҳалҳо метавонанд ин масъаларо худашон ҳал кунанд.

Албатта, номгӯйи чораҳои андешидашаванда дар ин масъала бо мулоҳизаҳои боло маҳдуд шуда наметавонад. Бинобар ин бо ҷалби мутахассисони ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ таҳияи барнома ва нақшаи оқилонаи татбиқи таҳсилоти фарогирро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст, ки тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон ҷузъи таркибии он хоҳад буд.

## ИМКОНПАЗИРИИ ИМКОННОПАЗИ
## Ё ҲАМА ЧИЗ РОҲИ ҲАЛ ДОРА

Дар яке аз лексияҳои аввалин, вақте ки ҷаноби Ҳирото Фуҷимо (Hiroto Fujimoto) – директори раёсати таҳқиқи Пажӯҳишгоҳи милл талаботи махсуси таҳсилотӣ, роҷеъ ба рушди таҳсилоти фарогир д Япония суҳбат мекард, ман як савол додам: «Оё Шумо эътиро мекунед, ки бо вуҷуди муҳайё намудани ҳамаи имкониятҳо з захираҳо, мутаассифона, гурӯҳи кӯдаконе низ хоҳанд буд, ки ба сабаб вазъи ниҳоят вазнини саломатӣ ё шакли ислоҳнашавандаи норасо наметавонанд ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб шаванд?» Дар ҷаво ӯ гуфт: «Беҳтараш, инро бо чашми худ бинед. Ба Шумо чуни имконият фароҳам хоҳад омад. Биёед, ҷавоби ин саволро то сафар шумо ба шаҳри Осака мавқуф гузорем».

Префектураи Осака, дар ҳақиқат, дар масъалаи татбик таҳсилоти фарогир аз дигар минтақаҳои Япония ба куллӣ фар мекунад. Дар ин ҷо ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, то ки ҳамаи кӯдакон ҳамроҳи ҳамсолони худ дар синфҳои маъмулӣ таълим гиранд. Барои он ки ин ҷараёнро аз наздик мушоҳида намоем, баро мо бо иштироки як нафар ҷавон (аз навиштани номи ӯ худдорӣ мекунем) як лексия-мубоҳиса ташкил карданд. Ин ҷавони тахмина 15-16-сола роҳ гашта наметавонад, дасту пояш кор намекунанд, ҳарф намезанад. Ба ҳамаи ҳодисаҳои муҳит ва саволҳои додашуда бо чашмак задан аксуламал нишон медиҳад: агар ба гуфтаи шумо розӣ бошад, чашмак мезанад, агар розӣ набошад, чашмонашро беҳаракат нигоҳ медорад. Ӯ хонандаи зинаи болоии миёнаи яке аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Ба дарсҳо бо кумаки модараш иштирок мекунад. Модар ба ӯ ҳар вазифа ё мавзӯъро, ки омӯзгор дар тахтаи синф менависад, шифоҳӣ баён мекунад ва ё аз китоб нишон медиҳад, бори дигар мефаҳмонад ва вариантҳои гуногуни ҷавобро пешниҳод мекунад. Ин корро ӯ то замоне идома медиҳад, ки ҷавон бо ишораи чашм ҷавоби дурустро интихоб кунад. Ин ҷавон дар чорабиниҳои мактабӣ, экскурсияҳо ва ҷамъомадҳои фароғатӣ бо ҳамсинфони худ иштирок мекунад. Дар бари ӯ ҳамеша яке аз волидон – модар ё падар қарор дорад, мутахассисони тиббӣ ва муҳаққиқон зуд-зуд аз ӯ хабар мегиранд.

Дар расми якум қаҳрамони мо – марди ҷавон дар аробачаи маъюбӣ дар мобайн қарор дорад, дар назди ӯ модараш – хонум Мари



Арай қарор дорад (каме дуртар падари ӯ – Ютаро Арай низ истодааст, ки дар сурат намоён нест). Мубоҳисаро муҳаққиқи варзида ҷаноби Цугуо Катаока (Tsuguo Kataoka) мегузаронад. Дар қисмати ақиб, сари миз хонум Ясуко Футаба (Yasuko Futaba) нишастааст, ки вазифаи тарҷумониро иҷро мекунад. Ӯ дар Донишгоҳи Осака кор мекунад ва худаш шахси нобино аст. Барои ташкили баҳсу мунозира иштирокчиён шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуданд – онҳое, ки ба муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷалб шудани ин марди ҷавонро ҷонибдорӣ мекунанд ва онҳое, ки мухолифи ин ақида ҳастанд.

Сурати 1



Дар мубоҳиса тамоми ҷанбаҳо ва ҷузъиёти масъалаи мавриди назар баррасӣ шуданд, имконияти муроҷиати бевоситаи иштирокчиён ба ин ҷавон бо саволҳое, ки ҷавобҳои «бале» ё «не»-ро тақозо мекунанд, дода шуд. Тавассути монитор аксуламали ҷавон ба саволҳои додашуда мушоҳида мешуд. Хонум Арай нақл кард, ки барои ӯ аввал ба мактаби ибтидоӣ, сипас ба мактаби асосӣ ва ниҳоят ба мактаби зинаи болоии таҳсилот дохил кунондани фарзандаш чӣ қадар мушкил буд. Танҳо бо саъйу кӯшиши фаровон, муборизаи дуру дароз бо мансабдорон ва исрору талаби ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ӯ тавонистааст, ки монеаҳои мавҷудаи бюрократиро паси сар кунад.

Новобаста ба он ки мавқеъ ва фикру андешаҳои ҳозирин хе гуногун буданд, як чиз аён буд: бо вуҷуди дорои шаклҳои хеле вазнин маҳдудиятҳо будан, ин ҷавон хонандаи барбарҳуқуқи зинаи боло таҳсилот (синфҳои 10-12) мебошад.

Шояд бисёре аз хонандагони ин матлаб пеши худ ҷунин саволҳ гузоранд: Ин ҳама ба хотири чӣ? Охир, мутаасифона, маълум аст, ки ҷавони бадбахтро тағйир додан аз имкон берун аст. Оё шарт аст, ки б хотири ба истилоҳ, арзишҳои таҳсилоти фарогир, ба як нафар ин қада маблағу вақти зиёд сарф кунем? Ва боз шояд саволҳои дигар…

Аммо инсофан бояд иқрор шуд, ки ин масъала ҷанбаи дигар ни дорад: барои мо, шояд, бетавофут бошад, зеро медонем, ки ба дигаргун сохтани ҳолати вазнини ин ҷавон қодир нестем. Аммо барои ӯ бетавофут нест! Аз тарафи дигар, ин ҷавон бо ин ҳама нотавонии норасоиҳои худ ба мо ёд медиҳад, то ки ба қадри дасту пойи солим, забони гӯё, ақли расо ва хушбахтии мустақилона роҳ гаштан, хондан, навиштан, хӯрок хӯрдан, кор кардан, хандидан… бирасем.

Сурати 2. Ҷараёни баҳсу андеша



… Дар лаҳзаи хайрухуш оҳиста аз падари ӯ пурсидам, ки ғайр аз ин писар боз фарзанди дигар доранд? Дар ҷавоб ӯ гуфт: «Ман, аз ростӣ, мехостам, аммо модараш нахост. Модараш аз он метарсад, ки



агар дар паҳлуи ин писарамон боз ягон фарзанди дигари солим пайдо шавад, шояд мо таваҷҷуҳи худро ба ӯ камтар мекунем…»

Бархақ, падару модари ӯ, ки тамоми зиндагии худро ба ин фарзанди ягонаи худ бахшидаанд, низ барои мо мактаби зиндагианд, ба мо ёд медиҳанд, ки фарзанд, новобаста ба он ки дар кадом ҳолат қарор дорад, ҳамеша азиз аст ва бояд фарзанди худро дӯст дошта тавонем, барои хушбахтии ӯ ҳар чи аз дастамон ояд, дареғ надошта бошем.

Ва муҳимтар аз ҳама, ба саволи худ, ки дар аввали ин қисмат гузошта будем, метавонем ҷавоби мушаххас гирем: ҳар як касро, бе истисно, ба таҳсилоти умумӣ ҷалб кардан мумкин аст! Фақат бояд тамоми шароити мусоидро фароҳам оварем ва муҳимтар аз он – аз ҳад зиёд хоҳишу эътимод дошта бошем…

Сурати 3. Барои хотира



## ШИНОХТИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД, Ё ХУД НОБИНОЁН ҲАМ ФУТБОЛБОЗӢ МЕКУНАНД

27-уми августи соли 2015 барои мо сафари ҷолиберо ташкил карданд, ки басо хотирмону омӯзанда буд. Дар яке аз қисматҳои шаҳри Токио клуби ба худ хосе бо номи «Суҳбат дар зулмат» (Dialog in the Dark) фаъолият мекунад. Ин клуб соли 1999 таъсис ёфтааст ва то ин дам ба он намояндагони бештар аз 30 кишвару 130 шаҳру ноҳияҳои олам аз Аврупо, Амрико, Осиё ва Африқо ташриф овардаанд.

Моҳияти фаъолияти ин клуб бисёр сода аст: ба меҳмонон асо (чӯбдаст)-е дода, бо роҳнамоии як нафар шахси пурра нобино пешниҳод мекунанд, ки ба ҷойи торику зулмат, ки махсус бо дарназардошти муҳити зиндагии рӯзмарра бунёд кардаанд, ворид шаванд. Сараввал ба ҳамаи мо тарзи дурусти истифодаи асоро ёд доданд (зимнан, ин кори осон набудааст!). Ҳамчунин таъкид карданд, ки дар баробари асо забони мо ёвари мост, аз пурсидану бо ҳамдигар гап задан шарм надорем. Мо ҳамроҳ бо роҳбалад вориди ин макон шудем. Пас аз ворид шудан (бояд иқрор шуд, ки дар аввал ҳама тарсро эҳсос мекунанд) роҳбалад ба мо фаҳмонд, ки дар тарафи чапи мо арғунчакҳои маъмулӣ ҳастанд, метавонем арғунчакбозӣ кунем. Бо азобе онҳоро пайдо кардем ва бо ҳаловат арғунчаксаворӣ кардем. Сипас имтиҳони ҷиддӣ сар шуд: бояд аз ҷӯйборе, ки болояш се ғӯлачӯб, бе панҷараҳои дутарафа гузошта буданд, мегузаштем. Ҷӯйбор ҳақиқӣ буд – овози ҷорӣ шудани об ба гӯш мерасид. Бо тарсу ваҳм, аммо муваффақона аз он гузаштем. Пас аз он ба хоначае даромадем. Дар остонаи дар роҳбалад аз мо хоҳиш кард, ки пойафзоли худро берун кунем. Таъкид кард, ки ҷойи пойафзоли худро ба хотир гирем – ҳангоми берун шудан онро боз мепӯшем. Ба ҷое нишастем, ки мисли кат буд. Ба мо фаҳмонданд, ки дар ин хонача ҳама чизи даркорӣ барои ҳаёти рӯзмарра ҳаст – радио, соатҳои гӯё, ҳатто бозичаҳо… Агар ягон чизро пайдо кунем, бояд фаҳмонем, ки он чист ва ҷойи онро махсус ба хотир гирем, то ки боз эҳтиёткорона ба ҷояш гузорем. Радиоро ёфтем ва мусиқии форамеро бо шавқ гӯш кардем. Соатро ба даст гирифта, тугмачаашро пахш кардем: фаҳмидем, ки соат чанд аст. Ҳангоми берун шудан аз хона, бо заҳмат, аммо ба ҳар ҳол, пойафзолҳои худро ёфтем. Иқрор мешавем, ки пойафзолҳои занонаро аз мардона фарқ карда тавонистем, аммо барои ёфтани пойафзоли худ ду се пойафзолро пӯшида санҷидем. Баъд моро ба самте роҳбаладӣ карданд, ки он ҷо



қаҳвахона буд. Чорнафарӣ сари ҳар миз нишастем. Пешхизматҳо омада, чой, қаҳва ва оби маъданӣ пешниҳод карданд. Мо ба хизматрасонии онҳо қоил шудем – вазифаи худро бемамониат ва устокорона иҷро карданд: ба ҳама ҳамон чиро оварданд, ки супориш дода будем. Зимнан, напурсиданд, ки фалонӣ дар куҷо нишастааст, ё Шумо чой мехостед, ё қаҳва? Ниҳоят ба хоначае расидем, ки дар як кунҷаш чароғи бисёр хира месӯхт. Фақат суроби якдигарро дида метавонистем. Ин кор барои он лозим буд, ки чашмонамон пас аз сайругашти ғайриодӣ дар олами торикӣ ба равшанӣ одат кунад. Ҳама гирди миз нишастем. Ба ҳамаи мо як варақӣ коғази сафед ва яктой қалам доданд. Хоҳиш карданд, ки ҳар чиро, ки мехоҳем, кашем ё нависем. Ман беихтиёр сурати ду чашмро кашидам (Ростӣ, вақте ки дар равшанӣ ба ин сурати кашидаи худ нигоҳ кардам, шармам омад – чашмон хеле безеб ва каҷу килеб кашида шуда буданд). Вақте ки ба равшанӣ баромадем, хоҳиш карданд, ки чизи навишта ё кашидаи худро ба якдигар нишон диҳем ва шарҳ диҳем, ки чаро маҳз чунин навиштем ё расм кашидем. Ба ин савол ман чунин ҷавоб додам: «Чӣ хуб аст, ки мо чашмони бино дорем! Ва илова кардам: Аммо чашмони бино доштан кофӣ набудааст, бо чашмони дил диданро ҳам бояд биомӯзем!»

Ин таҷрибаи аввалин барои дарки шахсоне буд, ки аз ҳисси биноӣ маҳруманд. Дар охири барнома ба мо роҳҳои кумак кардан ба нобиноёнро барои анҷом додани коре омӯзонданд: як кас бо чашмони баста менишинад, ҳампаҳлуи ӯ тарзи кашидани шакл ё нақшаеро, ки муаллим дар тахтаи синф мекашад, мефаҳмонад. Шахси «нобино» аз рӯйи гуфтаи ҳампаҳлуяш дастони худро бо қалам ба самти чапу рост, болою поин, кунҷу миёна ва ғайра ҳаракат медиҳад, то ки ҳамон нақша ё шаклро дар рӯйи коғаз тасвир кунад.

Дар машғулияти дигар видеои мусобиқи Ҷоми ҷаҳониро оид ба минифутбол дар байни нобиноён тамошо кардем. Моро бо қоидаҳо ва тарзи бозӣ кардан дар минифутболи нобиноён шинос карданд. Баъд дар толори варзишӣ худамон бо тӯб бозӣ карданро бо чашмони баста машқ кардем. Тӯбҳо, албатта, маъмулӣ набуда, садодор буданд: зимни ҳаракат садои фораме мебароварданд. Тӯб ва самти ҳаракати онро маҳз аз рӯйи шунидани мусиқӣ пайдо кардан мумкин аст. Ин ҳама басо шавқовар ва муҳимтар аз он, бисёр омӯзанда буд…



Ин таҷриба ду ҷузъи таркибӣ ва муҳимми кор бо чунин одамонро нишон дод: пеш аз ҳама бояд онҳоро дарк кунем, ҷаҳони онҳоро дида тавонем ва сониян, вобаста ба навъи мушкилоташон шароити мусоид барои зиндагии фаъолу шоистаи онҳо муҳайё созем.







Дар Тоҷикистон Федератсияи варзиши шахсони дорои маъюбият ва Кумитаи миллии параолимпии ҶТ (Душанбе), ҳамчунин Ташкилоти ҷамъиятии Федератсияи варзиши шахсони дорои маъюбият дар вилояти Суғд (Хуҷанд) фаъолият мекунанд. Ин ташкилотхо дар байни шахсони дорои маъюбият мусобиқаҳои варзишӣ оид ба шашка, шоҳмот, дастхобонӣ (армрестлинг), тенниси рӯйи миз, варзиши вазнин ва пойгаи тӯлонӣ (марафон) бо аробачаҳо ташкил мекунанд. Ин маълумотро ман аз Маълумотномаи ташкилотҳое, ки оид ба ШИМ фаъолият мекунанд ва соли 2012 бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва Созмони байналмилалии Хэн-дикап Интернейшнл ба табъ расидааст, ба даст овардам. Ба гумон аст, ки инро аксари мардум донанд, зеро дар бораи ин гуна мусобиқаҳо ахбори расмӣ хеле кам ба мушохида мерасад. Ҳол он ки ин гуна мусобиқаҳо на танҳо барои худи ШИМ, балки барои ташаккули афкори мусбати ҷомеа оид ба ШИМ хеле муҳим аст. Боиси хушҳоливу қаноатмандист, ки варзишгарони дорои маъюбияти мо бо вуҷуди мушкилиҳои мавҷуда на танҳо дар мусобиқаҳои дохилӣ, балки берун аз он низ натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд.

Дар мавриди таъмини дастрасии майдону майдончаҳо ва толорҳои варзишӣ барои ШИМ низ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Аз ҷумла, тавре ки дар ҳисобот оид ба вазъи ҳуқуқҳои ШИМ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҷамъияти маъюбони ш. Душанбе «Имконият» таҳия гардидааст, қайд мешавад, ҳар сол дар кишвар толорҳои нави варзишӣ ба истифода дода мешаванд, аммо ҳангоми сохтмони ин иншоотҳо дастрасии шахсони имкониятшон маҳдуд ба назар гирифта намешавад. Толорҳои махсуси варзишӣ, ки ШИМ тавонанд дар он ҷо бо варзиш машғул шаванд, вуҷуд надоранд.



Ҳаргиз шарт нест, ки мо аз байни ШИМ қаҳрамонҳои бозиҳои параолимпиро ба воя расонем (ҳарчанд ки ин имкон дорад), аммо фароҳам сохтани шароити мусоид ба ШИМ барои санҷидани неруи худ ва фараҳманд шудан аз қобилияту истеъдодҳои варзишии худ аз муҳимтарин вазифаҳои давлату ҷомеаи мост.





Дар қисматҳои аввали китоб мо майлу рағбати худро ба таҷрибаи Япония асоснок намуда будем. Дар ҳақиқат, япониҳо, дар баробари бомуваффақият амалӣ сохтани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба даст овардани комёбиҳои беназир дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ, бо таъриху фарҳанг, дину анъанаҳо ва ҳар он чи ки ҳувийяти миллӣ маҳсуб мешавад, ифтихор доранд ва онро содиқона ҳифз мекунанд. Бесабаб нест, ки яке аз бахшҳои расмии таълимро дар мактабҳо «Тарбияи ахлоқӣ» (Moral Education) ташкил медиҳад. Ин бахши таълим ба гузаронидани машғулиятҳои амалӣ (на назариявӣ, ҳамон тавре ки дар мо мушоҳида мешавад) оид ба интизому рафтори шоиста дар хонавода ва кӯчаю хиёбон бахшида шуда, ба бачагон тарзу усулҳои муоширату муносибатро бо наздикон, дӯстон, калонсолон ва дигар шахсони атроф, тарзи солими ҳаёт, риояи гигиенаи шахсӣ ва ғайраро ёд медиҳад.

Ҳама ҳодисаҳои мудҳишу фоҷеабори соли 2011-ро шояд дар хотир доранд, вақте ки дар натиҷаи сунамии азим заминларзаи сахте ба вуқӯъ пайваст ва ҳазорон қурбониву харобиҳоро, аз ҷумла, дар неругоҳи барқи атомии Фукусима, ба бор овард. Он замон ман як мақолаи ҷолиберо дар бораи корҳои барқароркунӣ хонда будам, ки ҳеҷ аз ёдам намеравад: рӯзноманигорон бо тааҷҷуб навишта буданд, ки дар давраи корҳои барқароркунӣ ягон ҳодисаи дуздиву ғораткунӣ ва авбошӣ ба мушоҳида нарасидааст! **Тасаввур кунед, ки дару тирезаҳои фурӯшгоҳи бузург шикастаасту дар дохили он касе нест, низоми амнияти садоӣ (сигнализатсия) кор намекунад (чунки барқ нест), вале ҳеҷ роҳгузаре ба он ҷо ворид намешавад, ҳатто хурдтарин чизеро бо худ намебарад, чунки хуб медонад: ин моли ӯ нест ва дуздӣ ҳаром асту гуноҳ!**

Япониҳо табиатан мардуми хеле инсондӯст, ором, самимӣ ва меҳнатдӯстанд. Забонро надонанд ҳам, бо майлу рағбати том ба шумо барои ёфтани кӯча, мағоза, ҷойи зарурӣ кумак мекунанд.

Дар яке аз экскурсияҳои аввалин ба тамошои шаҳри Йокогама бо мо зани ҷавоне дар либоси зебои миллӣ – кимоно ба сифати роҳбалад кор кард. Дар назди соҳил қадам зада, ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар бораи таърихи дини мардуми Япония каме маълумот диҳад. Ӯ бо завқи том ҷавоб медод. Дини қадимӣ ва асосии япониҳо синтоизм (талаффузи японии он – шинтоизм) аст. Ғояи асосии маънавии синторо

«зиндагии мувозин бо табиат ва инсонҳо» ташкил медиҳад. Баъдтар аз қисмати материкӣ, пеш аз ҳама, аз Чин дини буддой низ ворида Япония шудааст. Аммо аҷибаш он аст, ки намояндагони ин ду дин ҳамеша дар дӯстиву рафоқат ва ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ мекарданд ва мекунанд. Аксари диндорони Япония худро пайравони ҳар ду дин ба қалам медиҳанд, ки онро дар илми илоҳиёт «синкретизми динӣ» меноманд. Ба ҳар ҳол, мунокишаҳои сахту хунини байнидинӣ ҳеҷ гоҳ ба мушоҳида нарасидааст.



Масъалаи мақом ва накши дин дар ҷомеаи мо хеле муҳим ва дар айни замон ниҳоят нозук аст. Ҳар як андеша дар ин мавзӯъ метавонад аз ҷониби гурӯҳи муайян хуш пазируфта шавад, аммо дар айни замон ба арзишҳо ва ҳисси диниву ахлоқии қисми дигари ҷомеа халал ворид созад. Ва ин ҳама новобаста ба он ки мо аз оташи имтиҳони гуногуни таърих, аз ҷумла, ҷангҳои байниҳамиву бародаркушӣ гузаштаем.

**Ҳама медонад, ки муаллими ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ шогирди худро бо роҳи бад тарбият намекунад, муллои касбӣ низ фақат маслиҳату насиҳатҳои хуб медиҳад. Дар мактаб ҳам ба хонандагон кору пиндори нек ва кумаку ёрӣ расонидан ба дигаронро ёд**



**медиҳанд, дар масҷид ҳам ҳамагонро ба зиндагии дуруст ҳидоят мекунанд. Аммо имрӯз дар ҷомеаи мо муаллиму мулло ва мактабу масҷид дар ду ҷониби мухолифи ҳам қарор гирифтаанд. Шояд мо гаштаю баргашта ба худ чунин савол мегузорем: Чаро чунин аст? Чӣ бояд кард, то ки муаллиму мулло, мактабу масҷид (чор ҳарфи «М») ба ҳамдигар халал нарасонида, баръакс, ҳамдигарро пурра кунанд? Ҷавоби ин савол шояд осон аст: онҳо бояд ба пешвози ҳам огӯш кушоянд. Аммо роҳҳои ба ин ҳадаф расиданро дақиқан наметавон пайдо кард.**

Барои ҳалли ин муаммо, ба андешаи мо, аҳли ҷомеа бояд чанд чизи аслӣ (принсипӣ)-ро эътироф кунад. **Пеш аз ҳама, дин сиёсат нест. Тамоми таърихи инсоният гувоҳи он аст, ки вақте дин ворида сиёсат мешавад, қабл аз ҳама, симои ҳақиқии худро аз даст медиҳад.** Дин – ин тозагии муқаддас аст (дар идеал), аммо сиёсат ҳаргиз тозаву покиза буда наметавонад. **Сониян, дин - ин на фақат фикру зикр оид ба охирату зиндагии ондунёист, балки дирӯзу имрӯзу фардои мо низ аст.** Ва мо бояд на танҳо ба фикри «рӯзи қиёмат», балки ба фикри имрӯзу фардои худ низ бошем. **Сеюм, дар баробари мардумро ба риояи расму оини динӣ даъват намудан, насиҳатҳои волои Китоби муқаддас ва Пайғамбар (дуруди фаровон ба равони поки ӯ бод!)-ро оид ба аҳамияти илму илмомӯзӣ (Аз гаҳвора то ба гӯр илм биёмӯз) ва меҳнати ҳалол (Аз ту ҳаракат, аз ман баракат, Нони ҳаром – душмани имон), эҳтироми дигарон, пеш аз ҳама, падару модар (падар розӣ, модар розӣ – Худо розӣ) ва ғайраро набояд фаромӯш кунем.** Дар ин маврид ёдовар шудан аз як шеъри Муҳаммад Иқбол ба забони урду бо номи «Шиква ва ҷавоби шиква» аз аҳаммият холӣ нест. Мазмуни шеър чунин аст: Мусалмоне ба Худованд мурoҷиат намуда, чунин шикоят мекунад: «Худоё! Ман ҳамеша намоз мехонам, рӯза медорам, фақат бо дастуру фармудаҳои Ту зиндагӣ мекунам, фарзандонро дар рӯҳияи эътиқоду имон ба Ту тарбият мекунам, дигаронро низ ба хондани намоз даъват мекунам. Пас чаро Ту ба дигарон (мардуми Ғарбро дар назар дорад – А.Б.) ин қадар хушиҳои зиндагӣ ва бениёзиро ато фармудиву ману ҳаммаслакони ман дар фақру машаққат зиндагӣ мекунем?» Дар ҷавоб чунин садо меояд: «Эй, бандаи ман! Ман ба ту ақл ато кардам, то ки тавонӣ мустақилона фикр кунӣ, ман ба ту дастони тавоно ато кардам, то ки онҳо кори неку муфид анҷом диҳанд, ман туро пой бахшидам, ки то ки бо роҳи рост равӣ, ман ба ту забони гӯё бахшидам, то ки бо

сухани нек ба дили дигарон роҳ ёбӣ, ман чашми туро бино кардам, то ки ба зиндагӣ дуруст нигоҳ кунӣ, ман гӯши шунаво додам, то бишнавӣ ва гӯш кунӣ… Магар ман гунаҳкорам, ту аз ин неъматҳо наметавонӣ истифода кунӣ?»

**Ҳеҷ кас, ҳатто шахсе, ки ба атеизм майл дорад, бе хидмати мулло наметавонад зиндагӣ кунад. Ҳеҷ як мулло низ бе дигарон мулло нест. Муҳим он аст, ки ҳар яки мо ҷойи худро дониста бошем ва ҷойу мақоми дигаронро низ эътироф кунем.** Муҳим аст эътироф кунем, ки ҳар кас бо рисолати мушаххас зода мешавад, ки Худованд ба ӯ назл кардааст. Ва набояд Худовандро дар замин иваз кунем, аз номи Ӯ ҳукм кунем, ки кӣ мусалмон асту кӣ кофар, кӣ ба ҷаннат меравад кӣ ба дӯзах. Муҳимтар аз ҳама, то вақте ки надонем, фарзанди мо ба чӣ майлу рағбат дорад, ба чӣ бештар қодир аст, чиро бештар дӯст медорад ва медонад, Худованд чӣ рисолатеро барои ӯ муқаррар кардааст, набояд кӯдаки бегуноҳро бо ғуруру ҳавобаландиҳои худ олуда созем, ояндаи қаблан омодакардаи худро ба ӯ бо зӯрӣ талқин кунем.

Кӯдакро набояд дар доираи тасаввуроти худ, мисли «Ӯ фарзанди ман аст, чӣ хел шудани ӯро ман муайян мекунам» маҳдуд созем. Масалан, дар баробари насиҳатҳои падаронаи худ оид ба одоби ҳамида, даъват ба риояи расму оини динӣ дар сари дастархон, бояд бо саволҳои таҳриккунанда, аз қабили «Ин пиёла чӣ хел сохта шудааст?» «Медонӣ, ҳамин барқ чӣ хел пайдо мешавад?» «Аввалин бор фурӯзонакро кӣ ихтироъ кард?» ва ғайра ба дилу зеҳни ӯ шавқу рағбати касбу ҳунар ва илм омӯхтанро ҷой диҳем. Танҳо дар ҳамон сурат ақли худодод ба мо ошкор хоҳад сохт, ки рисолати фарзанди мо чист…

Дар Япония кӯдаконро маҳз дар ҳамин рӯҳия тарбият мекунанд. Фақат ба рушду мустаҳкам намудани ҳамон қобилияту истеъдодҳои ӯ мусоидат мекунанд, ки ба он бештар майлу рағбат дорад. Вазифаи худро дар тарбияи одобу ахлоқи ҳамида медонанд, дар интихоби роҳи зиндагӣ, касбу ҳунар ва ихтисос ба фарзанд шароит фароҳам месозанд, чӣ тарз омӯхтан ва зиндагӣ карданро ба худи ӯ ҳавола мекунанд.

Мо одат кардаем, ки ба шакли зоҳирӣ бештар эътибор диҳем, доир ба либоси ягонаи мактабӣ, ҳиҷобу риш баҳсу мунокиша карданро дӯст медорем, аммо моҳияти масъала – сифати таҳсилот, тозагиву зебоии ботинӣ ва фикру андешаро аз мадди назар дур мекунем. Мо



намехоҳем, ё ҳанӯз дарк накардаем, ки барои инсон сифату маҳорати ӯ муҳим аст, на либосу рангу симои ӯ.




Саволе ба миён меояд: Оё сиёсат ва дин метавонанд дар ҷомеаи мо дар мувозинату мувофиқат ҳамзистӣ намоянд? Ҳеҷ чизи имконнопазир нест! Гузашта аз ин, мо метавонем танҳо дар ҳамин ҳолат ба муваффақиятҳои намоён дар рушди маънавии насли ҷавон ноил гардем. Ҳоло фарзандони мо аз рӯйи се «барнома» таълиму тарбия мегиранд: барномаи якумро мактаб пешниҳод мекунад, дар хонавода тибқи «барнома»-и дигар муносибат мекунанд, бо «барнома»-и сеюм дар кӯчаву хиёбон – ҷомеа рӯ ба рӯ мешаванд.

Таҳлили ҷашну маросимҳои таърихии халқҳои ҷаҳон гувоҳи онанд, ки инсоният дорои тамаддуни ягонаи куҳан аст. Аз ҷумла, дар Япония низ рӯзҳои баробаршавии шабу рӯз (март ва сентябр) аз муҳимтарин ҷашнҳои миллист ва бо номҳои «Хигани баҳорӣ» ва «Хигани тирамоҳӣ» ёд мешаванд. Ҷашнҳои сирф миллӣ ҳеҷ гоҳ бо ҷашнҳои динӣ мухолифат намекунанд.

Дар муҳити имрӯза хеле муҳим аст, ки ҳамаи мо, беистисно, ҳам ҷашну идҳои таърихӣ, ҳам идҳои Рамазону Қурбон ва ҳам ҷашнҳои нави миллиро яксон – қарину азиз қабул кунем. Хеле мехоҳам, ки дар ҳақиқат, на дар сухан, таърихи худро аз замонҳои қадим азизу пос

дошта бошем, на аз замони густариши Ислом дар сарзамини мо. На танҳо арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динии худ, балки арзишҳои нав, дастовардҳои нави замони истиқлолиятро низ ҳифз кунем, густариш диҳем. Агар дар чунин мувозинату мувофиқат зиндагӣ карданро биёмӯзем, итминони комил дорам, ки дар ҳақиқат ба Худованд наздиктар мешавем. Ва Ӯ подоши амали неки моро хоҳад дод!

Терроризми байналмилалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун хатари асосии арзишҳои инсонӣ ва амнияти умумиҷаҳонӣ эътироф шудааст. Тибқи маълумоти расмӣ ҳоло бештар аз 1000 шаҳрвандони Тоҷикистон ба гурӯҳҳои гуногуни ифротгаро дар Шарқи Наздик ва Афғонистон ҷалб шудаанд. Барои пешгирии гаройиши насли ҷавон ба ин гурӯҳҳо дар ҳамаи сатҳҳо чораҳои гуногуни зарурӣ андешида мешаванд, семинарҳову мулоқот, корҳои фаҳмондадиҳӣ давра ба давра баргузор мегарданд. Ҳамаи ин хеле зарур аст. **Аммо ба назар чунин мерасад, ки мо мехоҳем бо натиҷа мубориза кунем, на бо сабаб. Мо ин гуна шахсони ба истилоҳ «гумроҳшуда»-ро пайдо мекунем, чораҳо меандешем, зиндонӣ мекунем. Аммо дар масъалаи он ки чаро ва чӣ гуна онҳо ба ин ҳол афтодаанд, сабабҳои ин падида дар куҷо ниҳонанд, кам андеша меронем.** Фарзияҳое, ки гунаҳкорони асосӣ дар ин кор диндороне мебошанд, ки барои ҷалби ҷавонон ба муҳити таъсиррасонии худ саъю кӯшиши беандоза мекунанд, бештару бештар садо медиҳад. Чаро чунин ҳодиса рух медиҳад? Табиист, ки сабабҳои ин падидаи номатлуб метавонад гуногун бошад. Мо мехоҳем яке аз муҳимтарини онҳоро, ба андешаи худ, баррасӣ намоем.

Асосҳои ташаккули шахсияти наврасон дар оила ва мактаб гузошта мешавад. Вале маҳз дар мактаб хонандагони наврас моҳияти зиндагиро ба таври худ мефаҳмидагӣ мешаванд. Фикр мекунам, ки ҳама инро эътироф мекунанд. Дар барномаи таълимии мактаб ҳамаи фанҳо муҳиманд, ҳамаи онҳо дар таълиму тарбияи хонандагон мавқеи хоси худро доранд. Аммо, ба ҳар ҳол, адабиёт ва таърих дар ин ҷода мавқеи хоссатаре доранд. Маҳз тавассути таълиму омӯзиши адабиёт ва таърих мо заминаҳои ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, сабру тоқат, мубориза бо падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, умуман, асоси инсониятро дар кӯдакон ҷой медиҳем. Дар ҳоли ҳозир таҳсилоти миёна ба ду сатҳ – асосии ҳатмӣ (то синфи 9) ва миёнаи пурраи ғайриҳатмӣ (синфҳои 10-11) ҷудо шудааст. Тибқи маълумоти расмӣ ҳамасола аз 30% то 40%-и хонандагон таҳсилро пас аз синфи 9 тарк мекунанд. Ҳанӯз аз замони шӯравӣ барномаҳои таълим тарзе таҳия шудаанд, ки таърихи навтарин



ва адабиёти муосир дар синфи 11 (пештар – дар синфи 10) хонда мешавад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ҳамон гурӯҳи бачагоне, ки мактабро пас аз синфи 9 тарк мекунанд, роҷеъ ба таърихи навтарини халқи мо, аз ҷумла, даврони пас аз истиқлолият, маълумоти дақиқ надоранд. Мутаносибан онҳо адабиёти муосирро низ намеомӯзанд. Ин гурӯҳи бачагон маълумотро роҷеъ ба ҳодисаҳо (ҷанги шаҳрвандӣ)-и солҳои навадум ва солҳои аввали барқарорсозии ҳаёти осоишта аз забони падарону тағоҳо (ки аксаран дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва дӯст медоранд, ки дар ҳама мушкилиҳои зиндагии худ дигарон, аз ҷумла, давлату ҳукуматро гунаҳкор кунанд) ва ё аз ҳамон муллоҳое, ки барояшон тарзи дунявии сиёсату идораи давлатдорӣ маъқул нест, мегиранд. Аз ин ҷо саволи мантиқӣ ба миён меояд: Магар беҳтар нест, ки барномаи таълимро тарзе тағйир диҳем, ки таърихи навтарин ва адабиёти муосир на дар синфи 11, балки дар синфи 9 омӯзонида шавад? Ҳам дар таърих ва ҳам дар адабиёт давраи рушду гулгулшукуфии халқи тоҷик аз ибтидои асри X (давраи Сомониён) оғоз мегардад. Агар омӯзиши таърих ва адабиётро на аз давраҳои қадим, балки маҳз аз ҳамин давра оғоз намоем, курси пурраи онро дар синфи 9 тамом карда метавонем. Давраҳои қадими таърих ва адабиётро метавонем барои хонандагони синфҳои 10-11 пешниҳод кунем. Барои ворид кардани чунин тағйирот маблағҳои иловагии молиявӣ лозим нест. Вале агар таҳсилоти 11-соларо ҳатмӣ эълон кунем (ки он ҳам яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала аст), маблағҳои иловагии молиявӣ лозим мешаванд.

Дар айни замон масъалаи дурустӣ ё оқилона будани тарзи омӯзиши адабиёт дар ҳамон шакле, ки имрӯз ҳаст, таҷдиди назар мехоҳад. Мо на адабиёт, балки таърихи адабиётро таълим медиҳем. Мо бачагонро на ба он хотир дарс медиҳем, ки адабиётро дӯст доранд ва аз он дар зиндагӣ истифода кунанд, балки адабиётшинос шаванд. Дар натиҷа, аз филологи оянда ҳам донистани курси пурраи таърихи адабиётро талаб мекунем, аз физику математики оянда ҳам. Бояд эътироф кард, ки дар китобҳои дарсии адабиёт ба масъалаҳои истифодаи дониши андӯхта дар зиндагии муосир хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, саволу супоришҳо бештар ба таҳлили матн, омӯзиши луғат (ки аксари он имрӯз аз истеъмол баромадааст) ва аз ёд кардани порчаҳои шеърӣ равона шудаанд.

**Ба андешаи мо, роҳи бештар оқилона ва самараноки таълими адабиёт дар мактаби миёна таълими он аз рӯйи мавзӯъ**

**аст, на додани маълумоти хронологӣ доир ба ҳар як давраи таърихӣ.** Муҳимтарин мавзӯъҳои ташаккули шахсият – донишандӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳифзи Ватан ва ватандӯстӣ, накукорӣ, эҳтироми волидайн ва калонсолон, васфи ишқи пок, аз як тараф ва танқиди падидаҳои номатлуби зиндагӣ ва мубориза бо онҳо, аз тарафи дигар, қариб дар эҷодиёти ҳар як адиби барҷастаи классикӣ ва муосир инъикос ёфтааст. Барои он ки дар зеҳни хонанда, масалан, роҷеъ ба дӯстии ҳақиқӣ тасаввуроти аниқу амиқ пайдо шавад, шарт нест, ки мо васфи дӯстиро дар эҷодиёти ҳар як адиб ба тарзи алоҳида пешниҳод кунем. Агар беҳтарин гуфтаҳои адибонро – чи классикӣ ва чи муосир, дар ин мавзӯъ таҳлил намуда, ба хонандагон пешкаш кунем ва онҳоро ба баҳсу андеша дар атрофи ин масъала водор созем, хонанда мавзӯъро дар шакли пурра аз худ мекунад, андешаи худро баён мекунад, бо дигарон вориди баҳс мешавад, беҳтарин гуфтаҳоро тибқи шавқу завқи худ аз ёд мекунад, дар зиндагии ҳамарӯза истифода мекунад. Омӯзиши муҳимтарин мавзӯъҳои динӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла, хатароти таассуб (фанатизм), боварҳои беасос, тақлиди кӯр-кӯрона, ташаккули пуртоқатӣ ва ғайра низ набояд аз мадди назар дур монад. Ҳоло дар барномаи таълими синфҳои болоӣ таълими фанни «Таърихи дин» ҷорӣ шудааст. Дар доираи ин фан гунҷонидани ҳамаи мавзӯъҳои мазкур, ба андешаи мо, мушкил аст. Агар онро «Диншиносӣ», «Фарҳанг ва дин», «Дин ва ҷомеа» ва монанди он номгузорӣ кунем ва моҳияту мазмунашро низ бо ин мақсад такмил диҳем, беҳтар аст.

Вобаста ба ин, роҷеъ ба масъалаи гузариш ба таҳсилоти 12-сола чанд нуктаро таъкид кардан мехоҳем. Ин маърака ҳанӯз ибтидои солҳои 2010-ум оғоз гардида буд, Низомнома ва тартиби гузариш низ таҳия шуда буд, аммо бо сабаби норасоии маблағҳои иловагӣ ҳоло то соли 2020 мавқуф гузошта шудааст. Тибқи пешниҳоди таҳиягарони низоми гузариш, таҳсил бояд аз синни шашсолагӣ оғоз гардад ва давраи ибтидоии таҳсил то синфи 5 тамдид гардад.

Чунин шакли гузариш, ба андешаи мо, қобили қабул нест. Аввалан, вақте ки гузаришро ба низоми нав асоснок карданӣ мешаванд, онро ба ҷараёни ҳамгиройӣ дар таҳсилот, ворид шудан ба ҷараёни Болония, мутобиқ сохтани барномаҳои таълим ба стандартҳои байналмилалӣ ва ғайра вобаста медонанд. Ба илова, зикр мекунанд, ки агар чунин накунем, гӯё ҳуҷҷатҳои таҳсилоти миёнаи мо дар кишварҳои дигар эътироф карда намешаванд ва хатмкардагони мо наметавонанд таҳсилоти худро дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла,



Аврупо идома диҳанд. Ин ба ҳақиқат рост намеояд: маълумоти расмии оморӣ гувоҳи он аст, ки сол то сол шумораи донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар мактабҳои олии кишварҳои хориҷӣ мунтазам меафзояд, масъалаи эътибornокии ҳуҷҷатҳои расмии таҳсилотӣ ба ин монеа нашудааст. Дар кишварҳое, ки барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ доштани шаҳодатномаи 12-солаи таҳсил талаб карда мешавад, бачагони мо пас аз хатми соли якуми таҳсил дар донишгоҳи дохилӣ метавонанд қабул шаванд. Дар ҳама мавридҳо бояд дар хотир дошт, ки муҳимтарин шарти дохил шудан ба мактабҳои олии хориҷӣ дониши мукаммал доштан ва бо муваффақият гузаштан аз имтиҳоноти дохилшавӣ аст. Ин ҳаҷми донишро хонанда дар 11 сол мегирад, ё дар 12 сол – дуюмдараҷа аст.

Сониян, ҳаҷми маълумоти миёна тақрибан зиёд намешавад, тағйирот бештар дар барномаҳои синфҳои ибтидоӣ дар назар дошта мешавад.

Сеюм, аз синни шашсолагӣ бо таҳсил фаро гирифтани кӯдакон ҷиҳатҳои манфии психологӣ-равонӣ ба бор меорад: дар ин синну сол таълим бояд ба тарзи дигар сурат гирад (бештар тавассути бозиҳои дидактикӣ).

Ниҳоят ва аз ҳама муҳим, чунин тарзи гузариш маблағҳои зиёди иловагиро дар як вақт тақозо мекунад: тайёр кардани ҷойҳои нишасти иловагӣ, омӯзгорон, китобу маводи таълимӣ ва ғайра.

Ба андешаи мо, агар гузариш ба таҳсилоти 12-сола ногузир бошад, беҳтар аст онро бо роҳи ворид кардани тағйирот ба зинаи болоии таҳсилот (синфҳои 10-12) ташкил намоем. Марҳилаи гузариш аз тағйири барномаҳо ва китобҳои дарсӣ аз синфи якум оғоз гардида, он давра ба давра ба роҳ монда мешавад: танҳо онҳое, ки дар соли аввал ба синфи якум дохил мешаванд, муддати 12 сол таҳсил хоҳанд кард. Дар ин давра зинаи болоии таҳсилотро комилан тағйир додан лозим аст: ҳама бояд то синфи 12 таҳсил кунанд, танҳо як қисми мактабҳо аз рӯйи барномаи таҳсилоти пурраи миёна бо равияҳо, қисми дигар аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият хоҳанд кард. Ёдовар мешавем, ки дар низоми таҳсилоти Япония муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷузъи низоми таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб мераванд ва онҳо низ таҳти идораи Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технология қарор доранд.

Масоили марбут ба фарҳанг ва динро мо беҳуда ба масъалаҳои таҳсилот ворид нанамудем. Ба хотир меорем, ки номи вазорат дар

Япония чунин буд: «Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технология». Масъалаҳои рушди фарҳанги миллӣ бо таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир, сахт алоқаманданд. Бояд эътироф кард, ки муносибати анъанавӣ ба ШИМ маҳз ба боварҳои беасос (хурофот), аз ҷумла, хурофоти динӣ асос ёфтааст, ки таваллуди чунин кӯдаконро ҳамчун «ҷазои Худованд» барои корҳои ношойистаи падару модар мепиндоштанд. То ҳол мо пурра аз ин гуна хурофот раҳо наёфтаем, аз доштани фарзандони имконияташон маҳдуд шарм медорем, намехоҳем, ки онҳо бо дигарон якҷоя бозӣ кунанд, аз ҳамсолон онҳоро ҷудо мекунем. Ва бо ин ҳама фаромӯш мекунем, ки онҳо низ инсонҳоянд, онҳоро низ Худованд офаридааст. Фаромӯш мекунем, ки Худованд ҳама бандагони худро, бе истисно, дӯст медорад, агар онҳо ба сират инсон бошанд, на ба зоҳир.

Пас, биёед, тамоми имкониятҳоро якҷоя ба кор барем, то ки онҳо низ аз зиндагӣ шод бошанд, худро «инсони дуюмдараҷа» эҳсос накунанд, дар ҷомеа мақоми шоиста дошта бошанд. Ва инро бояд имрӯз шурӯъ кард, на фардо. Фардо, шояд, дер мешавад…



*Дар синфи захиравии Муассисаи таҳсилоти умумии №72, шаҳри Душанбе*



## НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ТОҶИКИСТОН ВА МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

Муҳимтарин шарикони ВМИ ҶТ, мақомоти идораи маорифи минтақаҳо ва ташкилотҳои маҳаллӣ дар татбиқи ТФ Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Шуъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон (ИҶК – БМ) ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин як қатор созмонҳои дигари байналмилалӣ низ ба ҳалли мушкилоти татбиқи ТФ мусоидат менамоянд. Дар мавриди нақши ин созмонҳо оид ба татбиқи ТФ чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

**Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ).** Яке аз муҳимтарин шарикони Ҳукумати Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи маориф, аз ҷумла, дастгирии таҳсилоти фарогир Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) аст. Ин созмони бонуфуз аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом додааст. Аз ҷумла, тайи солҳои охир бо дастгирии Намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ду конференсияи байналмилалиро дар ш. Душанбе доир намуд, ки дар ҷараёни он масъалаҳои гуногуни ТФ аз ҷониби муҳаққиқону мутахассисони Тоҷикистон ва берун аз он баррасӣ шуданд. Маводи ҳар ду конференсия дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо ба табъ расид [35; 36]. Соли 2015 бо дастгирии ин созмон дар назди Вазорати маориф ва илми ҶТ гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи маводи методӣ барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсис ёфтанд. Гурӯҳҳо вобаста ба навъи норасоиҳои кӯдакон дар рушд (дорои маҳдудиятҳои узвҳои ҳаракат, ношунавоён ва камшунавоён, нобиноён ва сустбинҳо, норасоиҳо дар рушди ақлонӣ ва равонӣ) ташкил ёфта, дар ҳар яки онҳо мутахассисон, омӯзгорони муассисаҳои ёрирасон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ шомил буданд. Барои аъзои гурӯҳҳои корӣ семинар-тренингҳо бо ҷалби мушовирони байналмилалӣ доир гардиданд. Ҳоло гурӯҳи кории навташкил бо таҳияи модулҳои омӯзишӣ барои тайёр кардани тренерҳо аз ҳисоби кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ машғуланд. Ҳамчунин Нақшаи фаъолиятҳо оид ба амалӣ намудани чораҳои зарурӣ дар самти ТФ таҳия гардида, барои баррасӣ

ба ВМИ ЧТ пешниҳод гардидааст. Аз ҷониби ин созмон лоиҳаҳои мушаххас дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии «Иқтисодиёт ва маориф», «Ташаббуси ҷавонони Тоҷикистон», «Рушди инклюзия», «Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир» ва ғайра низ татбиқ мегарданд.

Лозим ба ёдоварист, ки ЮНИСЕФ дар ҳамаи чорабиниҳо ва барномаҳои шарикӣ бо созмонҳои байналмилалии дигар, аз ҷумла, Иттиҳоди Аврупо, Бонки Ҷаҳонӣ, ЮСАИД, Хазинаи Оғохон, Институти "Ҷамъияти Кушода"–Бунёди Мадад, Наҷоти Кӯдакон, Мерси Корпс, ФОКУС ва ғайра, ҳамчунин бо ниҳодҳои давлатӣ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкорӣ мекунад. Ин Созмон барои бозомӯзӣ ва шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафта сафарҳои корӣ ва омӯзиширо барои мутахассисону масъулон низ фароҳам месозад.

Яке аз самтҳои ТФ пешгирии аз таҳсил дур мондани кӯдакон бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ (кӯдакони ба истилоҳ «гурӯҳи хавф»), аз ҷумла, тарки таҳсил аз ҷониби қисми зиёди духтарон пас аз зинаи асосӣ (синфи 9) аст. Бо мақсади огоҳонидан ва пешгирӣ намудани ин падидаҳо бо дастгирии ЮНИСЕФ аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Иқтисодиёт ва маориф» дар 50 мактаби чор ноҳияи Тоҷикистон лоиҳаи махсус татбиқ гардид. Мактабҳои мавриди назар бо истифода аз системаи огоҳкунии пешакӣ, ки аз ҷониби ЮНИСЕФ роҳандозӣ шудааст, ҳолатҳои тарки мактабро бехтар пешгирӣ мекунанд. Ҳоло дар ин самт таҳияи низомномаҳои роҳбари синф ва психологи мактаб[14], ки дар татбиқи ТФ нақши муҳим мебозанд ва гузаронидани семинар-тренингҳо бо онҳо ба роҳ монда шудааст.

---

[14] Ҳоло аксаран ба ҷойи мафҳумҳои "психология" ва "психолог" мутаносибан аз калимаҳои "равоншиносӣ" ва "равоншинос" истифода мекунанд. Ба андешаи мо, ин он қадар дуруст нест. Мафҳуми "психология" аз мафҳуми "равоншинос" ба маротиб васеътар буда, баъзе паҳлуҳои дигари фаъолияти инсонро низ фаро мегирад, ки онро дар мафҳуми "равоншинос" гунҷонидан мушкил аст. Ин ду калима дар забони тоҷикӣ метавонад мавриди истифода бошад, аммо на ҳамчун муродифи якдигар, балки ҳар яке дар ҷойи худ.



Барномаи «Таҳсилоти фарогир ва босифат»-и ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба дастгирии самтҳои зерин равона шудааст:

- *Таҳкими сиёсат ва қонунгузорӣ барои беҳтар намудани дастрасӣ ба таълими барвақтӣ ва барномаҳои омодашавӣ ба мактаб бо сифати баланд, бо шароити одилона ва дастрас;*
- *Коҳиши шумораи кӯдакони аз мактаб дурмонда ва афзоиши сатҳи давомот ва хатми мактаб;*
- *Беҳтар намудани сифати таълим барои таъмини донишомӯзон бо малакаҳои ҳаётӣ ва омода кардани онҳо барои вокуниш ба мушкилоти зиндагӣ;*
- *Ташвиқи ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият ба таҳсилоти фарогир;*
- *Муҳофизат намудани кӯдакон аз офатҳои табиӣ тавассути сохтани биноҳои таълимии бехатар ва омӯзонидани кӯдакон ва роҳбарияти мактаб оид ба малакаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;*
- *Таъмини таҳсилоти фарогир ва одилонаи босифат ва мусоидат ба имкониятҳои омӯзиш ва таҳсил дар давоми ҳаёт барои ҳама.*

Дар назар аст, ки то соли 2020 85%-и духтарон ва писарони наврас дар Тоҷикистон, аз ҷумла, духтарон аз оилаҳои осебпазир, ба таҳсил дар синфҳои болоии мактаби миёна дар муҳити одилона фаро гирифта хоҳанд шуд. Беш аз 35 000 кӯдаки синни томактабӣ (4-6-сола) аз 1500 маркази таҳсилоти томактабӣ, ки Ҳукумат дар асоси модели омодакардаи ЮНИСЕФ таъсис додаст, баҳравар мегарданд.

ЮНИСЕФ ба Вазорати маориф ва илм барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти ҳассоси гендерӣ бо мақсади қабули қарорҳои асоснок кумак хоҳад кард. Илова бар ин, барои пешгирии аз мактаб дур мондани духтарон, дар панҷ ноҳияи кишвар низоми мониторинг ва системаи огоҳкунии саривақтӣ ҷорӣ карда мешавад, то ки имкониятҳои муайян намудани чунин духтарон беҳтар карда шавад. Барои мактабҳои мавриди назар дар панҷ ноҳия, бо кормандон ва муаллимони онҳо оид ба истифодаи системаи огоҳкунии саривақтӣ бо мақсади пешгирии тарки таҳсилоти ҳатмӣ омӯзишҳо гузаронида хоҳад шуд.

**Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон (ИҶК – БМ)**. Яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон (ИҶК – БМ) мусоидат ба рушди таҳсилот дар Тоҷикистон аст. Барномаҳои таҳсилотии ИҶК – БМ ҳамаи зинаҳои таҳсилот – томактабӣ, миёна ва олиро дар бар мегиранд. Дар радифи барномаҳо ва лоиҳаҳои солҳои охири ин созмон дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, дастгирии таъсис ва фаъолияти Маркази миллии тестӣ ва таҳияи Кодекси маорифро номбар кардан бамаврид аст. Тайи солҳои охир ин созмон ба рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон низ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки ИҶК–БМ ба густариши ғояҳои таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон дар байни созмонҳои байналмилалӣ аз ҳама пештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аввалин ташаббусҳои дастгирии воқеии ҷалби КИМ ба таҳсилот ҳанӯз соли 2007 бо дастгирии ин созмон ба миён омаданд. Аз ҷумла, ҳамон сол дар доираи татбиқи Барномаи минтақавии “Ташаббуси Осиёи Марказӣ барои кӯдаконе, ки эҳтиёҷоти махсуси таҳсилотӣ доранд” се лоиҳаи ТҶ дар Тоҷикистон дастгирӣ гардиданд: “Қадамҳои аввалин ба мактаб” – Ассотсиатсияи волидони кӯдакони эҳтиёҷоти маҳдуддошта” (Душанбе), “Ҳамҷоя зистан” – Кумитаи волидайн ва мураббиёни кӯдакистони №151 (Душанбе) ва “Мамлакати гунгу карон” – ТҶ “Маркази рушди демокртаия” (Хуҷанд) [55, 2007, 34-35]. Худи ҳамон сол аз ҷониби ТҶ Маркази дастгирии ислоҳоти маориф “Пулс” таҳқиқоте дар мавзӯи “Мониторинги эҳтиёҷоти таҳсилии кӯдаконе, ки нуқсони биноӣ доранд, дар гирифтани таҳсилоти сифатнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти дастрасии таҳсилот барои онҳо”[15] анҷом гирифт [2]. Бо дастгирии ин созмон аз ҳамон сол инҷониб давра ба давра сафарҳои омӯзишӣ ба кишварҳои дигар ва иштироки мутахассисони маҳаллӣ дар конференсияву семинарҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ дастгирӣ мешавад. Солҳои минбаъда (2008 – 2010) Барномаи “Мусоидат ба таъмини дастрасии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таълими хушсифат” татбиқ гардид, ки дар доираи он теъдоди ТҶ-и бурсгиранда хеле афзойиш ёфт, барои мутахассисону масъулон, кормандону омӯзгорон ва падару модарон як қатор семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конференсияҳо доир гардиданд, чорабиниҳои гуногуни характери

[15] Унвони лоиҳаҳо аз матни расмии тоҷикӣ гирифта шудаанд (А.Б).



хайриявӣ гузаронида шуданд, аз ҷониби ТҶ таҳқиқоти гуногун анҷом ёфтанд [55, 2008, 29–33].

Соли 2009 ин созмон ташаббуси Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таҳияи Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дастгирӣ намуд. Дар доираи татбиқи ин лоиҳа гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, матни “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон барои солҳои 2011–2015” таҳия гардид, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 ба тасвиб расид [44].

Муҳимтарин хусусияти фаъолияти ин созмон рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии ташкилотҳои маҳаллӣ оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир аст. Аз ҷумла, ҳанӯз соли 2007 бо ташаббуси ин созмон аввалин ташкилотҳои ҷамъиятии волидони КИМ дар Душанбе арзи вуҷуд карданд. Дар ин самт ҳар сол якчанд барномаи дарозмуддат (дар шарикӣ бо созмонҳои дигар) амалӣ шуда, даҳҳо лоиҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешниҳод мешаванд ва аксари онҳо дастгирӣ мегарданд. Дар баробари ин, лоиҳаҳои дастгиришуда ҷанбаҳои таҳлилӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ доранд. Ба ибораи дигар, ИҶК–БМ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, аз як тараф, ба гузаронидани таҳқиқот оид ба масъалаҳои гуногуни таҳсилоти фарогир мусоидат намуда, аз ҷониби дигар, тавассути дастгирии фаъолиятҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, махсусан, ассотсиатсияҳои волидони КИМ, ба татбиқи амалии ғояҳои таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёна саҳми назаррас мегирад. Фаъолияти ин созмон дар муассисаҳои томактабӣ бештар ба пиёда сохтани барномаҳои «Қадам ба қадам» ва «Рушди барвақтии кӯдак» равона гардидааст, ки дар доираи онҳо лоиҳаҳои гуногун таҳия ва татбиқ мешаванд. Татбиқи ин лоиҳаҳо ҷалби КИМ-ро ба кӯдакистонҳо ва марказҳои рушди барвақтии кӯдак низ дар назар дорад. Аз ҷумла, аз моҳи октябри соли 2014 то моҳи майи соли 2016 тавассути ташкилоти ҷамъиятии «Ирода» лоиҳаи «Шарикии самаранок дар роҳ ба сӯйи фарогирӣ (инклюзия)» татбиқ гардид, ки дар доираи он дар 4 маркази шаҳрии саломатӣ (ш. Душанбе) кабинетҳои рушди барвақтии кӯдак таъсис дода шуда, модули таълимии «Аз кумаки барвақтӣ то фарогирӣ (инклюзия)» барои мактабҳои олии ш. Душанбе, шуъбаи ДҶТИБКСМ дар Душанбе ва шуъбаҳои дастгирии иҷтимоӣ дар хона таҳия гардид. Ҳоло татбиқи ҳадафҳои ин лоиҳа ба роҳ монда шудааст.

Дар доираи фаъолияти барномаи «Маркази миллии тестӣ» дар ду соли охир якчанд лоиҳаи хурди таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои дастрасии ШИМ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва олии касбӣ дастгирӣ мешаванд. Ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти фарогир фаъолият мекунанд, лоиҳаҳои гуногуни вобаста ба рушди таҳсилоти фарогирро дар маҳалли худ амалӣ менамоянд. Дар самти тайёр кардани кадрҳо ва ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорон тайи солҳои охир лоиҳаи дарозмуддат бо ҷалби мутахассисон, роҳбарон ва кормандони муассисаҳои такмили ихтисос татбиқ гардида буд. Дар ҷараёни татбиқи он се семинар-тренинги омӯзишӣ-амалӣ бо иштироки мушовирони байналмилалӣ гузаронида шуда, дастурҳои методӣ барои омӯзгорони донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос таҳия ва нашр гардиданд [48; 52].

Тавре ки борҳо қайд намуда будем, ҷустуҷӯ, пайдо ва истифода кардани захираҳои дохилӣ дар шароити камбуди маблағгузорӣ яке аз муҳимтарин омилҳои таъмини рушди босуботи мактабхост. Лоиҳаи «Индекси фарогирӣ (инклюзия): рушди таълим ва иштирок дар мактаб», ки ғояи асосии онро иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба ҷараёни таълим ташкил медиҳад, маҳз бо ҳамин мақсад амалӣ гардидааст [53]. Зимнан, «Индекси фарогирӣ (инклюзия)» татбиқи таҳсилоти фарогирро ба маънои васеъ – ҷалби ҳамаи кӯдакон ба мактаб новобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳо дар назар дорад.

ИҶК–БМ дар таҳияи Кодекси маориф, ки баррасии он оғоз гардидааст, низ саҳми арзанда дорад. Зимнан, бояд қайд кард, ки вобаста ба муайян намудани ҷойгоҳи таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ Кодекс ба таҳлили моҳият ва мундариҷа ниёз дорад.

ИҶК–БМ дар баробари дастгирии таҳқиқоти характери маҳаллӣ (миллӣ) дошта, таққиқотҳои минтақавӣ ва байналмилалиро низ дастгирӣ мекунад, ки таҳлили муқоисавии проблемаҳои яксони мавҷуда ва раҳёфтҳои миллии ҳалли онҳоро дар бар мегиранд. Дар радифи чунин таҳқиқот маҷмӯаҳои нашршудаи "Бачагони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон" [25] ва "Маҷаллаи таҳқиқотҳои сиёсати иҷтимоӣ" [29]-ро номбар кардан мумкин аст.

Дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи таҳсилоти фарогир аз ҷониби ин созмон хеле доманадор аст. Мо ба таҳлили



ҳамаи барномаҳо ва лоиҳаҳои ин созмон дахл накарда (маълумоти муфассалро аз ҳисоботҳои расмии солонаи ин созмон дастрас намудан мумкин аст), маълумоти мухтасарро барои солҳои охир ба хонандаи гиромӣ пешниҳод мекунем:[16]

Яке аз муҳимтарин афзалиятҳои барномаҳои **таҳсилоти томактабии ИҶК–БМ** «Инклюзияи иҷтимоӣ ба хотири сифати таҳсилот дар синни барвақт» аст. Ин Барнома ташаббусҳоеро дастгирӣ мекунад, ки ба рушд ва нигоҳубини кӯдакон аз синни барвақтӣ ва ба дастгирии хонаводаҳое, ки КИМ доранд, равона шудаанд. Дар доираи татбиқи ин Барнома дар солҳои 2015-2016 бурсҳо (грантҳо)-и зерин пешниҳод шудаанд:

- *Ҳамкории самаранок дар роҳ ба сӯйи фарогирӣ (инклюзия) - ноҳияи Мастчоҳ, вилояти Суғд; Маркази иҷтимоӣ-ҳуқуқии "Сарчашма";*
- *Баланд бардоштани неруи кӯдакони талаботи махсусдошта - ноҳияи Тоҷикобод; Ташкилоти ҷамъиятии "Дурахшон";*
- *Рушди ҳамкориҳои самаранок дар соҳаи тавонбахшии барвақтӣ ва инклюзия дар вилояти Суғд - шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент Бӯстон; Маркази иҷтимоӣ-ҳуқуқии "Сарчашма".*

**Таҳсилоти миёнаи умумӣ:** Дар доираи татбиқи Барномаи «Адолат дар низоми таҳсилот", ки яке аз самтҳои афзалиятноки он "Инклюзияи иҷтимоӣ ба хотири таҳсилоти босифат" аст, дар тӯли ду соли охир як қатор лоиҳаҳо дастгирӣ ёфтанд, ки муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл аст:

- *«Низоми тести миллӣ – имконият ва монеаҳо дар гирифтани таҳсилоти олӣ барои ШИМ» - ш. Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ, Қӯрғонтеппа; ТҶ «Имконият», ТҶ «Ассотсиатсияи волидони КИМ»;*
- *«Рушди барномаи тавонбахшии барвақтӣ ва таҳсилоти фарогир дар ш. Панҷакент»; ТҶ "Кумитаи волидони КИМ", ш. Панҷакент;*
- *«Баланд бардоштани огоҳии волидони КИМ дар ш. Конибодом» - ТҶ занони дорои маъюбият «Сафои Конибодом»;*

---

[16] Маълумот роҷеъ ба фаъолияти ИҶК-БМ дар соли 2016 аз ҷониби ҳамоҳангсози барномаи "Таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ" Бобоева Л. ва ҳамоҳангсози барномаи "Таҳсилоти миёна" Қобилова Г. пешниҳод шудааст. Маълумот оид ба солҳои пешин аз ҳисоботҳои расмии ин созмон гирифта шудааст.

- *“Рушди ҳамкориҳои устувор дар роҳ ба сӯйи инклюзия дар ноҳияи Ванҷи ВМКБ” - ТҶ “Маҷрӯҳон”, ш. Хоруғ, ВМКБ;*
- *“Муттаҳид намудани саъйу кӯшиши ташкилотҳои волидон бо мақсади пешбурди таҳсилоти фарогир дар ш. Қӯрғонтеппа” - ТҶ «Ассотсиатсияи волидони КИМ», ш. Душанбе;*
- *«Ҳамкории самаранок дар роҳ ба сӯйи инклюзия» - 4 маркази шаҳрии саломатӣ дар ш. Душанбе, ТҶ «Ирода»;*
- *«Ҳамкории самаранок дар роҳ ба сӯйи инклюзия» - Мактабҳои пилотӣ, ДМТ, ДДОТ, Коллеҷи тиббӣ, ДШТИО (ш. Душанбе). ТҶ «Ирода»;*
- *«Дастгирии синфҳои захиравӣ бо кумаки ташкилотҳои волидон бо мақсади пешбурди ТФ дар ш. Қӯрғонтеппа, н. Бохтари в. Хатлон ва ш. Душанбе». ТҶ «СиДа»;*
- *«Ношунавоёнро кӣ мешунавад?» (рушди забони имову ишора дар Тоҷикистон) - Конференсияи ҷумҳуриявӣ, ТҶ «Кӯдакони ношунавои Тоҷикистон»;*
- *«Муттаҳид намудани саъйу кӯшиши ташкилотҳои маъюбон бо мақсади пешбурди ТФ дар н. Лахш». ТҶ «Ҷамъияти маъюбони н. Лахши ҶТ».*

**Ассотсиатсияи кумак ва дастгирии Япония (АКДЯ)** аз моҳи январи соли 2014 бо дастгирии молиявии давлатӣ, ки тавассути Сафорати Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати идораи маорифи шаҳри Душанбе ва ташкилотҳои ҷамъиятии «Рушди инклюзия», «СиДа», «Ирода» дар чор муассисаи таҳсилоти умумии ш. Душанбе – гимназияи №53, мактабҳои №№ 28, 54 ва 72 ба фароҳам овардани шароити муносиб барои ҷалби КИМ ба таҳсилот мусоидат мекунад. Фаъолияти АКДЯ ба самтҳои зерин равона шудаанд:

1. Фароҳам сохтани муҳити дастрас барои КИМ (тағйири инфрасохтори мактаб);
2. Таъсиси синфи мутобиқсозӣ (захиравӣ);
3. Муҷаҳҳаз намудан бо таҷҳизоти зарурӣ;
4. Доир намудани тренингҳо барои омӯзгорон;
5. Доир намудани тренингҳо барои ёварони омӯзгор (тютерҳо);
6. Корҳои маърифатӣ-фаҳмондадиҳӣ;



7. Аёдати хонаводаҳое, ки КИМ доранд ва аз таҳсил берун мондаанд (бо мақсади ҷалби ин кӯдакон ба таҳсил).

**Хазинаи Оғохон (ХО)** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 як қатор барномаҳо ва фаъолиятҳоро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот амалӣ мекунад. Фаъолиятҳои ин Созмон зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумиро дар бар мегирад. Дар ин зинаҳои таҳсилот ба масъалаҳои ҷалби КИМ ба таҳсил низ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Ин Созмон фаъолиятҳои худро бештар ба рушди таҳсилот дар маҳалҳои дурдаст равона кардааст. Аз ҷумла, дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ХО то имрӯз дар бештар аз 166 деҳотҷойи дурдаст Марказҳои инкишофи кӯдаконро (МИК) барои фарогирии кӯдакони аз 3 то 7-сола таъсис додааст. Барои мусоидат ба ҷалби КИМ ба таҳсил ХО дар ҳамкорӣ бо ВМИ ҶТ, Академияти таҳсилоти Тоҷикистон ва филиали ДҶТИБКСМ дар Хоруғ (ВМКБ) модулҳои омӯзишӣ ва дастури методиро барои таҳсилоти фарогир таҳия намуд ва барои бештар аз 300 омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ аз рӯйи ин модулҳо семинару тренингҳо ташкил намуд. Дастури методӣ тавре таҳия шудааст, ки омӯзгорон метавонанд мустақилона аз он истифода баранд ва дониши худро оид ба ТФ сайқал диҳанд. Дастури методӣ нашр шуда, ба 160 Маркази инкишофи кӯдакон дастрас гардид.

Масъалаи дигаре, ки ХО ба он диққати ҷиддӣ медиҳад, фаро гирифтани кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ба таҳсил мебошад. Дар ҳоли ҳозир падару модарони кӯдаконе, ки ба МИК фаро гирифта мешаванд, ҳар моҳ ба маблағи 35-40 сомонӣ пардохт мекунанд. Аммо дар деҳотҳои дурдаст на ҳамаи волидон метавонанд ин маблағро пардохт кунанд, ки сабаби аз таҳсилоти томактабӣ дур мондани фарзандони онҳо мегардад. Бо мақсади кумак ба оилаҳои камбизоат ва фароҳам сохтани имкониятҳои рушди барвақтии кӯдакони онҳо, ХО Кумитаҳои идоракунии Марказҳоро ташкил кард ва дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи такмили ихтисоси омузгорони ВМКБ оид ба ҷамъоварӣ ва ҷалби маблағҳои иловагӣ аз сарчашмаҳои берунӣ (хайрхоҳон, корчаллонон, хатмкунандагони барномаҳои ХО, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ кор мекунанд ва ғайра) тренингҳои махсус гузаронд. Дар натиҷа Кумитаҳои идоракунии МИК-ҳо фондҳои махсусро ташкил намуданд ва аз ҳисоби ин фондҳо пули кӯдакони камбизоат пардохт карда мешавад.

Ҳамчунин бо дастгирии молиявии ХО барои Ҷамъияти кӯдакони маъюби «Нур»-и шаҳри Хоруғ, ки кӯдакони дорои норасоиҳои вазнинро фаро мегирад, бинои алоҳида сохта ба истифода дода шуд ва бинои Муассисаи давлатии миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» аз таъмир бароварда шуд.

Дар баробари созмонҳои фавқуззикр созмонҳои дигари байналмилалӣ, аз ҷумла, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, ЮСАИД, Иттиҳоди Аврупо ва дигарон дар доираи татбиқи лоиҳаҳои марбут ба рушди соҳаи маориф дар самти татбиқи ғояҳои ТФ низ саҳм мегиранд, аммо маълумоти мушаххас дар бораи фаъолияти онҳо дастраси мо нест.

Аз натиҷаи таҳлили фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи татбиқи ТФ зикри чанд нуктаи муҳимро зарур медонем. Пеш аз ҳама, бо дарназардошти шароити иқтисодии кунунии Тоҷикистон саҳмгузории ин созмонҳо дар амалӣ намудани ислоҳоти маориф воқеан хеле назаррас ва муфид аст. Фаъолияти ин созмонҳо на танҳо ба рушди умумии таҳсилот, балки барои тайёр кардани мутахассисони касбӣ низ сазовори таҳсин аст. Садҳо мутахассисон, аз ҷумла, кормандони мақомоти идораи соҳаи маориф низ тавассути иштирок дар семинару тренингҳо ва сафарҳои омӯзишӣ сатҳи касбияти худро баланд бардошта, мутахассисони хубу варзида шудаанд.

Аз ҷониби дигар, ба андешаи мо, ба хотири боз ҳам муассиртар намудани фаъолияти ин созмонҳо ва расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ баъзе чораҳоро андешидан бамаврид аст.

Аввалан, ба низоми тайёр кардани мутахассисони соҳаи ТФ аз ҷониби сохторҳои дахлдори идораи соҳаи маориф ҳисси масъулиятнокиро баланд бардоштан лозим аст. Масалан, дар доираи татбиқи лоиҳаи тайёр кардани мутахассисон барои ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ солҳои 2011–2013 аз ҷониби ИҶК–БМ се семинари омӯзишӣ доир гардида буд, ки яке аз иштирокчиёни он ман будам. Ин семинарҳо мантиқан яке идомаи дигаре буданд. Аммо ҳайати онҳое, ки дар ин семинарҳо ширкат карданд, давра ба давра тағйир ёфт ва дар семинари ниҳоӣ танҳо 30%-и онҳое ширкат карданд, ки дар семинари аввал буданд (семинар-тренингҳо барои роҳбарон ва кормандони донишкадаҳои такмили ихтисос ташкил шуда буданд).

Аз тарафи дигар, аксар вақт лоиҳаҳои нисбатан калони пешбурди ТФ аз ҷониби худи созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод



мешаванд ва характери минтақавӣ ё байналмилалӣ доранд. Яъне, инҳо лоиҳаҳое мебошанд, ки қаблан дар дигар кишварҳо низ татбиқ шудаанд, ё ҳамзамон дар якчанд кишварҳо татбиқ мешаванд. Дар ин маврид хусусиятҳо ва шароити ҳақиқии кишвар, омилҳои таъсиррасони маҳаллӣ ва беруна, пешбинии оқибатҳои татбиқи лоиҳаҳо на ҳамеша пурра ба назар гирифта мешаванд. Ин гуна ҳолатҳо, ба андешаи мо, аз он сабаб рух медиҳанд, ки ба татбиқи лоиҳаҳо на ҳамеша мутахассисони варзида ҷалб мешаванд, ё худ ҳангоми баррасии пешакии онҳо мутахассисони мустақил даъват намешаванд. Гузашта аз ин, сатҳи пасти омодагии мутахассисон ва кормандони сохторҳои дахлдори идораи маориф имкон намедиҳад, ки дар моҳият ва роҳҳои татбиқи лоиҳа бо назардошти шароити ҳақиқии кишвар тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Солҳои охир лоиҳаҳои ба истилоҳ шарикӣ таҳия ва татбиқ мешаванд. Моҳиятан инҳо лоиҳаҳое мебошанд, ки дар татбиқи онҳо якчанд созмони байналмилалӣ (СБ) дар якҷоягӣ саҳм мегиранд. Ин амр барои танзими фаъолияти СБ хеле муҳим аст. Аммо дар баробари ин ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки ҳамон як муассисаи таълимӣ аз ҷониби СБ-и гуногун давра ба давра бо лоиҳаҳои гуногун фаро гирифта мешавад. Дар натиҷа, масъалаи таъмини танзим ва пайдарпайии чорабиниҳои доиргардида бо баъзе мушкилот рӯ ба рӯ мешавад.

Падидаи дигаре, ки қобили зикр аст, ба муносибати байниҳамии созмонҳои байналмилалӣ вобаста аст. Масалан, масъалаи ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби донишкадаҳои такмили ихтисос ва таҳияи дастурҳои таълимӣ бо ин мақсад аввал аз ҷониби ИҶК-БМ ба роҳ монда шуд ва дар доираи он ду дастури методӣ таҳия ва нашр гардид. Баъдтар ин масъаларо ЮНИСЕФ низ пайгирӣ кард, ки ҳадафи он таҳияи модулҳои таълим барои курсҳои бозомӯзӣ аст. Бо ин мақсад гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуданд, барои таҳияи модулҳо мутахассисон ҷалб гардиданд. Вале ба назар чунин мерасид, ки лоиҳаи аввал, ки аз ҷониби ИҶК–БМ роҳандозӣ шуда буд, гӯё аҳаммияти худро аз даст дода бошад. Мушовири байналмилалие, ки аз ҷониби ЮНИСЕФ даъват шуда буд, бештар ба таҷрибаи ин созмон дар кишварҳои дигар такя мекард. Боз ҳам сатҳи нокифояи мутахассисони маҳаллӣ имкон намедод, ки барои ҳамгиройии ин ду лоиҳа кӯшиш ба харҷ дода шавад ва натиҷаҳои хуби лоиҳаи аввал дар лоиҳаи дуюм низ мавриди истифода қарор гирад.

Андешаи шахсии ман (шояд он дуруст набошад) он аст, ки баъзан созмонҳо байни худ «мусобиқа» мекунанд, то нишон диҳанд, ки лоиҳаи онҳо аз лоиҳаи созмони дигар беҳтар аст. Ин тарзи мусобиқа на ҳамеша ба фоидаи кори умумӣ аст.

Ниҳоят, лоиҳаҳо оид ба таъмини ҳуқуқҳои ШИМ на танҳо дар соҳаи маориф, балки дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ дар ҳамкорӣ бо ВТҲИ ва бокортаъминкунӣ дар ҳамкорӣ бо ВММША низ давра ба давра татбиқ мешаванд. Аксар вақт дар байни онҳо алоқамандии судманд мушоҳида намешавад.

Ин андешаҳо, аз як тараф, масъалаи танзими самараноктари фаъолияти СБ ва, аз тарафи дигар, ба роҳ мондани таҳияи лоиҳаҳои дарозмуддатро аз ҷониби худи сохторҳои идораи маориф ва мутахассисони маҳаллӣ ба миён мегузорад. Хеле муҳим аст, ки пеш аз татбиқи ин ё он лоиҳа мувофиқати пурраи он ба сиёсати давлат ва самтҳои афзалиятноки рушди кишвар аз ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла, дурнамои таъсири он ба соҳаҳои дигари зиндагии мардум низ арзёбӣ ва таҳлил шавад. Ин корро, тавре ки дар қисмати сиёсат ва идора таъкид карда будем, танҳо ҳамон вақт анҷоми додан мумкин аст, ки барои татбиқи ТФ ягон марказ ё раёсати алоҳида созмон дода шавад, то ки баррасии ҳамаи масъалаҳои марбут ба зиндагии ШИМ дар маҷмӯъ ва ҳамбастагӣ имконпазир гардад.

Бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки ин нуктаҳо фақат андешаи шахсӣ буда, даъвои ҳатман ба эътибор гирифта шуданро надоранд, вале як даъвати холисонаест ба таҳлили амиқи масъалаҳои мавҷуда дар ин ҷода.



## НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР МУСОИДАТ БА РУШДИ ИНКЛЮЗИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

Бо таҷрибаи Япония мо аллакай шинос шудем ва дидем, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар дастгирии КИМ чӣ нақши муҳимме мебозанд. Азбаски дар Япония мушкилоти ҷалби КИМ ба таҳсилоти умумӣ тавассути мақомоти давлатӣ хуб ба роҳ монда шудааст, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бештар барои омӯзонидани касбу ҳунар ва бо кор таъмин кардани ШИМ фаъолият мекунанд. Дар шароити Тоҷикистон фаъолияти ин гуна ташкилотҳо ҳам барои ҷалби КИМ ба таҳсилоти умумӣ ва ҳам ба мусоидат барои бо кор таъмин кардани онҳо равона шудааст.

Дар шароити дастгирии нокифоя ва камбуди захираҳои молиявӣ ҷустуҷӯ ва истифодаи захираҳои иловагӣ оид ба расонидани кумакҳои амалии машваратӣ ва дастгирии маънавии КИМ аз муҳимтарин омилҳои беҳтар сохтани вазъияти мавҷуда аст. Афзоиш ва рушди ин гуна ташкилоту марказҳо дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба фаъолнокии падару модарони дорои КИМ ва худи шахсони имконияташон маҳдуд, ки ба насли калонсол мансубанд, вобаста аст. Ҳоло дар аксар шаҳру ноҳияҳои кишвар ин гуна ташкилотҳо фаъолият мекунанд[17]. Аз рӯйи шаклу самтҳои фаъолият онҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

*1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ШИМ вобаста ба гурӯҳи норасоиҳо (Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии нобиноёни Тоҷикистон, Иттиҳодияи миллии ношунавоёни Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии Лигаи занҳо-маъюбон «Иштирок» ва ғайра);*

*2. Ассотсиатсияҳои волидони дорои КИМ.*

Ин ташкилотҳо дар рушди инклюзия саҳми босазое доранд. Фаъолияти гурӯҳи якум бештар ба гирифтани малакаҳои касбӣ, ихтисосҳо ва бокортаъминкунии ШИМ равона шудааст.

---

[17] Номгӯйи ин ташкилотҳо тибқи маълумоти соли 2012 дар китоби «Таҳсилоти фарогир» (2013) ва Маълумотномаи ташкилотҳое, дар соҳаи маъюбият дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд (2012) оварда шудааст.

Гурӯҳи дуюми ТҶ, ки таъсиси онҳо соли 2007 бо ташаббуси ИЧК–БМ имконпазир гардид, бештар дар самти ҷалби КИМ ба таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунанд. Ҳамаи онҳоро ҷидду ҷаҳди беандоза, хоҳиши бузурги беҳтар намудани зиндагии ШИМ ба ҳам муттаҳид сохтааст. Ва месазад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ роҷеъ ба дастовардҳои онҳо иттилоъ дошта бошад.

Яке аз муҳимтарин роҳҳои дастгирии КИМ расонидани ёрии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва психологӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятиест, ки бо ташаббуси бевоситаи волидони дорои КИМ таъсис меёбанд. Тавре ки муҳаққиқон Е.М. Мастюкова ва А.Г. Московкина қайд мекунанд, «Маҳз шабакаи рушдёфтаи дастгирии иҷтимоӣ метавонад дар ҳар оилае, ки кӯдаки имкониятҳояш маҳдуд дорад, вазъияти муътадили психологиро фароҳам орад. Танҳо дар ҳамин ҳолат оила метавонад худро дар ҳолати амну ҳифзшуда эҳсос намояд. Танҳо дар ҳамин шароит падару модарон метавонанд вазъи оилавиро таҳти назорат қарор диҳанд. Дар ин ҷараён худи падару модарони дорои КИМ бо роҳи муттаҳид шудан ба ассотсиатсияҳо нақши муҳим бозида метавонанд» [47, 12].

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи КИМ ва оилаҳое, ки дар онҳо КИМ зиндагӣ мекунанд, ҳамчунин беҳтар намудани мавқеи иҷтимоии ин кӯдакон соли 2006 чор нафар модаре, ки дорои КИМ буданд, ба Гурӯҳи ташаббускори волидон муттаҳид гардиданд ва соли 2007 ҳамчун Ассотсиатсияи волидони КИМ расман ба қайд гирифта шуданд. Дар ташаккул ва рушди ин ташкилотҳо саҳми ИЧК–БМ хеле назаррас аст. Соли 2012 дар Тоҷикистон аллакай 14 Ассотсиатсияи волидони КИМ (АВКИМ) фаъолият мекарданд. Дар заминаи ин ассотсиатсияҳо Коалитсияи волидони КИМ (КВКИМ) таъсис ёфт. Соли 2016 КВКИМ 36 ташкилоти гуногуни волидони КИМ-ро муттаҳид мекард (ниг. ба ҷадвали ҷойгиршавӣ ва мавқеи фаъолияти онҳо аз рӯйи минтақаҳо).

То соли 2016 аъзои Коалитсия ба тақрибан 10 000 хонаводае, ки дорои КИМ буданд, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ ва психологӣ машварату маслиҳатҳои судманд пешниҳод кардаанд. Дар ин муддат 336 кӯдаки имкониятҳояш маҳдуд, ки дорои норасоиҳои



гуногун буданд, ба мактабҳои умумӣ тайёр карда шуда, дар маҳалли зисти доимӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд[18].

**Ҷойгиршавӣ ва мавқеи фаъолияти АВКИМ аз рӯйи минтақаҳо**

| № | Минтақа | Шаҳру ноҳияҳо | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | ш. Душанбе | Шоҳмансур – 1, Сино – 2, Фирдавсӣ – 3. | 6 |
| 2 | вилояти Суғд | Исфара – 2, Истаравшан, Хуҷанд, Панҷакент – 2, Бӯстон (собиқ Чкалов), Айнӣ, Б. Ғафуров, Спитамен. | 10 |
| 3 | вилояти Хатлон | Кӯлоб – 2, Бохтар, Вахш, Қубодиён, Муъминобод, Панҷ, Фархор, Ховалинг, Шӯробод | 10 |
| 4 | ВМКБ | Хоруғ – 2, Мурғоб, Рошткалъа, Рӯшон – 2, Шуғнон | 7 |
| 5 | НТМ | Ваҳдат, Рашт, Рӯдакӣ | 3 |
| | | **Ҳамагӣ** | **36** |

Қобили қайд аст, ки аъзои Коалитсия фаъолияти худро аз ёрии амалӣ ба модарон оғоз мекунанд, зеро маҳз модарон дар ҳолати ногувори равонӣ ва эҳсосотӣ қарор мегиранд, бо кӯдак чӣ ва чӣ тарз кор карданро намедонанд.

Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии волидони КИМ барои ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидаанд:

- расондани кумаки психологӣ ба оилаҳое, КИМ доранд;
- шинос намудани падару модарон бо заминаи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои КИМ ва оилаҳое, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд;
- кумак расонидан ба падару модарони дорои КИМ барои беҳтар фаҳмидани хусусиятҳо ва норасоиҳо дар рушди кӯдак, пайдо намудани тасаввуроти дуруст оид ба тарафҳои қавӣ ва сусти рушди кӯдак;

[18] Маълумот роҷеъ ба фаъолияти КВКИМ аз ҳисоботи фаъолияти ин ташкилот оварда мешавад, ки онро Сабоҳат Ҳаким-зода – раиси Ассотсиатсияи волидони КИМ, узви Шӯрои ҳамоҳангсозии Коалитсия лутфан ба мо дастрас намудааст.

- дидани на танҳо норасоиҳои кӯдак дар рушд, балки муваффақияту комёбиҳои ӯ;
- ташаккули маҷкеи фаъоли падару модарон барои кумак ба кӯдак;
- дастгирии муносибати мусбати байниҳамӣ бо кӯдак тавассути ташкил ва рушди бозиҳои якҷоя;
- пешниҳоди маълумоти мушаххас ба падару модарон оид ба намудҳои мушаххаси норасоиҳо дар кӯдакон;
- ҷалби ҷомеа ба ҳаёти кӯдакони имконияташон маҳдуд тавассути васоити ахбори умум;
- омода кардани мактаб (гузоштани пандусҳо, панҷараҳо), муаллимон (омӯзиш тавассути ташкил кардани семинарҳо, тренингҳо оид ба кор бо КИМ) ва хонандагон (ташкили дарсҳои некукорӣ оид ба фаҳмиши маҳдудиятҳо);

Дар доираи Коалитсия ҳамаи ташкилотҳои волидони КИМ ҳамкории судманд ба роҳ мондаанд, чорабиниҳои умумӣ доир мекунанд.



Бояд гуфт, ки фаъолияти ассотситсияҳои волидони КИМ маъмулан бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ (гирифтани грантҳо, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо), аз ҷумла, ИЧК–БМ, Иттиҳоди Аврупо,



ЮНИСЕФ, Сафорати ИМА, АБИЛИС (Финляндия), АКДЯ ва ғайра дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии идораи маориф ба роҳ монда мешавад. Самтҳои асосии фаъолияти ин ташкилотҳо ба тариқи зайл аст:

**Кор бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ.** Аъзои Коалитсия бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Душанбе ва Коллеҷи тиббии ш. Душанбе ҳамкорӣ доранд. Дар ин муассисаҳо курси махсуси «Аз дастгирии барвақт то инклюзия» таълим дода мешавад, ки он бо иштироки ташкилотҳои ҷамъиятии волидон, ШИМ, дигар созмонҳое, ки дар соҳаи таҳсилоти фарогир фаъолият мекунанд ва намояндагони бахши давлатӣ таҳия гардидааст. Донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши ин курс бо муҳимтарин масъалаҳои марбут ба КИМ, тарзи кор бо онҳо, хусусиятҳои инфиродии КИМ, заминаи қонунгузории ҳифзи ҳуқуқи онҳо, усулҳои омода сохтан ва ҷалб намудани КИМ ба таҳсил, таҳияи НИТ ва ғайра маълумот мегиранд.

**Тренингҳои муттасил барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мураббиёни кӯдакистонҳо, волидони КИМ.** Дар ин тренингҳо шунавандагон бо қонунҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Конвенсияи ҳуқуқҳои ШИМ, бо асноди меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои ШИМ бахшида шудаанд, шинос мегарданд. Намудҳои гуногуни фаҳмиши маъюбият (анъанавӣ-таърихӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ), анвои маъюбият, мафҳуми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои ҷалби КИМ ба таҳсилоти умумӣ ва дигар масъалаҳои марбутаро меомӯзанд. Дар тренингҳо ба мутобиқ сохтани муҳити таълим барои таъмини дастрасии КИМ ба таҳсил, истифода аз марказҳо/синфҳои захиравӣ, нақши омӯзгор ва ёвари ӯ дар таълиму тарбияи КИМ, таҳияи НИТ ва ғайра эътибори хос дода мешавад.

**Ташкили «Дарсҳои накукорӣ».** Ин дарсҳо бевосита бо иштироки КИМ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида мешавад. Ҳадафи асосии онҳо аз ҷониби ҳамагон, махсусан, кӯдакони дигар дарк намудани ин ҳақиқат аст, ки маъюбият ҳукм нест, ШИМ низ мисли дигарон дорои имконияту истеъдодҳои шоистаанд ва дар сурати саъю кӯшиши ҳамагон, фароҳам сохтани муҳити ҳамдигарфаҳмию дастгирии байниҳамӣ онҳо низ мавқеи шоистаи худро дар ҷомеа ба даст меоранд.

**Машғулиятҳо дар синфҳои захиравӣ.** Ҳоло бо ташаббуси ташкилотҳои ҷамъиятии волидони КИМ ва дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар баъзе мактабҳои шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ синфҳо ё марказҳои захиравӣ таъсис ёфтаанд. Ташкилотҳои ҷамъиятии волидони КИМ бо истифода аз синфҳои захиравӣ муносибатҳои шарикиро бо омӯзгорон, маъмурияти мактабҳо, падару модарон ва хонандагон инкишоф медиҳанд. Машғулиятҳо ба баланд бардоштани неруи гурӯҳи инклюзивӣ, аз ҷумла, мутобиқ сохтани муҳит, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, фаҳмиши амалии методҳои таълими КИМ барои омӯзгорон ва ғайра аст. Дар синфҳои захиравӣ бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои КИМ машғулиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ гузаронида мешаванд, ҳамчунин барои омӯзгорон аз ҷониби мутахассисон оид ба тарзҳои таълими КИМ дарсҳо амалӣ ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, омӯзгорон тарзи таҳияи НИТ-ро меомӯзанд ва тарзи кор бо онҳоро ёд мегиранд. Дар ин гуна мактабҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, варзишӣ ва вохӯриҳои мавзӯӣ гузаронида мешаванд.



Дар баробари ин аз ҷониби Коалитсия чорабиниҳои даврагии муҳим низ доир мегарданд. Масалан, танҳо дар соли 2015 бо ташаббуси Коалитсия Форуми волидон ва мутахассисон таҳти унвони «Шарикии самаранок дар роҳи инклюзия» ва бо шиори «Як ҷаҳон –



барои ҳама», Телемарафони яксоата дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои волидони КИМ, Маъракаи «Мактаб – барои ҳама!», ки иттилои видеоии он тавассути телевизиони «Баҳористон» пахш гардид ва «Ток-шоу»-и телевизионҳои маҳаллӣ (Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ) бахшида ба Рӯзи байналмилалии маъюбон – 3 декабр гузаронида шуданд.

Бо дастгирии ИҶК–БМ соли 2015 Маҷмӯаи иттилоотӣ таҳия ва нашр гардид, ки дар он муҳимтарин нуктаҳои қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ШИМ гирд оварда шудаанд. Маҷмӯа барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии волидони КИМ нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тариқ, Коалитсияи волидони КИМ имрӯз ба неруи муайяни ҷамъиятӣ табдил ёфтааст, ки барои ҳалли мушкилоти КИМ корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад. Метавон гуфт, ки ҳар як кӯдаке, ки бо ташаббуси фаъолияти ин гуна созмонҳо ба таҳсилоти умумӣ ҷалб мегардад, як пирӯзӣ, як қадами нав ба сӯйи татбиқи ғояҳои инсондӯстонаи таҳсилоти фарогир аст, ки боиси хушҳоливу ифтихор бояд бошад.

Дар баробари ин, роҷеъ ба дурнамои фаъолияти ин ташкилотҳо чанд нуктаро зикр кардан бамаврид аст.

Аввалан, беҳтар аст, ки аз унвони расмии баъзеи онҳо калимаву мафҳумҳоеро, ки бо маъюбият алоқаманданд (нобиноён, ношунавоён, кару гунгон, аутизм ва ғ.), ҳазф кунем. Бигзор дар номгузории расмӣ калимаву мафҳумҳои зебо истифода шаванд. Дар матни Оинномаи онҳо гурӯҳи маъюбиятро вобаста ба самти фаъолият васеътар шарҳ додан кофист. Сониян, тарзу усулҳои фаъолиятеро ба роҳ мондан лозим аст, ки устуворӣ ва самаранокии бештари фаъолияти онҳоро таъмин кунад, яъне муваффақияти кори онҳо фақат ба грантҳову кумакҳои беруна вобаста набошад.

Ниҳоят, дар баробари иҷрои вазифаҳои рӯзмарра, гузаронидани чорабиниҳои гуногун, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ШИМ, онҳо метавонанд якҷоя ташаббускори таъсиси шабакаи васеи ширкату корхонаҳои истеҳсолӣ бошанд, ки дар онҳо ҳамроҳи дигарон ШИМ низ ба фаъолияти корӣ фаро гирифта шаванд.

Ба ҳар ҳол, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда бояд ҳама гуна роҳҳо ва вариантҳои фаъолияти якҷояи онҳоро бо мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо ва истифода намуд.

## ПРОБЛЕМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ (ЧӢ ҚАДАР ДОРЕМ ВА ЧӢ ТАРЗ САРФ МЕКУНЕМ?)

Соҳаи маориф ғолибан соҳаи буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, вазъи маблағгузории соҳа ба имконоти молиявии буҷети давлатии ҳар кишвар вобаста аст, ки дар навбати худ, бо сатҳи рушди иқтисод ва некуаҳволии мардум муайян мешавад. Бояд иқрор шуд, ки ман мутахассиси соҳаи молия ва иқтисод нестам. Аммо ин монеи изҳори ақидаи шахсӣ дар ин масъала буда наметавонад, агар он ба факту рақамҳо такя кунад. Гузашта аз ин, дар тӯли фаъолияти худ ба сифати мутахассиси соҳаи маориф борҳо бо масъалаҳои маблағгузорӣ ва иқтисодӣ сари кор доштаам.

**Чунин андешидан, ки дар нокифоятии маблағгузории соҳаи маориф фақат давлат гунаҳкор аст, хеле содалавҳона аст. Нокифоя будани маблағгузории соҳаи маорифро ҳама, аз ҷумла, масъулони сатҳи боло низ медонанд ва эътироф мекунанд. Омилҳое ҳастанд, ки надонистан ё эътироф накардани онҳо шахсро ба гумроҳӣ мебарад. Яке аз муҳимтарин омилҳои муайян намудани имкониятҳои давлат таносуби синнусолии аҳолӣ аст.** Ба ибораи дигар, ба ҳар як табақаи корношоями аҳолӣ – кӯдакон ва пиронсолон чанд нафар рост омадани аҳолии калонсоли қобили кор аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои имконияти маблағгузории буҷетӣ аст.

Ин ҳолатро дар мисоли Япония ва Тоҷикистон таҳлил мекунем. Таносуби синнусолии Японияро дар мисоли як шаҳр – Йокогама баррасӣ мекунем. Саҳви эҳтимолӣ нисбат ба тамоми аҳолӣ, агар бошад ҳам, он қадар калон нахоҳад буд.

Тибқи маълумоти расмӣ то 1 январи соли 2015 дар ш. Йокогама 4 077 553 нафар зиндагӣ мекарданд. Бачагони синни то 14-сола 473 705 нафар ва аҳолии синни 15-64-сола 2 360 861 нафар ва аҳолии 65-сола ва аз он калонтар 850 974 нафарро ташкил медод. Ба ҳисоби фоиз ин таносубҳо чунинанд: 0-14-сола – 12,8%, 15-64 -сола – 63,6%, 65-сола ва калонтар аз он – 22,9%[19]. Ба ибораи дигар, ба ҳар як шахси қобили кор 0,2 кӯдаки то 14-сола ва 0,36 шахси 65-сола ва аз он калонтар рост меояд. Мутаассифона, дар дасти мо маълумот оид ба шумораи аҳолии

[19] Маълумоти оморӣ аз ҷониби Казухико Шибаяма (Kazuhiko Shibayama), корманди раёсати ҳифзи иҷтимоии шаҳри Йокогама пешниҳод шудааст.



синни 0-19-сола (синну соли гирифтани таҳсилоти пурраи миёна) вуҷуд надорад. Аммо ин шумораро бо роҳи ҳисоби миёнаи оморӣ тахминан муайян кардан мумкин аст. Масалан, агар шумораи аҳолии то синни 14-сола 473 705 нафарро ташкил кунад, тахмин кардан мумкин аст, ки дар ҳар соли синнӣ 33 836 нафарӣ рост меояд. Ин шумораро ба рақами 5 (синну соли аз 15 то 19-сола) зарб зада, рақами 169 180-ро ҳосил мекунем. Адади ҳосилшударо ба гурӯҳи авали аҳолӣ (0-14-сола) зам намуда, меёбем, ки аҳолии синни 0-19-сола дар ш. Йокогама тахминан 642 885 нафарро ташкил мекардааст. Ин ададро аз гурӯҳи дуюми аҳолӣ – аз 15 то 64-сола тарҳ мекунем ва адади 2 191 681-ро ҳосил мекунем. Ҳамин тариқ, таносуби нисбатан ҳақиқии аҳолӣ ба тариқи зайл аст: то синни 19-сола – 642 885 нафар, синни 20-64-сола – 2 191 681 нафар ва синни 65-сола ва аз он калонтар – 850 974 нафар. Пас, маълум мешавад, ки ба ҳар як шахси калонсол ва қобили меҳнат (20-64-сола) 0,3 кӯдаки то 19-сола рост меояд.

Вазъи ба ин монандро дар кишварҳои мутараққии Аврупо, аз ҷумла, дар кишварҳои назди Балтика, ки солҳои охир афзоиши табиии аҳолӣ хеле коҳиш ёфтааст, мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар Тоҷикистон вазъият тамоман баръакс аст. Масалан, тибқи омори расмӣ то 1 январи соли 2014 дар Тоҷикистон 8 161 100 нафар зиндагӣ мекарданд. Шумораи аҳолии синни поёнтар аз қобили меҳнат – 2 844 100 нафар, қобили меҳнат – 4 220 100 нафар ва синни нафақа – 396 900 нафарро ташкил медод[20]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ба ҳар як шахси қобили меҳнат 0,7 кӯдаки синни пасттар аз қобили меҳнат рост меояд. Агар ба назар гирем, ки тибқи маълумоти Созмони Байналмилалии Меҳнат (Global Unemployment Trends) сатҳи бекорӣ дар кишвар дар ҳамон сол 10,8%-ро ташкил медод, маълум мешавад, ки аз ҳисоби умумии аҳолии қобили меҳнат танҳо 3 764 329 нафар соҳиби кор буданд. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти расмӣ ба ҳар як шахси коркунанда 0,75 кӯдак рост меояд. Агар ба ин шумора аҳолии қобили кори дар муҳоҷирати меҳнатӣ бударо, ки шумораи ҳақиқии онҳоро муайян кардан аз имкон берун аст (аз даромади онҳо ба буҷети давлат маблағ ворид намегардад), зам кунем, тахмин кардан мумкин

[20] Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2014. Маълумономаи Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014.

аст, ки ба ҳар як шахси қобили кор 1,2-1,5 кӯдак рост меояд. Ин, ҳадди ақал, нисбат ба Япония 4 баробар зиёдтар аст.

Ин таҳлили омориро мехоҳам ба онҳое равона созам, ки барои ҳама гуна мушкилоти мавҷуда дӯст медоранд, ки давлатро гунаҳкор созанд: ба таҳсилот маблағи кам ҷудо мекунад, музди меҳнати муаллимонро то ҳадди зарурӣ баланд намебардорад ва ғайраю ҳоказо. Дар чунин таносуби гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ соҳаи маорифро бо маблағе, ки диламон мехоҳад, таъмин кардан аз имкон берун аст ва ин гуноҳи давлат нест.

**Дар чунин вазъият вазифаи мо, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки аз як тараф, захираҳои мавҷудаи молиявиро ҳадди аксар оқилонатару самаранoктар истифода барем ва аз тарафи дигар, иқтисоди кишварро рушд диҳем, то ки ба афзоиши маблағҳои буҷети давлатӣ ва баланд шудани даромади аҳолӣ мусоидат намоем.**

Дар ин маврид низ таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта, аз ҷумла, Япония омӯзанда аст. Ба саволи кунҷковонаи мо «Музди меҳнати миёнаи муаллими мактаби миёна чанд аст?» дар ҳеҷ куҷо ҷавоби қонеъкунанда гирифта натавонистем. Ҳақиқат он аст, ки музди меҳнати муаллимон дар Япония яксон нест ва ҳаҷми он дар ҳар мактаб ва шаҳру ноҳия аз ҳам ба таври қобили назар фарқ мекунад.

**Муаллимони мактабҳои миёна тахти идораи ҳукуматҳои мунитсипалӣ (шаҳрӣ) қарор доранд, музди меҳнат ҳам аз ҳисоби буҷети марказӣ (1/3 ҳисса) ва ҳам аз ҳисоби буҷети вилоятӣ (2/3 ҳисса) таъмин карда мешавад.** Музди меҳнати омӯзгорон бо қарори мақомоти давлатии иҷроияи маҳаллӣ таъйин карда мешавад. Дар баробари ин, омӯзгорони мактабҳои талаботи махсуси таҳсилотӣ кумаки иловагии пулӣ мегиранд, ки 6%-и музди меҳнати онҳоро ташкил медиҳад. Ин гурӯҳи омӯзгорон аз намудҳои дигари дастгирӣ, аз ҷумла, муҷаҳҳаз сохтани ҷойи кор, клубҳои фаъолият ва ғайра бархурдор ҳастанд. Нақшаи ташаккули музди меҳнати муассисаҳои таълимиро ба тариқи зайл тасвир кардан мумкин аст:



## Маблағгузорӣ: музди меҳнати муаллимон

**Омӯзгорони мактабҳои миёнаи поёнӣ (асосӣ) ва миёнаи болой тахти идораи ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор доранд, музди меҳнати онҳо аз ҷониби буҷети марказӣ (1/3 ҳисса) ва вилоятӣ (2/3 ҳисса) пардохта мешавад.**




- **Музди меҳнат тибқи қарори мақомоти иҷроияи маҳаллӣ (ҳукумати маҳаллӣ) муқаррар мешавад.**
- **Ёрии пулӣ барои омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти махсус (ба андозаи 6% музди меҳнат)**
- **Кумакҳои дигар: таҳсилоти техникӣ, клубҳои фаъолият, шароити хуби корӣ ва ғ.**

Моҳи августи соли 2015, дар доираи лоиҳаи VOLIP, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ бо дастгирии Бонки Исломии Рушд татбиқ мешавад, бо ҳамкорони худ ба сафари хидматӣ ба ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд рафтем. Пас аз анҷом додани мулоқоти корӣ бо гурӯҳи кории лоиҳа, яке аз кормандони шуъбаи маорифи ноҳия моро бо харбуза меҳмондорӣ кард. Харбуза хеле калон ва мисли асал ширину болаззат буд. Ман медонистам, ки солҳои пеш ин навъи харбузаро маъмулан аз кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон меоварданд. Бинобар ин бо ҳайрат пурсидам: «Ҳоло ҳам аз кишвари ҳамсоя меоред?» Мусоҳибони мо посух доданд: «Э, не, Шумо чиҳо мегӯед, ҳоло ин имкон надорад, сарҳад баста аст, робитаи тиҷоратӣ надорем. Ин натиҷаи меҳнати деҳқонони худи мост: ёд гирифтанд ва акнун худашон дар ҳамин ҷо парвариш мекунанд.» Дар роҳи бозгашт мо ҳар яке дутоӣ чунин хабузаро бо нархи ҳар кадом панҷсомонӣ аз бозори ноҳия харидорӣ кардем ва бо худ овардем. Рӯзи дигар ман махсус ба бозори Шоҳмансур рафтам, то нархи чунин харбузаҳоро дар Душанбе фаҳмам. Дар ин ҷо онҳо бо нархи 15-20 сомонӣ ба фурӯш мерафтанд. Хонандаи гиромӣ шояд дар ҳайрат афтад, ки музди меҳнати омӯзгор бо нархи харбуза чӣ иртиботе дорад? Агар дақиқтар таваҷҷуҳ кунем, байни онҳо робитаи мантиқии аҷиберо пайдо мекунем.

Биёед, ду нафар омӯзгори мактаби миёнаро тасаввур кунем: ҳар ду як синну сол доранд, аз ҷиҳати таҷрибаи омӯзгорӣ ва маҳорати касбӣ дар як сатҳ қарор доранд, сарбории якхела доранд, аз ҳамон як фан дарс мегӯянд. Яке дар ноҳияи Зафаробод, дигаре – дар мактаби шаҳри Душанбе. Ҳар ду маоши якхела доранд – 720 сомонӣ (тахминӣ) дар як моҳ. Умумияти онҳо дар ҳамин ҷо ба поён мерасад ва аз ин ҷо тафавутҳои нохуш оғоз меёбад:

**Омӯзгори зафарободӣ ба маоши худ метавонад 144 дона ҳамин гуна харбуза харидорӣ намояд, омӯзгори ш. Душанбе – ҳадди аксар – 48 дона, яъне се маротиба камтар. Дар баробари ин, омӯзгори зафарободӣ ҳар рӯз шир намехарад, мева, сабзавот, гӯшт ва дигар маҳсулотро хеле кам ва бо нархи арзонтар харидорӣ мекунад, ӯ замини наздиҳавлигӣ дорад, ҳайвоноти хонагӣ парвариш мекунад. Аммо омӯзгори ш. Душанбе ҳамаи инро бояд аз бозору мағоза бо нархи гаронтар харад. Дар чунин шароит омӯзгори ш. Душанбе хоҳ-нохоҳ дастнигари шогирди худ мешавад, бо ҳар роҳ – ё ба зорӣ ё ба зӯрӣ, ба тариқи Кумитаи падару модарон ё бастани шартнома ва ғайра аз волидон кумакпулӣ талаб мекунад. Роҳи дигаре нест: ё ҳамин тарз, ё тарки мактаб ва тағйири касб.**

Хушбахтона, дар Тоҷикистон давра ба давра музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла, соҳаи маориф зиёд мешавад. Аз ҷумла, соли 2016 он ба андозаи то 20% афзойиш ёфт. Пайдо кардани захираҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани музди меҳнат, дар ҳақиқат, гувоҳи ғамхории Ҳукумат оид ба беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии халқ аст. Аммо, ба андешаи мо, дар мавриди музди меҳнати омӯзгорон барои ҳама як хел баланд бардоштани андозаи музди меҳнат нишони фароҳам сохтани имкониятҳои баробар бошад ҳам, аз рӯйи адолат нест. Ба назар мерасад, ки ҳамон манбаъҳои бадастомадаи буҷетиро, бе тағйир додани ҳаҷми умумӣ, аммо вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ва андозаи сабади истеъмолии ҳар минтақа (шаҳру ноҳияҳо) мутаносибан истифода барем, беҳтар аст. Масалан, барои шаҳрҳое, ки сабади истеъмолӣ гаронтар аст, 25%, барои минтақаҳое, ки сабади истеъмолӣ дар сатҳи миёна қарор дорад, 20% ва барои шаҳру ноҳияҳое, ки сабади истеъмолӣ аз ҳама арзон аст, 15% баланд бардоштан бештар аз рӯйи адолат хоҳад буд. Ин нишондиҳандаро бо музди меҳнати кормандони соҳаи ғайрибуҷетӣ, масалан, сохтмончиён муқоиса карда, ба дурустии ин андеша бовар кардан мумкин аст: музди меҳнати корманди соҳаи



сохтмон дар ш. Душанбе аз дигар ноҳияҳо фарқ мекунад, як хонаро агар дар Рашт бо як нарх таъмир кунем, айнан ҳамон навъи хонаро дар Душанбе бо нархи се маротиба бештар таъмир мекунем. Тавре ки қайд карда будем, дар дигар кишварҳо, аз ҷумла, Япония ин чиз ба назар гирифта мешавад ва музди меҳнатро бештар ҳукумати маҳаллӣ муайян мекунад.

Озмойиши маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна соли 2005 дар панҷ мактаби ш. Душанбе оғоз гардид. То соли 2010 ҳар сол теъдоди мактабҳои пилотӣ афзойиш мёефт ва ниҳоят аз январи соли 2011 тамоми низоми таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ ба ин тарзи маблағгузорӣ гузашт. Озмойиш ва гузариш ба ин низом на аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ ва мақомоти идораи давлатӣ, балки бо ташаббус ва пешниҳоди созмонҳои байналмилалӣ сурат гирифт, ки марҳилаи озмойиши онро маблағгузорӣ намуданд. Соли 2013 аз ҷониби мутахассисони Маркази дастгирии ислоҳоти маориф «Пулс» бо дастгирии ИЧК–БМ таҳқиқоте бо унвони «Таҳлили маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир» гузаронида шуд, ки натиҷаҳои он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расид [42]. Ин таҳқиқот, дар баробари зикри афзалиятҳои ин механизми маблағгузорӣ баъзе норасоиҳои ҷиддии онро низ ошкор намуд. Дар ин механизм зарибҳо (коэффитсиентҳо) вобаста ба сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ, сабади истеъмолӣ, ҷалби КИМ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар гирифта нашудаанд. Принсипи бисёр сода ва ягона – ҳама баробар, маблағгузории баробар ҷорӣ гардид (танҳо навъи мактабҳо ба назар гирифта мешавад).

Ман борҳо ба худам савол медиҳам, ки то ҳол ҷавоби аниқе наметавонам пайдо кунам: «Барои чӣ довталабе, ки мехоҳад ба факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шавад, бояд расо 2 000 ҳазор доллари амрикоӣ (албатта, бо пули миллӣ аз рӯйи қурбаш, рақам тахминӣ аст) супорад, на, масалан, 1990 ё 2015 доллар? Ин рақам аз куҷо пайдо мешавад, чӣ тарз ҳисоб карда мешавад? Чаро маблағе, ки худи донишҷӯ пардохт мекунад, аз маблағе, ки аз буҷети давлатӣ барои донишҷӯйи гурӯҳи буҷетӣ ҷудо мешавад, ба маротиб бештар аст?»

Андозаи маблағ ин ҷо нақше намебозад, муҳим то кадом андоза ҳақиқӣ будани он аст. Солҳое, ки дар курсҳои забономӯзии Донишгоҳи давлатии Аризона (ИМА, 2010-2013) ба сифати роҳбари барномаи забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ ва ҳамзамон омӯзгори ин забонҳо кор мекардам, дар таҳияи буҷети барномаи таълимӣ дар Тоҷикистон

иштирок мекардам. Пас аз ду моҳи забономӯзӣ дар Донишгоҳи Аризона (ш. Темпи) ба донишҷӯён курсҳои якмоҳаи забонӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон пешниҳод мешуд. Барнома зиндагӣ дар хонаводаҳои тоҷикон, идомаи омӯзиши забон, саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ (Қалъаи Ҳисор, дараи Варзоб, Хона-музейи С. Айнӣ, осорхонаи миллӣ, боғҳои шаҳр ва ғайра)-ро дар назар дошт. Барои муайян намудани нархи барнома ҳама чиз ба назар гирифта мешуд – аз коғази ҳоҷатхона то таъмини интернет, аз маводи канселярӣ то нархи ҳар як саёҳат, аз маоши омӯзгорон, аз музди меҳнати фаррош то зиндагӣ дар хонавода то иҷораи синфхонаҳо ва ғайра. Маблағи умумӣ ба 10 (шумораи ҳадди ақалли донишҷӯёни барнома) тақсим карда шуда, ба ҳар донишҷӯ маблағи ҳақиқии ҳосилшуда барои пардохт пешниҳод мешуд. Дар сурати бештар шудани шумораи довталабон ҳаҷми маблағи пардохтшаванда мутаносибан коҳиш меёфт. Ҳар як донишҷӯ ҳақ дошт, ки барои ҷузъитарин норасой, масалан, набудани коғази ташноб, тоза набудани ҳоҷатхона, дастрас набудани маводи таълимӣ ва ғайра шикоят кунад.

Дар кишварҳои пешрафта, ки низоми кредитии таҳсил ҷорист, ҳар барномаи таълим (ё факултет) дар истифодаи маблағҳо мустақил аст. Маъмурият вобаста ба шумораи донишҷӯён ҳаҷми буҷети солонаи худро медонад, зеро ҳар донишҷӯ ҳамон як маблағро мепардозад, муҳим нест, он аз куҷо меояд – бо гранти давлатӣ, аз ҷониби худи донишҷӯ, корхонае, ки мехоҳад ин мутахассисро дошта бошад ва ғайра. Муҳимтарин талабот ба истифодаи маблағ – риояи ҳатмии моддаҳои хароҷот ва пардохти андозҳои давлатист.

Маблағи аввалияи хароҷот ба ҳар хонанда ҳангоми татбиқи механизми маблағгузории сарикасӣ чӣ хел ҳисоб шуда буд, дигар аҳаммият надорад – механизм ҷорӣ шудааст, роҳи баргашт нест. Аммо бо дарназардошти ниёзҳои ҳақиқии таъмини ҷараёни таълиму тарбия, аз ҷумла, татбиқи таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ онро тағйиру такмил додан зарур аст. На танҳо дар аксар кишварҳои пешрафта (ИМА, Канада, Аврупо), балки дар баъзе кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла, Гурҷистон маблағгузории сарикасӣ бо роҳи ба ҳар хонанда супоридани ваучер, ки маблағи он ба ҳаҷми хароҷоти таҳсили хонанда мувофиқат мекунад, амалӣ мешавад. Агар хонанда дар давоми соли таҳсил, дар ҳар моҳи дилхоҳ, аз як мактаб ба мактаби дигар гузарад, аз моҳи дигар сар карда, маблағи хароҷоти ба ӯ муқарраршуда низ ба ҳамин муассиса интиқол меёбад.



Дар айни замон ҳаҷми хароҷоти таҳсил барои хонандаи имкониятҳояш маҳдуд ба маротиб бештар аз хонандаи маъмулӣ аст ва он ба ҳамон муассисае дода мешавад, ки дар он ҷо таҳсил мекунад, хоҳ муассисаи давлатӣ бошад, хоҳ хусусӣ. Дар ин механизм низ ҳаҷми маблағи умумӣ барои соли таҳсил бетағйир мемонад, аммо адолати тақсимоти айниҳолии маблағ риоя мешавад.

Аммо дар кишвари мо вазъият дигар аст. Аввалан, маҷмӯи хароҷот ба шумораи умумии хонандагон аз рӯйи шумораи миёнаи омории хонандагон дар давоми соли таҳсил муайян мешавад. Маблағгузорӣ аз моҳи январи ҳар сол оғоз меёбад ва то охири сол бетағйир мемонад, ҳарчанд ки шумораи хонандагон маъмулан дар моҳи сентябр аз ҳисоби афзойиши умумии аҳолӣ зиёдтар мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки мактаб маблағи хароҷоти барои хонандагони иловагӣ пешбинишударо танҳо аз моҳи январ мегирад.

Сониян, маблағгузории сарикасӣ ба муассисаҳои ғайридавлатӣ тааллуқ надорад. Ҳамчунин низоми маблағгузорӣ ҳамаи хароҷоти зарурии хонандаро ба назар намегирад.

Ғайриодӣ ва тааҷҷубовар будани ин низомро дар мисоли одӣ шарҳ додан мумкин аст: Шаҳракеро тасаввур мекунем, ки дар он 10 муассисаи таълимӣ фаъолият мекунад, ки дар ҳар кадомаш 1000-нафарӣ хонанда таҳсил мекунанд ва 100-нафарӣ омӯзгорон ва дигар кормандон кор мекунанд. Барои ҳамаи онҳо маблағгузории сарикасӣ дар назар дошта шудааст, яъне дар буҷети давлат он маблағ вуҷуд дорад. Акнун тасаввур мекунем, ки дар соли нави таҳсил дутои онҳо ба категорияи муассисаҳои ғайридавлатӣ (хусусӣ) мегузаранд. Маблағгузории ин муассисаҳо ҳамон замон қатъ мегардад ва маблағҳои сарфашуда ба буҷети давлат баргардонида мешавад. Дар баробари ин давлат аз ҳисоби андозҳои муассиса ва кормандони он, иҷораи бино ва ғайра даромади иловагӣ мегирад. Магар маблағи сарфашударо дар ин маврид ба беҳтар намудани шароити молиявии мактабҳои дигари ҳамин ноҳия равона кардан мумкин нест? Дар сурати таъсис ёфтани муассисаҳои нави хусусӣ низ ҳамин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст: маблағгузории соҳаи маорифи ҳамин ноҳия аз ҳисоби хонандагоне, ки аз соли нави таҳсил ба ин муассисаи хусусӣ мегузаранд, коҳиш дода мешавад.

Дар бахши таҳлили низоми таҳсилот дар Япония қайд карда будем, ки 25%-и муассисаҳои зинаи болоии таҳсилот (синфҳои 10-12) ва 78%-и мактабҳои олӣ хусусиянд. Муассисаҳои таълимии хусусӣ

туҳфаи дукарата ба давлат аст: онҳо на танҳо сарбории давлатро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ сабуктар мекунанд, балки ба буҷети давлат андоз ворид мекунанд. Ҳамзамон сифати таҳсил дар ин қабил муассисаҳо (литсей ва гимназияҳо), маъмулан, аз муассисаҳои давлатӣ беҳтар аст. Ин чунин маъно дорад, ки онҳо барои ҷалби КИМ шароити беҳтар доранд. Аммо барои он ки онҳоро ба ҷалби КИМ ҳавасманд созем, бояд аз лиҳози маблағгузорӣ дастгирӣ намоем, яъне ҳамон маблағи аз буҷети давлатӣ барои таълими ин бачагон ҷудошударо ба муассисаҳои хусусӣ интиқол диҳем. Охир онҳо дастёрони давлатанд!

Зимнан, дар Тоҷикистон Барномаи рушди муассисаҳои хусусии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ дар давраи солҳои 2014-2020 қабул гардидааст. Дар Барнома таъсиси муассисаҳои хусусии таълимӣ аз рӯйи миқдор барои ҳар шаҳру ноҳия пешбинӣ гардидааст. Тибқи маълумоте, ки дар ин Барнома оварда шудааст, соли таҳсили 2011/12 дар Тоҷикистон 47 муассисаи таълимии хусусӣ фаъолият мекард, ки дар онҳо 18 300 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Дар соли таҳсили 2013/14 52 адад чунин муассисаҳо (20 035 хонанда) фаъолият мекарданд. Ба ибораи дигар, дар давоми ду сол теъдоди онҳо 5 адад зиёд гардид. Вале Барнома афзойиши хеле босуръати теъдоди муассисаҳои хусусиро ҳамасола дар назар дорад: дар соли 2014 – 23, дар соли 2015 – 74, дар соли 2016 – 75, дар соли 2017 – 77 ва ғайра. **Ин мақсади хуб аст, аммо ҳақиқӣ нест. Тақсимоти таъсиси муассисаҳои нави хусусӣ барои ҳар шаҳру ноҳия хеле содалавҳона ва ғайриҷиддӣ аст. Аз ҷумла, дар тӯли панҷ сол (2015-2019) дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ яктой таъсиси мактаби хусусӣ, новобаста ба шумораи аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, вазъи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо дар назар дошта шудааст. Таҳиягарони Барнома ҳангоми нишон додани ин рақамҳо ба чӣ такя мекарданд ва чиро ба асос мегирифтанд, маълум нест. Тасодуфӣ нест, ки пас аз ду соли қабули Барнома шумораи умумии муассисаҳои хусусӣ афзойиш наёфтааст. То замоне ки мо шароити мусоиди дастгирӣ ва шаклҳои сабуки андозсупориро барои ин гуна муассисаҳо вобаста ба вазъи ҳақиқии минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳо фароҳам насозем, рушди таҳсилоти хусусиро таъмин кардан амри маҳол ва ҳатто имконнопазир аст.**



Ҳар касе, ки дар соҳаи маориф кор мекунад, хуб медонад, ки таъмини фаъолияти мактаб-интернатҳои махсус барои давлат чӣ қадар гарон аст. Маҳз аз ҳамин сабаби объективӣ ҷараёни беҳтарсозии вазъи ин муассисаҳо хеле суст аст. Бо таҳлили таҷрибаи Япония мо саъй кардем нишон диҳем, ки дар ин маврид чӣ гуна захираҳои иловагии маблағгузориро пайдо кардан мумкин аст. Ин, пеш аз ҳама, ба роҳ мондани ҷараёни ҳақиқии истеҳсолӣ дар заминаи онҳост. Чунин таҷриба дар кишварҳои дигар низ амал мекунад. Масалан, дар ш. Лоуренс (иёлати Канзас, ИМА) ман соли 2006 бо фаъолияти ду мактаби миёнае шинос шуда будам, ки хонандагон ҳамзамон бо фаъолияти таълимӣ бо истеҳсолот низ машғуланд. Дар як мактаб парвариши гулҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Ин боғи гулҳо макони гузаронидани дарсҳои таҷрибавӣ аз ботаника на фақат барои хонандагони ҳамин мактаб, балки барои шогирдони мактабҳои ҳамсоя низ мебошад, ки тибқи ҷадвали муқарраршуда рӯзҳои муайян ба ин мактаб меоянд ва машғулият мегузаронанд. Аз тарафи дигар, мактаб гулҳои парваришшударо ба фурӯш мондааст. Мактаби дигар бо парвариши парандагони нодир ва моҳиҳои аквариумӣ шуҳрат ёфтааст. Ин ҷо ҳам дарсҳои амалии зоология барои хонандагони дигар мактабҳо ташкил карда мешавад. Парандагону моҳиҳо, албатта, ба фурӯш баровarda мешаванд.

Дар Душанбе, дар муассисаи таълимии №72-и ноҳияи Фирдавсӣ Боғи экологии тибқи меъёрҳои мо нодире бунёд гардидааст. Мо дар доираи татбиқи яке аз лоиҳаҳо оид ба таҳсилоти фарогир ба ин мактаб сафар карда будем (зимнан, ин яке аз мактабҳои инклюзивии шаҳри Душанбе аст). Ин Боғ бо дастгирии гранти махсус бунёд гардида буд. Аммо пас аз тамом шудани муҳлати лоиҳа нигоҳубини ин Боғ хеле гарон афтодааст. Соли таҳсили 2015/16 ба шарофати ҷалби ин мактаб ба лоиҳаи ИЧК–БМ «Рушди мактаб аз рӯйи индекси фарогирӣ (инклюзия)» коллективи мактаб тавонист вазъи Боғро каме беҳтар намояд. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки ин Боғи дар ҳақиқат зебову гуворо ҳамеша хотири кӯдаконро шод карда, барои тарбияи меҳнатдӯстиву зебопарастии онҳо мусоидат мекунад, агар заминаҳои маблағгузории устувор ва доимии он фароҳам оварда нашавад. Вақте пурсидем, ки барои фурӯши гулҳо ва парандагони парваришӣ ва истифодаи маблағи бадастомада барои нигоҳубин ва рушди Боғ сарф кардан чӣ монеъ мешавад, ҷавоби дақиқе гирифта натавонистем. Тибқи гуфтаи яке аз мутахассисон, қонунгузорӣ инро

манъ накардааст, аммо мушкилоти зиёде дар пардохти андозҳо ва муносибат бо кормандони Кумитаи андоз ба вуҷуд хоҳад омад. Аксари литсейҳои касбӣ-техникӣ ҳам дар ҳамин вазъият қарор доранд: бо вуҷуди имконоти васеи истеҳсоли маҳсулоти талаботи васеъдошта, истеҳсол ва фурӯши онҳоро ба ду сабаб ба роҳ монда наметавонанд: 1) мураккабии рақобат бо корхонаҳои истеҳсолии касбӣ ва 2) мушкилот дар қонунгузорӣ.

**Ба мо зарур аст, ки ҳарчи зудтар ду мафҳумро аз ҳам фарқ карда тавонем: 1) корхонаи истеҳсолӣ, ки барои ба даст овардани фоидаи соф фаъолият мекунад ва 2) муассисаи таълимӣ бо чараёни истеҳсолӣ, ки истеҳсолот дар он ҷо сирф барои таъмини чараёни хуби таълим ба роҳ монда мешавад. Бо дарназардошти ин вазъ, Кодекси андозро тарзе таҷдиди назар кардан лозим меояд, ки ба рушди чараёни истеҳсолот дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат кунад, на ин ки монеаҳо ба вуҷуд орад.**



*Боғи экологии муассисаи таҳсилоти умумии №72, шаҳри Душанбе*

Таъсиси марказҳои рушди барвақтии кӯдакони синни томактабӣ дар назди мактабҳо намунаи хубе барои тасдиқи ин фикр буда метавонад. Дар шароите, ки танҳо 10%-и кӯдакони синни томактабӣ бо кӯдакистонҳо фаро гирифта шудаанд, ғояи таъсиси ин гуна марказҳо, ки музди меҳнати мураббӣ (омӯзгор) сирф аз ҳисоби пардохти маблағ аз ҷониби падару модарон ташаккул меёбад, боиси дастгирист. Аммо



сафарҳои зиёд ба ин гуна марказҳо номукаммалии низоми фаъолияти ин марказҳоро нишон доданд. Дар минтақаҳои дурдасти деҳот падару модарон барои ҷалби фарзандони худ ба ин марказҳо на бештар аз 20 сомонӣ дар як моҳ пардохт карда метавонанд. Агар дар гурӯҳ 20 тарбиятгиранда бошад, даромади маблағҳо ҳамагӣ 400 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад. Ёдовар мешавем, ки тибқи қонунгузорӣ мураббӣ/омӯзгор бояд аз ин маблағ андози дахлдор супорад. Саволе ба миён меояд: Дар чунин шароит оё касе розӣ мешавад, ки дар ин марказ кор кунад? Чаро шахсонеро, ки бо кӯдакони хурдсол дар ин марказҳо кор мекунанд, аз андоз озод накунем? Охир онҳо барои амалӣ шудани кафолатҳои давлат дар таълиму тарбияи кӯдакон, бе гирифтани маблағҳои буҷетӣ, кумак мекунанд?! Варианти дуюм – бевосита ба дасти мураббӣ/омӯзгор супоридани ин маблағ тибқи қонунгузорӣ ришвахӯрӣ маҳсуб мешавад, пас он ҳам роҳи ҳалли масъала нест.

Зимнан, андешаи мавҷуда оид ба фасодкории соҳаи маориф бисёр ғамангез аст. Ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки ҳамасола дар матбуот ба табъ мерасад, дахл накарда, мехоҳем аз баъзе омилҳои дигар дар ин маврид ёдовар шавем. Аввалан, дар соҳаи маориф, нисбат ба соҳаҳои дигар, қисми зиёдтари аҳолӣ ҷалб шудааст. Агар таносуби шумораи аҳолии дар ҳар соҳа машғули кор бударо бо миқдори ҳуқуқвайронкуниҳои характери ришватхӯрӣ дошта дар ҳамон соҳа муқоиса кунем, пешгӯйӣ кардан мумкин аст, ки соҳаи маориф дар вазъи бадтарин қарор надорад. Сониян, агар ҳаҷми зарари тавассути амалҳои коррупсионӣ ба давлат воридшударо дар ҳар соҳа муқоиса кунем, ин ҷо ҳам, ба итминони комили мо, соҳаи маориф дар радифи бадтарин соҳаҳо қарор нахоҳад гирифт. Барои тасдиқи фикр як намунаи сода овардан кофист: **ягон омӯзгори одии муассисаи таҳсилоти умумиро наметавон пайдо кард, ки аз ҳисоби маблағҳои аз хонандагон ва падару модарони онҳо ҷамъовардааш барои худ қасри зебое сохта ва ё мошини гаронбаҳои хориҷӣ харида бошад.** Ман ҳаргиз падидаи характери фасодкорӣ доштаро дар соҳаи маориф сафед карданӣ нестам, фақат мехоҳам қайд кунам, ки мақолаҳо ва андешаҳое, ки дар ин маврид гуфта мешаванд, бояд натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба бошанд, на зикри хушку холии факту рақамҳо.

Дар аввали китоб, вақте сухан аз «мӯъҷизаи иқтисодии Япония» мерафт, қайд шуда буд, ки яке аз муҳимтарин иқдомоти ҳукумати Япония барои ба эътидол овардани иқтисодиёти кишвар ва мусоидат

ба рушди некуаҳволии мардум, омилҳои амалӣ гардидани он пас аз хотимаи ҷанг ва фоҷеаҳои Хиросима ва Нагасаки **татбиқи сиёсати андозситонии пасттарин ва ба ин васила мусоидат намудан ба рушди соҳибкории инфиродӣ дар ҳамаи соҳаҳо** буд.

Аммо дар Тоҷикистон, баръакс, тайи солҳои охир шароитҳои андозситонӣ барои рушди соҳибкории хурд мушкил гардонида шуд, ки дар натиҷа шумораи зиёди соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти худро қатъ намуданд. Даромад ба буҷети давлат аз ҳисоби баланд бардоштани маблағҳои андози дигар корхонаву ширкатҳо иҷро мешавад. Он чи ки андозаҳои андоз дар Тоҷикистон хеле баланд аст, дар ҳисоботҳои созмонҳои байналмилалӣ низ зикр гардидааст[21]. Фарз мекунем, ки пас аз муайян намудани муқарраротн нави андозситонӣ ҳаҷми даромад ба буҷети давлатӣ ба андозаи **п** афзойиш меёбад. Аммо ҳамин андозаро бо роҳи кам кардани сатҳи андозбандӣ ва ба ин васила зиёд кардани шумораи соҳибкорони инфиродӣ низ ба даст овардан мумкин аст! **Дар ин сурат буҷети давлат ҳамон маблағи заруриро мегирад, аммо дар айни замон шумораи аҳолие, ки бо кор машғул аст, афзойиш меёбад. Аз тарафи дигар, шумораи шахсоне, ки бо сабаби бекорӣ аз буҷети давлатӣ кумакпулӣ бояд гиранд, коҳиш меёбад. Кадом вариант беҳтар аст?**

Дар шароити камбуди маблағгузории буҷетӣ ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ нақши муҳим мебозанд. Дар радифи ин манбаъҳо саҳми созмонҳои байналмилалиро мо пештар қайд кардем. Саҳми падару модарон, ҷомеа ва шахсони алоҳида низ дар ин маврид қобили назар буда метавонад. Аксарият бар он ақидаанд, ки аз падару модарон гузоштани саҳми иловагиро ба таҳсили фарзандон талаб кардан дуруст нест, зеро аввалан, аксари оилаҳо дар фақру камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд ва, сониян, таъмини таҳсили босифати ройгон кафолати давлат аст. Шахсан ман ба арқоме, ки созмонҳои байналмилалӣ оид ба сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон пешниҳод

---

[21] Масалан, дар аввали соли 2013 Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи байналмилалии тиҷорат (ITC) ва ширкати аудиторин Pricewaterhouse Coopers вазъияти андозситониро дар 185 кишвари ҷаҳон таҳлил намуданд. Тоҷикистон дар ин рейтинг дар ҷойи 175-ум қарор гирифт, ки ставкаи умумии андозсупорӣ 84,5%-ро ташкил дод. Муҳаққиқон Тоҷикистонро ҳамчун кишваре қаламдод кардаанд, ки дорои сатҳи баланди вазнинии андоз аст (Азия- Плюс, 2013).



мекунанд, назари шубҳаангез дорам. Ман эътироф мекунам, ки дар Тоҷикистон камбизоатӣ вуҷуд дорад ва қисми муайяни аҳолӣ дар сатҳи пасти камбағалӣ зиндагӣ мекунанд. Масъала дар муайян намудани фоизи ҳақиқии ин қишри аҳолӣ аст. Ба андешаи ман, формулаи муайян намудани сатҳи камбизоатӣ, ки барои шароити Аврупо таҳия шудааст, барои мо мувофиқ нест. Ин формула тақсими одии даромади оиларо ба шумораи аъзои он дар назар дорад. Дар ин маврид даромадҳое ба назар гирифта мешаванд, ки расман қайд шудаанд ва аз онҳо андози расмӣ дошта шудааст. Ин формула барои кишварҳое метавонад дуруст бошад, ки низоми муназзами андозсупорӣ амал мекунад, вақте ки ҳар хариди ҳатто хурдтарин бо дарназардошти пардохти андоз сурат мегирад, вақте ки дар ҳама ҷо барои шумо барои харид расид (чек) медиҳанд. Ҳақиқати зиндагии мо он аст, ки қисми зиёди аҳолӣ, махсусан, аҳолии деҳот навъҳои дигари даромад низ доранд, ки ба қайд гирифта намешавад (андози ҳақиқӣ супорида намешавад -- замини наздиҳавлигӣ, дарахтони мевадори дар ҳавлӣ буда, ҳайвоноти хонагӣ, даромади муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра). Ин навъи даромадҳо ҳангоми муайян намудани сатҳи зиндагӣ ба маҷмӯи умумии даромади оила дохил карда намешаванд.

**Проблема дар камбағалии мо нест. Ба итминони комили ман, проблема дар он аст, ки мо ҳанӯз ба қадри ду чизи муҳим дар зиндагӣ расиданро ёд нагирифтаем: вақт ва пул. Мо маблағу вақти худро самаранок истифода бурда наметавонем.**

Шаҳрвандони зиёди мо ба Аморати Муттаҳидаи Араб сафар кардаанд ва ин кишварро аз наздик мешиносанд. Вақте ки дар Дубай будем (мо дар қисмати ба истилоҳ куҳнаи шаҳр зиндагӣ мекардем), манзараи аҷибе таваҷҷуҳи маро ба худ ҷалб кард: дар ин минтақаҳо хонаҳо асосан 3-5-ошёна буданд. Маъмулан ҳамаи онҳо таҳхона доранд, ки ба сифати сехи истеҳсолӣ истифода мешавад. Гоҳе ин гуна сехҳои истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ дар ошёнаи якум қарор доранд. Дар ошёнаи дигар мағозае ҳаст, ки маҳсулоти дар ҳамин сех истеҳсолшударо ба фурӯш мебарорад. Дар ошёнаи дигар коргарони ин коргоҳ (асосан, коргарони кироя, муҳоҷирони меҳнатӣ) зиндагӣ мекунанд. Дар ошёнаи боло аҳли оилаи соҳиби хона зиндагӣ мекунад. Ҳамин тариқ, як оилаи миёнаи араб даҳҳо нафар муҳоҷири меҳнатиро бо кор таъмин мекунад. Ба иловаи он, на танҳо худаш даромад ба даст меорад, балки ба давлат бо андозҳои худ кумак мекунад – андоз аз музди кори коргарон, аз фурӯши маҳсулот, аз пули иҷораи хонааш, аз

замин ва бинои истиқоматӣ ва ғайра. Яъне, фақат кори муфидро анҷом медиҳад – барои коргарон, барои аҳолӣ, барои давлат, барои худ. Акнун биёед ба биноҳои боҳашамату ҳозиразамони шахсии шаҳрвандони худ назар андозем: дар беҳтарин ҳолат онро ба иҷора медиҳанд, ё як мағоза дар ошёнаи якум боз мекунанд. Агар тамоми намуди андозро аз рӯйи виҷдон пардохт намоянд, ба эҳтимоли зиёд ин хонаҳо ба бори гароне табдил хоҳанд ёфт, на ба василаи шуҳрату карру фар!

Ҳоло дар атрофи литсейи №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (кӯчаи С. Айнӣ) маҷмаи биноҳои истиқоматии зебое қомат афрохтааст. Манзараи имрӯзаи ин минтақаро бо собиқ ошхонаҳои якошёнаву биноҳои истиқоматии дуошёнаи кӯҳнасохт муқоиса намуда, аз зебоии шаҳр мефахридам. Аммо, вақте ки бо коре ба ин литсей рафтам, ғарқи саволе шудам, ки фарзандони сокинони ин биноҳо дар куҷо таҳсил хоҳанд кард? Ростӣ, аз фараҳу хурсандии пешин осоре намонд…

Дар Япония, ки беҳтарин ва қиматтарин автомобилҳои дунё истеҳсол мешаванд, мо мошинҳои қиматбаҳоро хеле кам дучор омадем. Барои онҳо мошин василаи ҳаракат аст, на мояи ифтихор. Хориҷие, ки аз Тоҷикистону тоҷикон иттилое надорад, ҳангоми бори аввал ба Душанбе омадан шояд фикр мекунад, ки мо ё хеле сарватманд ҳастем, ё автомобили сабукрави гаронбаҳоро худамон истеҳсол мекунем…

Дар кишварҳои Аврупо ва ИМА падару модарон ҳар чизеро, ки барои таълиму тарбияи фарзанд ва соҳиби касбу ихтисос шудани ӯ лозим аст, дареғ намедоранд. Харидорӣ кардани мошин, туҳфаи хона ва хонадор кардани онҳо ба уҳдадории онҳо дохил намешавад, ин чизҳоро фарзандон бояд бо меҳнати ҳалоли худ ба даст оранд.

**Баъзан ман ба чаққониву зиракии мардуми худ қоил мешавам, аммо, мутаассифона, на ба маънои мусбат. Масалан, мо хуб медонем, ки тибқи Қонун миқдори меҳмонони ба тӯй даъватшаванда маҳдуд аст, аммо тамоми имконияту воситаҳоро истифода мебарем, ки миқдори зиёдтарро даъват кунем ва он ҳам ба тарзе ки ҳеҷ кас пай набарад. Ва ин роҳро хатман пайдо мекунем. Фақат ҳеҷ гоҳ чунин андеша ба сарамон намеояд, ки беҳтараш тӯйро бо миқдори камтари меҳмонон гузаронему маблағи сарфшударо сарфи эҳтиёҷоти арӯсу домод кунем.**



Таъсиси Маркази миллии тестӣ[22] ва ворид намудани қоидаҳои нави дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ аз муҳимтарин дастовардҳои низоми маориф дар солҳои охир аст. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти ТҶ «Иқтисод ва идора» дар мавзӯи «Рушди бозори таълими инфиродӣ (репетиторӣ) дар партави фаъолияти Маркази миллии тестӣ» (лоиҳаи ИҶК–БМ) нишон доданд, аксарияти кулли донишҷӯёни ба таҳқиқот ҷалбшуда (90%) эътироф кардаанд, ки чораёни имтиҳонот шаффофу одилона сурат мегирад, хароҷоти аҳолӣ барои имтиҳоноти дохилшавӣ ба маротиб коҳиш ёфтааст, имконоти дохилшавӣ бештар шудааст, сатҳи ришватхӯрӣ хеле поин рафтааст. Аз ҷониби дигар, шумораи онҳое, ки барои тайёр шудан ба имтиҳонот аз муаллимони инфиродӣ истифода кардаанд, ба таври қобили назар афзудааст (40%-и пурсидашудагон аз хизмати омӯзгорони инфиродӣ истифода кардаанд ва боз 10% дар курсҳои тайёрӣ, ки дар назди донишгоҳҳо таъсис меёбанд, хондаанд). Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба шарофати таъсиси ин Марказ шумораи ҳарчи бештари падару модарон фаҳмида истодаанд, ки бояд маблағҳои мавҷударо оқилона истифода баранд, ба умеди шиносу миёнаравҳо ва «тағоҳо» нашаванд. Ин далели равшани он аст, ки мо аз дигарон ҳеҷ камие надорем, мо низ метавонем, агар бихоҳем. Муҳим он аст, ки ин оғози нек зери таъсири омилҳои манфӣ симову сирати худро дигар накунад. Чунин омилҳо, ба андешаи мо, инҳоянд:

1) сатҳи бисёр пасти холҳои гузариш, ки имконияти гузаштани эҳтимолии довталабони тасодуфиро ҳангоми интихоби ҷавобҳои тахминӣ (аз рӯйи назарияи эҳтимолият) ба вуҷуд овардааст;

2) ҳангоми пур нашудани гурӯҳҳои академикӣ аз рӯйи нақшаи қабул ба қабули иловагии довталабон рӯ овардани роҳбарони баъзе мактабҳои олӣ, ки эҳтимоли қабули довталабони ношойистаро афзоиш медиҳад.

Далелҳое, ки барои ҳақ баровардани ин амал пеш меоранд, хеле ҷолиб аст: агар ин корро накунем, ба муаллимон аз кадом ҳисоб маош диҳем? Яъне, боз ҳамон формулаи пешина – пул бидеҳ ва таҳсил кун

---

[22] Зимнан, ба андешаи мо, номи ин Марказ он қадар дуруст нест, он бояд "Маркази миллии тест" ё "Маркази миллии имтиҳонот" номида шавад, на "тестӣ".

рӯйи кор меояд. Аммо сифати таҳсил, мутаассифона, аз маддӣ назар дур мемонад.

Зимнан, чанд сухан дар бораи тайёр кардани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Дар соли 2006 ман дар Конференсияи 13-уми илмии байналмилалӣ дар Донишгоҳи Индиана (ИМА), ки ба мавзӯи сифати таҳсилоти олӣ бахшида шуда буд, иштирок ва баромад намудам. Амрикоиҳо хеле дӯст медоранд, ки низоми таҳсилоти худ ва усули тайёр кардани кадрҳоро дар донишгоҳҳо таъриф кунанд. Сифати баланди таҳсилоти олии худро таъкид карда, дар қатори муҳимтарин омилҳои комёбӣ ба он муҳайё намудани беҳтарин шароитро барои толибилмон, чи дар мактабҳои ибтидоиву миёна ва чи дар сатҳи коллеҷу донишгоҳҳо қайд мекунанд. Дар ҳақиқат низ ҳамин тавр аст: он чи дар синфхонаҳои онҳо дида мешавад, шароите, ки дар он донишҷӯён таҳсил мекунанду омӯзгорон кору фаъолият мекунанд, ҳанӯз барои мо орзу аст. Аммо як омили муҳими дигарро низ набояд аз маддӣ назар дур кунем: кифоят ва шаффофияти бозори меҳнат. Суханронии ман маҳз ба таҳлили алокамандии сифати таҳсил дар донишгоҳҳо ва шаффофияти бозори меҳнат бахшида шуда буд [1].

Ҳангоми ба кор қабул кардан, дар Амрико ва дигар кишварҳои пешрафта мансубияти ҷинсӣ, фарҳангӣ, динӣ, миллату забон, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, намуди зоҳирӣ ва ғайра ҳеҷ аҳаммият надорад. Ҳатто ба дипломҳои мавҷуда кам аҳаммият медиҳанд. Кордеҳон ба қобилияту истеъдод, донишу маҳорати касбии шахс эътибор медиҳанд, имтиҳон мекунанд ва ба кор қабул мекунанд. Аз ҷумла, агар хоҳед, ки масалан, ба сифати адвокат ё прокурор кор кунед, доштани дипломи ҳуқуқшиносӣ кофӣ нест – бояд аз имтиҳони махсуси Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ИМА низ гузаред.

Бозори меҳнати мо хеле нокифоя аст ва бар замми ин шаффоф нест. Ин боиси таассуф аст ва оқибати хуб надорад. **Агар аз пайвандони мо касе бемор шавад, ҳамаи мо кӯшиш мекунем, ки пизишки хуберо пайдо кунем, асло намепурсем, ки ӯ кист ва аз куҷост, мард аст ё зан, тоҷик аст ё рус, мусалмон аст ё насронӣ, пир аст ё ҷавон ва ғайра. Муҳим он аст, ки пизишки касбӣ бошад, кори худро хуб донад ва бемори моро табобат кунад. Проблемаҳои ҷомеа низ як навъ бемории ҷомеа аст ва онро танҳо мутахассисон метавонанд табобат кунанд. Агар мо масъалаи шаффофияти бозори меҳнатро ҳал накунем, Тоҷикистонро тарк кардани**



**кадрҳои беҳтарин рӯ ба афзоиш хоҳад ниҳод, ки дар шароити ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ таъсири манфӣ ба бор меорад.**

Дар мисоли Маркази миллии тестӣ мо нишон додем, ки фаъолияти он ба шаффофияти имтиҳоноти дохилшавӣ чӣ қадар мусоидат намуд. Чунин иқдомот дар мавриди шаффоф сохтани бозори меҳнат низ заруранд. Дар ин мавриди дастгирии грантии давлатии таҳсилоти олӣ барои ихтисосҳои махсусан зарур, вобаста ба самтҳои стратегии рушди иқтисоди кишвар, лозим аст. Он бояд на танҳо шароити мусоиди таҳсил, балки додани стипендияи кофӣ ба донишҷӯён ва музди меҳнати баландтар ба муаллимонро дар назар дошта бошад. Беҳтар аст, ки ҳоло 20 000 доллар сарф карда, як мутахассиси хуби дохилӣ тайёр кунем ва ӯро бо кор ва музди ҳармоҳа ба андозаи 1000 доллар дар НБО-и Роғун таъмин кунем, то ин ки баъдтар маҷбуран мутахассисеро аз хориҷи кишвар даъват карда, ба ӯ музди меҳнати 3 000 доллара (ва ҳатто бештар аз он) муқаррар кунем. Мутахассиси худӣ ҳамеша худӣ боқӣ мемонад, бегона бегона аст.

Зимнан, агар салоҳиятҳои Маркази миллии тестиро васеътар намоем, бо роҳи ба ММТ интиқол додани ҳуқуқи ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳои ҷумҳуриявии мактабӣ ва донишгоҳӣ маблағҳои муайяни буҷетиро низ сарфа кардан мумкин аст. Барои таъмини шаффофияти гузаронидани ин чорабиниҳо намойиши мустақими ҷараёни онро ташкил кардан кори мушкил нест. Таҷрибаи хуберо дар ин мавриди мо борҳо тавассути барномаҳои телевизионии Россия мушоҳида кардаем.

Падару модарон асоситарин ашхоси масъул барои ояндаи фарзандони худ буданду ҳастанд ва боқӣ хоҳанд монд. Инсофан бояд иқрор шуд, ки қисми зиёди онҳо ин масъулиятро кайҳо дарк кардаанд ва дар рушди муассисаҳои таълимӣ низ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Аммо ҳамкории падару модарон ва мактаб бояд ба тарзи оқилонаю мутамаддин ба роҳ монда шавад, то ки ҳар ду ҷониб розӣ бошанд: мактаб – аз кумаки падару модарон, волидон – аз сифати баланди таҳсили фарзандон.

Кумаки падару модарон, махсусан, дар татбиқи таҳсилоти фарогир хеле муҳим аст. Пеш аз ҳама – дар дастгирии маънавӣ ва психологӣ. Воқеан, робитаи падару модар ва омӯзгор бояд мутақобила бошад. Кӯдаки имкониятҳояш маҳдуд, ки ба муошират танҳо бо одамони наздики худ одат кардааст, дар рӯзҳои аввал шахсони дигар – ҳамсинфон ва муаллимонро бо мушкилӣ қабул мекунад. Ин ҷо маблағи

иловагӣ лозим нест, онҳо ба як чиз – муносибати сирф инсонӣ ниёз доранд. Масалан, чӣ бадӣ дорад, агар омӯзгори ояндаи КИМ бо шогирди ояндаи худ пештар, дар давраи тобистон ва пеш аз омадани кӯдак ба мактаб шинос шавад? Охир ӯ, маъмулан, дар наздикии мактаб зиндагӣ мекунад. Агар ҳафтае чанд маротиба ба хонаводаи ин кӯдак ташриф биёрад, бо кӯдак муносибати самимӣ барқарор кунад, мутобиқшавии кӯдак ба муҳити мактаб осонтар мешавад. Ҳамчунин, агар каме вақти худро барои тайёр кардани хамсинфони кӯдак сарф кунад, дар онҳо низ ҳисси ҳамдигарфаҳмиву дастгирии якдигар беҳтар ташаккул меёбад. Боз бисёр чизҳои ба назари аввал содаву одӣ, аммо муҳимме ҳастанд, ки мо бояд барои кӯдакони худ дареғ надорем. Беҳуда намегӯянд, ки беҳтарин туҳфа барои кӯдак на шириниву бозичаҳо ва либосҳои хушдӯхти қиматбаҳо, балки вақте аст, ки бо онҳо мегузаронем. Подоши ин амали нек ҳатман бар хоҳад гашт – аз худи кӯдак имкон надошта бошад, аз Худованд!

**Таҳлили проблемаҳои маблағгузории соҳаи маорифро ҷамъбаст намуда, метавон иқрор шуд, ки дар муҳити мо, бо вуҷуди камбуди қобили назари маблағгузории буҷетӣ, неруи бузурги маънавӣ ва манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ мавҷуданд, ки ҳанӯз онҳоро истифода намебарем.**

Ҳамин тариқ, дар доираи маблағгузории ҷорӣ, ҳатто ҳаҷми онро афзоиш надода, роҳҳои гуногуни зиёдеро метавон ошкор намуд, ки ба истифодаи самаранoктару оқилонатари маблағҳои мавҷуда мусоидат менамоянд. Танҳо ҳамон вақт саъйу кӯшиши мо дар ҳалли проблемаҳои мавҷуда самар хоҳад дод.



## ҲАДАФ РАВШАН АСТ. ЧӢ ТАРЗ ОНРО БА ДАСТ ОРЕМ?

Ҳамаи саъю кӯшиши мо дар мавриди муайян намудан ва нишон додани проблемаҳои мавҷуда оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод, агар мо дар назди худ мақсади мушаххас гузошта, роҳҳои расидан ба онро низ қадам ба қадам муайян накунем. Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои гуногуни вобаста ба татбиқи ТФ баъзе аз фикру андешаҳои худро иброз доштем. Ҳоло мехоҳем хулосаҳои худро дар шакли маҷмӯӣ ҷамъбаст намоем.

**Проблемаҳои мавҷударо ҳама медонанд. Ташхиси ҳама гуна дард кори мушкил нест. Мушкилтар ва муҳимтар аз ҳама табобати он аст. Аз ин рӯ, ба даст овардани ҳадафҳои татбиқи ТФ дар Тоҷикистон бояд ба замина ва захираҳои ҳақиқӣ такя кунад.**

Маҳдудияти имкониятҳо дар татбиқи таҳсилоти фарогир тақозо мекунад, ки роҳҳои татбиқи бештар самаранок ва қобили қабулро вобаста ба шароитҳои ҳақиқии кишвар муайян намоем.

1. Пеш аз ҳама, бояд эътироф кард, ки таҳсилоти фарогир кори кӯтоҳмуддат набуда, ҷараёни дуру дароз аст. Аз ин рӯ, фаъолияти ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеа дар ин самт бояд қадам ба қадам, марҳила ба марҳила муайян гардида, ба роҳ монда шавад.

2. Сониян, хеле муҳим аст, ки фаъолияти мо характери дақиқ ва мушаххас дошта бошад, яъне саъю кӯшиш, кадрҳо (мутахассисон), маблағҳо, тағйироту такмилдиҳӣ, умуман, ҳамаи он чизе, ки барои фароҳам сохтани шароити таҳсилоти фарогир лозим аст, ба ҷою макони мушаххас ва дар замони муайян равона гардад, ба ҷое ки ба он бештар ниёз мавҷуд аст, вақту замоне, ки бештар муносиб аст.

3. Ниҳоят, ба андешаи мо, раҳёфти маҷмӯӣ ба масъала, аммо инфиродӣ ба ҳар шахси имконияти маҳдуддошта зарур аст. Раҳёфти маҷмӯӣ чунин маъно дорад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои умумӣ бояд ҳамаи омилҳои таъсиррасон – ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ, ҳам мусбат ва ҳам манфӣ – ба назар гирифта шаванд. Мисли он ки ҳар як дору дар баробари хусусиятҳои табобатӣ ҷиҳатҳои зараровар низ дорад, бояд кӯшиш кард, ки як узвро табобат кардан хоста, ба узви дигар зарар ворид нанамоем. Раҳёфти инфиродӣ онро дар назар дорад, ки ҳар як шахси имконияташ маҳдуд хусусиятҳои ба худ хос дорад, бинобар ин таҳияи маҷмӯи чораҳоеро тақозо мекунад, ки ба ҳамон шахси конкретӣ равона шуда бошанд.

Барои расидан ба ҳадафҳои ТФ, ба андешаи мо, чунин фаъолиятҳоро ба роҳ мондан зарур аст:

➢ Пеш аз ҳама, таҳияи шакли электронии **базаи пурраи маълумот** оид ба бачагони имконияташон маҳдуд лозим аст. Базаи маълумот бояд дорои ҳамаи иттилоот дар бораи кӯдак бошад: ному насаб, синну сол, навъи маҳдудият, таърихи беморӣ (марҳилаҳо ва натиҷаҳои табобат), таркиб ва вазъи хонаводагӣ, ҷойи истиқомат, табобатгоҳ ва номи пизишки табобаткунанда, мактаби наздиктарин ва шароитҳои он, дигар марказҳои ҷамъиятӣ ва ғайра. Ин маълумот бояд ҳар сол як маротиба таҷдиди назар шавад ва барои ҳамаи ниҳодҳои дахлдор – вазоратҳо, идораҳо ва шуъбаҳои маориф, мутахассисон, мактабҳои олии омӯзгорӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ва дигарон дастрас бошад.

➢ Базаи маълумоти таҳияшуда имкон медиҳад, ки бачагонро ба осонӣ ба гурӯҳҳо аз рӯйи навъҳои маҳдудият ҷудо намуда, имконияти таҳсили онҳоро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бевосита ва ё бо муҳайё сохтани шароити иловагӣ дақиқтар арзёбӣ намоем. Бо дарназардошти ин, мактабҳоро низ, вобаста ба имконияташон, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки масъалаҳои аввалиндараҷа ва муҳлати иҷрои онҳоро муайян намоем. Масалан, агар мо донем, ки дар ҳамин маҳалла кӯдаки панҷсолаи дорои имкониятҳои маҳдуди ҳаракаткунӣ зиндагӣ мекунад, дар навбати аввал дар мактаби наздиктарин шароити мусоидро барои ҳаракати осон ва бемамониати ӯ тайёр мекунем. Сипас, имконияти таҳсили ӯро дар синфҳои ибтидоӣ таъмин намуда, барои дар ошёнаҳои болоӣ низ таҳсил кардани ӯ дар оянда чораҳо меандешем (сохтани лифт, зинаҳои мувофиқ ва ғайра). Агар дар тӯли ду сол (то ба синни мактабӣ расидани кӯдак) имконияти дар ҳамин мактаб муҳайё кардани шароит набошад, барои ба таҳсил фаро гирифтани кӯдак дар мактаби дигаре, ки шароит дорад, чораҳо меандешем. Барои ин дар Оинномаи мактабҳои инклюзивӣ бояд муқаррароте ворид карда шавад, ки мактаб метавонад кӯдаки имконияташ маҳдудро аз маҳаллаҳои дигар низ қабул кунад. Шарт нест, ки кӯдак дар наздиктарин мактаб таҳсил кунад, муҳим он аст, ки ӯ ба таҳсилоти умумӣ ворид шавад.

➢ Вобаста ба шароити кунунии Тоҷикистон, агар дар мактаби таҳсилоти умумӣ имконияти таҳсил кардани кӯдаки имконияти маҳдуддошта набошад, аз қабули ӯ ба мактаб-интернат набояд даст кашид. Фақат инкишоф ва иҷтимоишавии кӯдак набояд аз мадди назар



дур монад. Масалан, кӯдаки нобиноро мумкин аст аввал ба мактаб-интернат бурда, пас аз алифбои Брайлро аз худ карданаш ӯро ба мактаби таҳсилоти умумӣ гузаронем. Дар ин маврид барои ӯ шароити зарурӣ муҳайё кардан лозим аст.

➢ Натиҷаҳои таҳлили базаи маълумот бояд ҳангоми таҳия ва татбиқи нақшаи фаъолиятҳо (консепсияҳо, қарорҳо, барномаҳо) оид ба таҳсилоти фарогир ба назар гирифта шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳамаи чорабиниҳо бо дарназардошти ҳаҷми кор, муҳлати иҷро, шахсони масъул, макони иҷро, манбаъҳо ва ҳаҷми маблағгузорӣ амиқтар муайян карда шавад. Масалан, ба ҷойи ифодаҳои навъи «То соли Х дар 10%-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ шароитҳои таҳсилоти фарогир фароҳам оварда шаванд», аз ифодаҳои амиқтар истифода шавад. Масалан: «То моҳи сентябри соли 2018 дар шаҳри Хуҷанд дар мактабҳои таҳсилоти умумии №№ 4, 7, 8, 25 ва 52 корҳои зарурии сохтмонӣ ва тағйири инфрасохтор бо мақсади ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба анҷом расонида шаванд. Аз ҷумла, дар мактаби № 4 барои ҷалби 4 нафар кӯдаки дорои норасоиҳои биноӣ, дар мактаби № 7 барои 3 нафар кӯдаки дорои норасоиҳои дастгоҳи такягоҳӣ-ҳаракатӣ (ва ғайра). Иҷрои корҳои сохтмонӣ ба уҳдаи ширкати сохтмонии «Хуҷандсохтмон» вогузор гардад. Маблағгузорӣ дар ҳаҷми 2 млн. сомонӣ аз ҷониби буҷети вилоят сурат мегирад». Ҳамин навъи дақиқ намудани чорабиниҳо ба бозомӯзии муаллимон низ дахл дорад (чанд нафар, аз кадом мактабҳо, кай, барои кадом мактабҳои мушаххас, дар кадом самт ва ғайра).

➢ Барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба таҳсилоти фарогир ба фикру андешаҳои мутахассисони маҳаллӣ (дохилӣ) такя кардан лозим аст. Лоиҳаҳо бояд аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он бо ҷалби мутахссисони соҳа ва дастгирии донорҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқ шаванд. Ин ҷо ду омил бояд дар назар дошта шавад: 1) ҳамаи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ таҳия мешаванд, бояд бо дарназардошти шароитҳои ҳақиқӣ ва манфиатҳои миллӣ арзёбӣ ва таҷдиди назар шаванд; 2) дар риштаи таҳсилоти фарогир бояд лоиҳаҳои нисбатан калонҳаҷм бо дарназардошти самаранокӣ ва устувории онҳо дар оянда, пас аз анҷоми муҳлати лоиҳа, таҳия ва татбиқ шаванд.

➢ Ташаккули афкори мусбати ҷомеа то ҳол масъалаи муҳим ва ҳалношуда ба ҳисоб меравад. Мо ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои муттасил ва ҳамешагӣ, аз ҷумла, барномаҳои радиоӣ ва

телевизионӣ, инъикоси ҳаёт ва фаъолияти КИМ, ки дар зиндагӣ ба комёбиҳо ноил гардидаанд, ниёз дорем. Дар адабиёти назариявӣ ва таълимӣ оид ба асосҳои таҳсилоти фарогир маъмулан бахшҳои махсусе мавҷуданд, ки дар бораи шахсиятҳои шуҳрати ҷаҳонидошта ҳикоят мекунанд, ки мавҷуд будани имкониятҳои маҳдуд барояшон ҳаргиз монеаи ба даст овардани комёбиҳо нагардидааст. Аз ҷумла, барои намуна собиқ президенти ИМА Франклин Рузвелт, адибони машҳур Лорд Байрон, Николай Островский ва дигарон оварда мешаванд. Аммо мо ба қаҳрамонҳои худ ниёз дорем. Бигзор онҳо шуҳрати ҷаҳонӣ надошта бошанд, вале ба худ эътимод дошта бошанд, бо матонат мушкилиҳоро паси сар карда бошанд, дар ҷомеа мақому обрӯи шойиста пайдо карда бошанд, шахсони ҳақиқӣ бошанд. Хушбахтона, мо чунин шахсиятҳоро дорем. Ба ин масъала падару модарони КИМ-ро низ бояд ҷалб кард. Онҳо метавонанд дар бораи он нақл кунанд, ки чӣ хел бо саъйу кӯшиш ва боварӯ эътимод ба оянда кӯдакони шойиста, дӯстрӯ ва дӯстдоштаи худро ба воя расонидаанд.

➢ Чораёни муназзам ва оқилонаи ташаккули афкори мусбати ҷомеаро беҳтар аст, ки бо ташаккул ва инкишофи ҳаракати ихтиёриён дар байни ҷавонон, онҳое, ки омодаанд ба чунин кӯдакон, падару модари онҳо ва омӯзгорон кумаки худро дареғ надоранд, ба роҳ монем. Ба сафи ихтиёриён хонандагони синфҳои болоӣ, донишҷӯён, хешу таборони худи кӯдакон ва ҳар каси дигари хоҳишманд метавонанд ҷалб шаванд. Дар бораи фаъолияти ин гуна ихтиёриён низ бештар дар расонаҳои иттилоотӣ гузориш додан ба мақсад мувофиқ аст.

➢ Дар ин замина ташкилотҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳои волидони кӯдакони имкониятшон маҳдуд ва амсоли онҳо нақши муҳим доранд. Ин гуна ташкилотҳо аз дастгирии ҳамаҷонибаи давлат, ҷомеа ва созмонҳои байналмилалӣ бархурдоранд. Хеле муҳим аст, ки соҳа ва қаламрави фаъолияти онҳо васеъ гардонида шавад, дастрасии ҳамаи эҳтиёҷмандон ба онҳо таъмин гардад. Дар чорабиниҳое, ки онҳо барои КИМ ташкил мекунанд, ҳарчи бештар кӯдакони солимро низ даъват кардан бамаврид ва ба фоидаи кор аст.

➢ Таҷдиди назари сиёсат дар самти фаъолияти мактаб-интернатҳо ба хотири инкишофи минбаъдаи онҳо ба сифати марказҳои захиравии таҳсилотӣ низ хеле муҳим аст. Ташкили машғулиятҳои амалӣ барои бозомӯзии омӯзгорон дар онҳо бояд дар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ аниқ инъикос ёбад. Кодекси таҳсилот, ки ҳоло дар чараёни таҳия қарор дорад, бояд аз нигоҳи таҳсилоти фарогир



ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ гардад, то ки дар оянда дар мавриди татбиқи нақшаҳои таҳсилоти фарогир ихтилофи назар бо қонунгузорӣ ба миён наояд.

➢ Ба роҳ мондани ҳамкориҳои самараноки байни ҳамаи муассисаҳои таълимӣ (мактабҳои маъмулӣ, мактабҳои инклюзивӣ ва мактаб-интернатҳо), чӣ дар миёни омӯзгорон ва чӣ дар байни хонандагон аз беҳтарин роҳҳои таъмини иҷтимоишавии кӯдаконест, ки дар мактаб-интернатҳо таҳсил мекунанд. Ин гуна ҳамкориҳо бояд ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои муштараки варзишӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва ғайраро дар назар дошта бошанд.

➢ Таъсиси марказ ё раёсати алоҳидаи таҳсилоти фарогир, ки байнисоҳавӣ буда, ба ягон вазорату идора тобеъ набошад, дар шароити имрӯза хеле муҳим аст. Маҳз бо роҳи ташкили чунин маркази идоракунии таҳсилоти фарогир масъалаҳои танзим ва ҳамоҳанг сохтани фаъолиятҳои вазоратҳои мухталиф имконпазир мегардад. Ин марказ бояд дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳои васеи таҳия ва татбиқи нақшаҳои мушаххас оид ба таҳсилоти фарогир бошад.

➢ Сабуктар намудани муқаррароти Кодекси андоз дар соҳаи маориф, умуман ва дар самти таҳсилоти фарогир, махсусан, заминаҳои хуби беҳтар намудани маблағгузориро ба ин соҳа фароҳам месозад. Барои таъмини фаъолияти истеҳсолии мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои таълимии дигар қадамҳои ҷиддӣ гузоштан лозим аст.

➢ Ниҳоят, масъалаи хеле муҳим ба роҳ мондани танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф, махсусан, дар самти таҳсилоти фарогир аст. Фаъолияти созмонҳои маблағгузори байналмилалӣ бояд барои татбиқи нақшаҳои фаъолият ва дигар барномаҳои ҳукуматӣ тавре равона шавад, ки татбиқи муназзами таҳсилоти фарогирро дар ҳама минтақа баробар таъмин намояд, на дар мактабу ноҳияҳои ба истилоҳ пилотӣ. Лоиҳаҳои онҳо бояд такрори якдигар набуда, балки барои пурраву комил сохтани лоиҳаҳои пешина равона шаванд.

Табиист, ки боз пешниҳоду андешаҳои дигари ҷолиб дар масъалаи мавриди назар вуҷуд дошта метавонанд. Муҳим он аст, ки ҳар як фикру андеша ва пешниҳод ҳамаҷониба баррасӣ ва таҳлил ёфта, мавриди иҷро қарлр дода шавад.

## СОЛИ НАВИ 2030 МУБОРАК, ДӮСТОНИ АЗИЗ! (БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН)

Биёед, як лаҳза ба орзуҳои ширин ғӯтавар мешавем. Тасаввур мекунем, ки дар остонаи соли нави 2030 қарор дорем. Ғайр аз табрикоти расмиву дӯстона дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ мақолаҳои зиёде дар бораи бурду бохтҳои солҳои пешин ва нақшаҳои оянда чоп шудаанд. Ва яке аз онҳо ба таҳлили проблемаҳои ШИМ бахшида шудааст...

Акнун ба худ савол медиҳем: Фаъолияти мутахассисон ва шахсони масъули имрӯзаи мо, яъне ҳамаи он кору амалҳое, ки мо имрӯз анҷом додем, ё натавонистем анҷом диҳем, аз ҷониби насли нав, ки дар соҳаи маориф фаъолият мекунад, чӣ гуна арзёбӣ хоҳад шуд? Ба ибораи дигар, оё метавонем фаъолияти имрӯзаи худро аз нуқтаи назари оянда баҳогузорӣ кунем? Оё онҳое, ки бо амри тақдир фаъолияти сгозкардаи моро идома хоҳанд дод, аз кору амалҳои мо розӣ хоҳанд буд? Андешаҳои мо, мавқеи мо, нуқтаи назарҳои мо ва муҳимтар аз ҳама, сатҳи касбияти мо чӣ гуна арзёбӣ хоҳанд шуд? Бо эҳтимолияти зиёд метавон пешбинӣ намуд, ки дар он замон мутахассисону муҳаққиқони беҳтаре рӯйи кор хоҳанд омад, ки дар кору таҳқиқоти худ қарору фаъолиятҳои амалии мо, қонуну консепсияҳои мо, таҳқиқоту андешаҳои мо, китобу мақолаҳои моро мӯшикофона таҳлилу баррасӣ хоҳанд намуд.

Ман, шахсан, хеле хушҳол хоҳам буд, агар проблемаҳо ва мушкилоти имрӯзаи мо барои онҳо чун як афсонаи нобоваре намоён шавад ва бо ҳайрат гӯянд: «Наход ҳамин гуна замоне буд?» Ман хеле хушҳол хоҳам буд, агар ҳукумату ҷомеа то он замон ҳамаи мушкилоти ҷойдоштаро оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир тавонанд ҳал кунанд ва ҳамаи КИМ бо таҳсилоти умумӣ фаро гирифта шаванд...

Аммо ҳоло ин фақат орзуи ширин аст. Агар ба номгӯйи конунҳое, ки аз ҷониби Парламенти кишвар дар чанд моҳи охир ба тасвиб расидаанд, назар андозем, хоҳем дид, ки аксари онҳо чунин шурӯъ мешаванд: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи...» Албатта, мо дар замони тағйирёбанда зиндагӣ мекунем, зиндагӣ ва ҷомеа босуръат дар ҳоли рушд қарор доранд. Табиист, ки дар чунин шароит қонунҳоро низ иваз кардану такмил додан лозим меояд. Аммо, ба ҳар ҳол, ба андешаи шахсии ман, аксари ин



«тағйироту иловаҳо» ба он хотир низ ворид мешаванд, ки мо ҳанӯз ба оянда нигаристан, пешбинӣ карданиояндаро ёд нагирифтаем, ҳангоми таҳияи қонунҳо наметвонем ҳамаи омилҳои таъсиррасонро дар оянда таҳлил кунем, онҳоро бо дарназардошти ин омилҳо чандиртару фарогиртар таҳия кунем. Мо инро дар мисоли Барномаи рушди муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи хусусӣ дар давраи солҳои 2014-2020 нишон додем. Чунин тарзи муносибат ба таҳияи барномаҳои фаъолият ташвишовар аст. Ҳоло Кодекси таҳсилот таҳия ва тасдиқ хоҳад шуд. Оё метавонем онро тарзе таҳия кунем, то ки пас аз ҳар давраи бисёр кӯтоҳ ба он барнагардем ва боз тағйиру иловаҳои зиёде ворид насозем?Ояндабинӣ омили муҳимми ҳақиқӣ будани иқдомҳои мост. Татбиқи таҳсилоти фарогир низ истисно нест...

Бо ин андешаҳо мехоҳам ҳамаи онҳоеро, ки худро мутахассиси ин соҳа ҳисоб мекунанд, онҳоеро, ки дурустӣ, устуворӣ ва самаранокии таҳия ва қабули барномаву нақшаҳо оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир дар ихтиёрашон аст, самимона даъват намоям, ки тамоми ҷузъиёти масъаларо баррасӣ кунанд, андешаҳо ва мавқеи дигаронро ба назар гиранд, тамоми ҷиҳатҳои мусбат ва манфии масъаларо мӯшикофона таҳлил кунанд. Ба хотириояндаи дурахшони фарзандони мо, то ки ҳамон тифлакони хурду бегуноҳи имрӯза, ки ба мо умеду бовар доранд, фардо ба мо фақат ташаккур гӯянд. Худо кунад, ки онҳо фардо зиндагии худро бо зиндагии ҳамсолони худ дар кишварҳои дигар муқоиса карда, нагӯянд: «Чаро онҳо беҳтар аз мо зиндагӣ мекунанд?» «Мо чӣ бадӣ дорем?», балки гӯянд: «Мо ҳам мисли онҳо хушбахтем!»

Ба ҳама дар соли нави 2030 саломативу хушбахтӣ ва рӯзгори нек орзу мекунам!

Соли нави 2030 муборак, дӯстон!






## ФЕХРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Bayzoev A. Quality of Higher Education in Republic of Tajikistan. The 13th Annual Central Eurasian Studies Conference, Indiana University, Bloomington, USA, 2006. – p. 12-14.
2. Bayzoev A., Kodirov Sh., Amonov N. Monitoring: Education Needs of Children With Visual Impairments in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: Irfon, 2009. – 76 p.
3. Bayzoev A., Kodirov Sh., Amonov N. Non-Formal Education in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: Irfon, 2008. – 46 p.
4. Cabinet Office, Japan, 2012, *Education*, Retrieved from http://www8.cao.go.jp/youth/whitepaper/h25honpen/b1_03_01.html
5. Cabinet Office, Japan, 2014, *Document for explanation about Free pre-primary education*, Retrieved from http://www.cas.go.jp/jp/seisaku/youji/dai3/siryou3.pdf
6. Center for Research on International Cooperation in Educational Development, University of Tsukuba Retrieved from http://www.criced.tsukuba.ac.jp
7. JICA, 2004, «The History of Japan's Educational Development»
8. MEXT, 2014, *Result of the school basic research in 2014 academic year*, Retrieved from http://www.mext.go.jp/component/b_menu/other/__icsFiles/afieldfile/2014/12/19/1354124_1_1.pdf
9. Monitoring School Dropouts. – New York, 2009.
10. Yokuo Murata and Mitsuru Yamaguchi, 2010, «A Bilingual Text: Education in Contemporary Japan – System and Content».
11. Амонов Н., Байзоев А., Бобоев Х., Кодиров Ш. Анализ ситуации высшего образования в РТ. – Душанбе, 2006. – 136 с.
12. Амонов Н., Байзоев А., Бобоев Х., Кодиров Ш. Дети вне образовательной системы: Проблемы и пути решения (на русском и английском языках). – Душанбе, 2005. – 44 с.
13. Амонов Н., Байзоев А., Бобоев Х., Сафаров И., Зиёев Р., Кодиров Ш. Таҳлили вазъи соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2003. 104 с.
14. Бабаева Л. Применение модели инклюзии на опыте пилотных детских дошкольных учреждений шаг за шагом в Таджикистане//Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы, поиск путей решения» – Душанбе, 2012. –с. 117-119.

15. Байзоев А. Бо дидаи ибрат нигарем. «Омӯзгор», №№21, 22-23, 24 ва 31 майи с. 2002.
16. Байзоев А. Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана. -- Душанбе, 2016. – 110 с.
17. Байзоев А. Қадамҳои устувор дар рушди мактаб (Роҳнамои истифода аз китоби Индекси инклюзия). – Душанбе, Эр-Граф, 2015. – 46 с.
18. Байзоев А. Мушкилоти татбиқи низоми кредитии таҳсил.// «Таҳқиқоти педагогӣ: Мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» (Маводи конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии ПРМ), 2014, с. 161-164.
19. Байзоев А. О грантовой системе поддержки высшего образования//Материалы семинара «Совершенствование преподавания экономических курсов в системе высшего образования РТ. -Душанбе, РИА «Статус», 2001. –с. 10-14.
20. Байзоев А. Особенности, механизмы и этапы внедрения инклюзивного образования на национальном уровне (на примере Таджикистана)//Материалы международной научно-практической конференции. – Томск, 2014. – с. 47-53.
21. Байзоев А. Як дарси таърих дар мактаби Амрико//Мактаб ва ҷомеа, №3, 2006, с. 25-28.
22. Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020.
23. Государственная программа развития образования и науки Республики Казахстан на 2016 - 2019 годы. – Астана, 2016.
24. Гэри Банч. Поддержка учеников с нарушением интеллекта в условиях обычного класса. Пособие для учителей//Ред. Н.В. Борисова. – М.: РООИ «Перспектива», ООО «Издательство МБА», –2008 г.
25. Дети с особыми образовательными потребностями в Казахстане, Кыргыстане и Таджикистане. – Бишкек, 2009. – 32 с.
26. Детский церебральный паралич: диагностика и коррекция когнитивных нарушений. Учебно-методическое пособие, Москва Союз педиатров России. –2012 г.
27. Дименштейн Р.П., Ларикова И.В. Интеграция «особого» ребенка в России: законодательство, практика и перспективы. Особый ребенок: исследования и опыт помощи, 2000. – Вып.3



28. Жить вместе и учиться вместе в начальной школе (классы с совместным обучением) – Мн.: Белорусская ассоциация помощи детям-инвалидам, 1999.
29. Журнал исследований социальной политики. Том 11, №4. – 2013.
30. Закон Республики Казахстан «О социальной и медико-педагогической коррекционной поддержке детей с ограниченными возможностями». – Астана, 2002.
31. Закон Республики Казахстан «Об образовании». –Астана, 2013.
32. Инклюзивное образование: ключевые понятия. Авторы-составители: Н.В. Борисова, С.А. Прушинский / Отв. ред.: М. Перфильева. – М.: Владимир, ООО «Транзит-ИКС», 2009.
33. Инклюзивное образование: политика, содержание и сравнительные перспективы/Под ред. Ф. Армстронга, Д. Армстронга, Л.Бартона. – Лондон, 2000. – 78 с.
34. Инклюзивное образование: право, принципы, практика. Авторы-составители: Н.В. Борисова, С.А. Прушинский/Отв. ред.: М. Перфильева. - М.: Владимир, ООО «Транзит-ИКС», 2009.
35. Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения.//Материалы международной конференции. – Душанбе, 2012.
36. Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения.//Материалы второй международной конференции. – Душанбе, 2013.
37. Инклюзивное образование: путь в будущее: Международная конференция по вопросам образования. 48-я сессия ООН по вопросам образования, науки и культуры, 2008.
38. Искакова А.Т., Мовкебаева З.А.,, Айтбаева А.Б., Байтурсынова А.А., Закаева Г. Основы инклюзивного образования: Учебное пособие. – Алматы, 2013.
39. Исмонов Ф. Рушди маблағгузории соҳаи маориф дар давраи истиқлолият. – Душанбе, 2011.
40. Исмонов Ф., Ходжаева С. Достижения Республики Таджикистан по переводу школ на подушевое финансирование. – Душанбе, 2010.
41. Каримова И. Инклюзивное образование: Проблемы и перспективы//Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы, поиск путей решения» – Душанбе, 2012. –с. 3-5.
42. Кодиров Ш., Байзоев А., Амонов Н. Таҳлили маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ирфон. – 148 с.
43. Конвенция о правах инвалидов. ООН, 2006 г.

44. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015.
45. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013).
46. Маджидова Б. Проблемы подготовки кадров инклюзивного образования в республике//Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы, поиск путей решения» – Душанбе, 2012. –с. 127-129.
47. Мастюкова Е.М., Московкина А.Г. «Они ждут нашей помощи». М.: Педагогика. –1991г. – 159 с.
48. Основы инклюзивного образования. Сост.: Маджидова Б., Юнусова М., Курбонова Г. – Душанбе, 2013. – 264 с.
49. Постановление Кабинета Министров Украины «О порядке организации инклюзивного образования в общеобразовательных учебных заведениях». – Киев, 15.08.2011, № 872.
50. Рекомендации по организации интегрированного (инклюзивного) образования детей с ограниченными возможностями в развитии. – Астана, 2009.
51. Сулейманова Р.А. О включении детей с ограниченными возможностями в общеобразовательный процесс//Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы, поиск путей решения» – Душанбе, 2012. –с. 49-54.
52. Таҳсилоти фарогир (дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос. Таҳти назари Байзоев А. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 222 с.
53. Тони Бут, Мел Айнскоу. Индекси фарогирӣ (инклюзия): Рушди таҳсил ва иштирок дар мактаб (тарҷумаи Шарифов Б. аз англисӣ, таҳрир ва такмили Байзоев А.). – Душанбе, Эр-Граф, 2015. -196 с.
54. Ҳисобот оиди натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологии «Низоми миллии тестӣ: имконият ё монеа барои соҳиби таҳсилоти олӣ шудани шахсони имконияташон маҳдуд». Ҷамъияти маъюбони «Имконият»-и ш. Душанбе. – Душанбе, 2016. – 74 с.
55. Ҳисоботҳои солонаи Институти Ҷамъияти Кушода – Тоҷикистон: 2007 – 2015.

**БАЙЗОЕВ АЗИМ**

# ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР: РАҲЁФТИ МАҶМӮЙ БА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР ЗАМИНАИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМ

Ба матбаа 11.03.2017 супорида шуд.
Ба чопаш 15.03.2017 имзо шуд. Формати 60x84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Ҷузъи чопии шартӣ 9,75. Адади нашр – 500 нусха. Фармоиши № 10.

ҶДММ «Донишварон».
734036, ш. Душанбе, к. Амоналная, 3/1.
Тел.: (+992) 91 514 45 45. E-mail: donishvaron@mail.ru



ISBN 978-99975-53-15-7
9 789997 591104